**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

*ТДУ 891.550*

*ТКБ 83.3 тоҷ*

*Р-47*

**Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна**

# ХУСУСИЯТҲОИ ҒОЯВӢ, ЖАНРӢ ВА БАДЕИИ АШЪОРИ МУҲАММАД ҒОИБ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

бароии дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ,

профессор Салими Хатлонӣ

**Душанбе – 2025**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА..........................................................................................3-12**

**БОБИ I. МУҲАММАД ҒОИБ ВА ҶОЙГОҲИ ШЕЪРИ Ӯ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК..................................................13-60**

1.1. Марҳилаҳои ташаккули шахсияти адабии Муҳаммад Ғоиб.............13-27

1.2. Вижагиҳои муҳтавои ашъори шоир..................................................28-44

1.3. Бозтоби бадеии симоҳои таърихӣ ва адабию фарҳангӣ дар шеъри Муҳаммад Ғоиб .......................................................................................44-60

**БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРИИ АШЪОРИ МУҲАММАД ҒОИБ.........................................................................61-117**

2.1 Ҷойгоҳи ғазал дар эҷодиёти шоир.....................................................61-80

2.2 Рубоӣ дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб.................................................80-92

2.3 Дубайтиҳои шоир...............................................................................92-100

2.4 Чаҳорпора........................................................................................100-105

2.5 Шеъри озод........................................................................................105-111

2.6 Мавқеи шеъри бачагона дар эҷодиёти шоир..................................111-117

**БОБИ III. ҶАНБАҲОИ АДАБӢ ВА ҲУНАРИИ АШЪОРИ МУҲАММАД ҒОИБ.......................................................................118-148**

3.1 Корбурди орояҳои адабӣ дар ашъори шоир.................................118-138

3.2 Муҳаммад Ғоиб – шоири ҷӯянда ва навгаро................................138-148

**ХУЛОСА.........................................................................................149-152**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.................................................................153**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.................................................................154-163**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Таърихи адабиёти навини тоҷик аз аввали асри XX сарчашма гирифта, дар рӯёрӯи тағйироти куллии сиёсиву иҷтимоӣ бо гузашти замон ба дастовардҳои намоёне ноил гардид. Дар ин радиф мавриди таҳқиқу пажуҳиши муҳаққиқон, олимону донишмандони дохиливу хориҷӣ қарор гирифтани саҳифаҳои рангини он бозгӯкунандаи заҳматҳои аҳли адаби кишварамон барои ба маҷро андохтани равобити гуногунҷанбаи адабӣ ва муаррифии осори бебаҳои адабиёти навин ба шумор меравад.

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии кишварамон раванди муҳити адабӣ бинобар таҳқиқоту пажуҳишҳо ранги дигар гирифта, барои муаррифии бештари эҷодиёти адибон ва дар ҳамаи жанрҳои бадеӣ муваффақона асар офаридани онҳо мусоид омад. Чунонки дар даврони қабл аз соҳибистиқлолӣ офариниши асарҳо ва таҳқиқоти адабӣ бояд танҳо дар доираи мафкураву талаботи маънавии “инсони шуравӣ” анҷом дода мешуд, вале замони нав барои таҳлилу таҳқиқи адабиёт заминаҳои наву созандаро фароҳам оварда, равобити миёни адибони тоҷикро бо аҳли адаб ва марказҳои эҷодии мамолики олам ва бахусус ҳамсоякишварҳои ҳамзабон ба вусъат густариш бахшид.

Нахуст аз оғози солҳои 60-ум ва баъдан аз нимаи дуюми солҳои 80-уми садаи XX дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Иттиҳоди Шуравӣ бо мақсади барқарории адолати иҷтимоӣ, ошкорбаёнӣ ва демократия ба унвони раванди бозсозӣ дар тамоми сохтори ҷомеа ба миён омад, ки бо ин тағйирот сабабгори аз ҳам рехтани пойдевори ин давлати абарқудрат ва ба мустақилият расидани кишварҳои иттифоқ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Пешомадҳои сиёсие, ки дар айёми бозсозии Тоҷикистон ба вуқуъ пайваст, ба ҳаёти адабии кишвар таъсири ҷиддӣ расонда, заминаҳои мусоид аз маҳдудиятҳои ягонаи адабиёти шуравӣ баромаданро муҳайё намуда, аз ҷумла барои адибони тоҷик низ фазои муносиби кору эҷодро дар доираи фарҳангу тамаддуни миллӣ фароҳам намуданд.

Дар намунаҳои ашъори солҳои 80-уми садаи гузашта, як навъ ошкорбаёнӣ дар эҷодиёти Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Ашӯр Сафар, Меҳмон Бахтӣ, Саидалӣ Маъмур, Гулназар, Ҳақназар Ғоиб, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Гулрухсори Сафӣ, Аскар Ҳаким, Саидҷон Ҳакимзода, Ҷамолиддин Каримзода, Абдулло Қодирӣ, Салимшо Ҳалимшо, Ширин Бунёд, Ҳадисаи Қурбон, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Муҳаммад Ғоиб, Зиё Абдулло, Доро Наҷот, Муҳтарам Ҳотам, Султон Шоҳзода, Искандари Хатлонӣ, Зулфия Атоӣ ва дигарон ба назар мерасад.

Дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоии даврони соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон адабиёт ва адибонро ҳам соҳиби истиқлоли комил гардонид ва шоирони навгароеро дар симои Муҳаммадалии Сиёвуш, Фарзонаи Хуҷандӣ, Алимуҳаммад Муродӣ, Низом Қосим, Муҳаммад Холиқ, Рустами Ваҳҳоб, Шаҳрияи Аҳтамзод, Сафар Амирхон, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Салими Хатлонӣ, Хайрандеш, Раънои Мубориз, Абдулқодири Раҳим, Қувватбек Давлат, Олимхон Исматӣ, Салими Зарафшонфар, Озар Салим, Нафасбеки Раҳмонӣ, Давлат Сафар, Ато Мирхоҷа ва дигарон ба арсаи эҷод овард.

Таҳқиқ ва накду баррасии ҳунари эҷодӣ, бахусус, пажуҳиши ашъори шоирон, муайян кардани мавзуъ, шакл, сохтор, маъниву мазмун ва нишон додани навъҳои шеърии эҷодиёти онҳо аз вазифаҳои муҳимми адабиётшиносон ва ноқидони осори адабӣ маҳсуб меёбад. Бо ин роҳ, муҳаққиқон метавонанд ҳаводорони каломи бадеъро ба масъалаҳои воқеии адабиётшиносӣ, пеш аз ҳама, ба салиқаи шоирии ҳар адиби мавриди назар, ҳамчунин тарзи коргирии ӯ аз жанрҳои бадеӣ, истифодаи санъатҳои мухталиф, дар маҷмуъ поэтикаи ашъори ӯ ошно гардонанд.

Мавзуъҳои асосии адабиёти муосири тоҷик аз намунаи барҷастаи масъалаҳои ҳувийяти миллӣ таркиб ёфтааст. Дар шеъри замони муосир хислатҳои муҳимми инсонӣ, ки ташаккули миллатро таҳким мебахшад, ҳамбастагӣ ва ваҳдат тавсиф ёфта аст. Шоирони муосири тоҷик Мирзо

Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Аскар Ҳаким, Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб ва дигарон дар жанрҳои суннатии шеър, аз қабили ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ навовариҳо ва навҷӯиҳо намудаанд.

Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Ҷоизаи адабии ба номи Чингиз Айтматов –Муҳаммад Ғоиб аз зумраи шоиронест, ки хонандаи тоҷик бо осори ӯ дар замони соҳибистиқлолии кишвар бештар ошно шудааст. Муҳаммад Ғоиб аз шоирони ватансаро ба шумор меравад, ки шеъри ӯ воқеан бозгӯкунандаи орзуву ормони халқ, ҳувийяти миллӣ ва тасвири ҳолати иҷтимоии муосирин мебошад.

Ҳамаи ин аз арзиши сухани бадеии шоир ва эҷодиёти пурғановати Муҳаммад Ғоиб далолат мекунад, ки омӯзиши вижагиҳои муҳтавои ашъори шоир, бозтоби бадеии симоҳои таърихӣ ва адабию фарҳангӣ дар шеъри шоир, хусусиятҳои жанрии ашъори Муҳаммад Ғоиб ва ҷойгоҳи жанрҳои суннатӣ дар шеъри ӯ мубрамии мавзуи таҳқиқоти моро тақвият медиҳад ва онро аз ҳар ҷиҳат таъкид месозад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар робита ба баррасии ашъори Муҳаммад Ғоиб дар адабиётшиносии тоҷик, диққати махсус зоҳир гардида, дар ин маврид мақолоти ҷудогонае аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ: Табаров С. [131], Кӯчарзода А.[80], Раҷабӣ М. [106], Имомзода М.[77,78], Раҳмонов Ш.[110], Сафар У.[127], Қосимзода С. [82], Хатлонӣ С.[136], Саидов С.[100], Қосим Н. [102,103], Насрулло К. [99], Аҷамӣ М.[63,64, 65], Нарзиқул М.[77], Абдулло З.[48,49], Салим М. [116,117]; муҳаққиқони Эрону Афғонистон Шеърдӯст А. [149] ва Шамсулҳақи О. [105] таълиф ёфтаанд.

Дар мақолаҳои худ муҳаққиқони мазкур заминаи омӯзиши мавзуъҳои шеъри ин шоирро холисона матраҳ намуда, андешаҳояшонро роҷеъ ба муҳтаво, ғояҳои лирикиву иҷтимоӣ, паҳлуҳои ғиноӣ ва отифӣ, падидаҳои навгароёна, ҳикматҳо ва санъатҳои бадеӣ, мафҳумҳои мардумӣ, тасвирсозиҳо ва мазмунофарии шоир изҳор доштаанд. Дар навиштаҳои адабиётшиносон то

андозае бозёфтҳои шоирона ва ҷойгоҳи Муҳаммад Ғоиб дар шеъру адабиёти муосир нишон дода шудаанд, ки қобили пазириш мебошанд.

Аз ҷумла, Шамсулҳақи Ориён роҷеъ ба мавзуъҳои шеъри Муҳаммад Ғоиб тазаккур менамояд: “Дар шеъри Муҳаммад Ғоиб ошиқонаҳо ҷой надорад ё дар шумор наоянд. Ӯ ҳар он чи гуфта, аз мардум аст ва аз дарду эҳсосоти иҷтимоӣ ва миллаташ, гӯйи маъшуқаи ӯ миллаташ аст. Нигариши нобасомонӣ ва ё андуҳи мардум ӯро андуҳнок мекунад ва бо шодии мардум шод мешавад” [105, с. 52-53].

Дар вақти баррасии маҷмуаи “Лолаи чашм” Кӯчарзода А. мавқеи инсонро дар шеъри шоир баррасӣ менамояд ва дар тасвири Муҳаммад Ғоиб инсонро “як ҷузъи табиат бо ҳазор риштаи ноаён пайвастшуда” [80, с. 22] меномад. Ба андешаи Низом Қосим: “Муҳаммад Ғоиб осон шеър мегӯяд ва сабаби ин заминаи мустаҳками ашъораш ҳаст. Ин замина зиндагиномаи муассир ва дили бисёр ҳассоси ӯст..., агар чашми ҳарфҳояшро каме бифишорӣ, ашк хоҳад рехт” [84, с. 26].

Дар рисолаи диссертатсионии Каримов Шарифхуҷа дар мавзуи “Поэтикаи ашъори ғиноии Муҳаммад Ғоиб” рӯзгор ва осори шоир, мавзуъ ва муҳтавои шеъри ӯ, вазн, қофия ва радиф дар ашъори ғиноии Муҳаммад Ғоиб мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Каримов Ш. зимни таҳқиқ зикр мекунад, ки “Забон ва сабки баёни шоир содаву мафҳум ва дилнишин буда, дар он унсурҳои се сабки даврӣ: сабки хуросонӣ, сабки ироқӣ ва сабки ҳиндиро ба мушоҳида гирифтем” [160, с. 26].

Аммо мусаллам аст, ки шоирон аз як сабк пайравӣ мекунанд ва дар миёни шуарои муосир дарёфтани сабкҳои зикргардида хеле мушкил аст.

Ҳарчанд доир ба паҳлуҳои шаклию ҳунарии ашъори шоир мақолаҳои ҷудогона рӯйи кор омада бошад ҳам, дар мавриди вижагиҳои мавзуӣ – ғоявӣ, жанр ва бадеияти ашъори ӯ то ҳанӯз кори ҷомеи таҳқиқотӣ таълиф нагардидааст.

Кори пажуҳишии диссертатсионии мо ба таҳқиқи ҳамин ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқнашудаи эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб бахшида мешавад ва дар шинохти бештари ҳунари шоирии Муҳаммад Ғоиб дар самти мазкур заминаҳои заруриро фароҳам хоҳад овард.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои солҳои 2021-2025 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқро консепсияи умумии диссертатсия муайян мекунад, ки он дар асоснок кардани ҷанбаҳои ғоявӣ, бадеӣ ва жанрии ашъори Муҳаммад Ғоиб, нишон додани ҳунар, салиқаи эҷодӣ ва муаррифии чехраи адабии шоир таркиб ёфтааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо дарназардошти баррасии мавзуи мазкур, ки дар адабиётшиносии тоҷик то ҳол таҳқиқи пурра нагардидааст, ҳалли вазифаҳои зерин муҳим дониста шуд, аз ҷумла:

– нишон додани вижагиҳои муҳтавои ашъори шоир;

– таҳлили симоҳои бадеии ашхоси таърихӣ дар шеъри шоир;

– муайян намудани мавқеи жанрҳои суннатӣ дар шеъри Муҳаммад Ғоиб;

– баррасии ҷанбаҳои адабӣ ва ҳунарииии ашъори Муҳаммад Ғоиб;

– муайян сохтани бозёфтҳои тозаи эҷодии шоир.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқ маҷмуаҳои ашъори интишоргардидаи Муҳаммад Ғоиб, мақолаҳои ҷудогона дар мавриди ашъори шоир, матолиби назариявӣ оид ба адабиёти бадеӣ ва андешаҳои муҳаққиқон дар мавриди шеъри муосири тоҷик мебошад.

**Предмети таҳқиқот**. Дар рафти таҳқиқот осори нашршудаи Муҳаммад

Ғоиб, аз ҷумла, “Боми сипеҳр” [20], “Каъбаи дил” [21], “Поси ошноӣ” [27], “Девон” [30], “Дарди номус” [34], “Баҳои ҷон” [42], “Чашмаи меҳр” [32], “Афсонаи нав” [40] ва дигар маҷмуаҳо мавриди истифода қарор гирифта, баробари ин осори назариявии муҳаққиқони тоҷик дар раванди омӯзиши кор ба инобат гирифта шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар диссертатсия ҷиҳати ҳаллу фасл намудани масоили дахлдори он аз афкори назариявӣ ва амалии муҳаққиқону мунаққидони шинохтаи ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла осори Брагинский И.С., Абдулҳусайни Зарринкӯб, Ризо Бароҳанӣ, Шафеии Кадканӣ, Алиасғари Шеърдӯст, Шамсулҳақи Ориён, Тӯрақул Зеҳнӣ, Табаров С., Отахонова Х., Сайфуллоев А., Мусулмониён Р., Шарифзода Х., Сатторзода А., Кӯчарзода А., Асозода Х., Аскар Ҳаким, Раҷабӣ М., Абдусаттор А., Имомзода М., Хатлонӣ С., Исрофилниё Ш., Нарзиқул М., Саидов С., Қосимзода С. ва дигарон истифода гардидааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб дар адабиёти муосири тоҷик мавриди пажуҳиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Навовариҳо ва дастовардҳои назарраси онро метавон бо ин тариқ гурӯҳбандӣ намуд:

1. Собит гардонидани тасвирҳои ватандорӣ ва дигар паҳлуҳои ашъори шоир дар иртибот бо зиндагинома ва табиати иҷтимоии онҳо.

2. Муайян сохтани нақши шоир дар равнақи шеъри суннатӣ ва ғайрисуннатӣ, аз ҷумла, дар анвои ғазалу рубоиву дубайтӣ ва шаклҳои шеъри нав, монанди: чаҳорпора ва шеъри озод.

3. Таҳқиқи рӯоварии шоир ба сурудани ашъори бачагона дар заминаи ҷанбаҳои маъмулӣ ва мушаххасоти шеърҳои озод дар асоси таҷрибаҳои шоирона.

4. Баррасии хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб.

5. Таҳлили падидаҳои ҳунарӣ, мушаххасоти маънавию бадеӣ дар ашъори

Муҳаммад Ғоиб, дар заминаи тарзи баён ва усули корбурди саноеи бадеӣ, нақши сувари хаёл дар офаридани тасвирҳои шоирона.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб дар заминаи вазъи адабиву фарҳангӣ, сиёсиву иҷтимоии солҳои 80-уми асри гузашта ва замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст. Зеро, чунонки маълум аст, нақши муҳит ба эҷодиёти шоир таъсири худро мерасонад ва шоир дар давраи муайяни таърихӣ аз дастовардҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву мадании даврони зиндагии хеш ба хубӣ ор аст.

2. Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки худро аз доираи маҳдудиятҳо канор бурдааст ва дар тасвири дастовардҳои фарҳангу адабиёт, тарғиби худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ташвиқи расму оинҳо, хусусан шеъри ватанпарварона, тавонистааст, ки намунаҳои хуби каломи ҳунариро манзур созад. Ӯ қадамҳои нахустини эҷодиашро устувор ниҳодааст ва минбаъд ин иқдоми хешро неру бахшида ва чун шоири номдор худро дар байни мардум сазовори эҳтиром дарёфтааст.

3. Бо нигоҳи тоза, истеъдоди фитрӣ, табъи навҷӯ ва хаёлпардозиҳои шоирона, саъйю талошҳои пайгирона, салиқаи волои шоирӣ, ки зимни пажуҳиши осораш исбот шудааст, зина ба зина дар адабиёти муосири тоҷик мақоми шоиста касб кардааст.

4. Ашъори иҷтимоии Муҳаммад Ғоиб, хусусан, дар замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон тобишҳои тоза ва назаррас касб карда, дар онҳомавзуъҳоиватандориву ҳифзи дастовардҳои замони нав, худшиносӣ ва дарки ҳувийяти миллӣ, сулҳу ваҳдат, дӯстиву бародарӣ, қадршиносӣ бар заҳматҳои ҳамарӯзаи Пешвои миллат, арҷгузорӣ ба чеҳраҳои таърихӣ, бахусус, қаҳрамонони миллат бештар дахл кардааст.

5. Навҷӯийиву навовариҳои Муҳаммад Ғоиб дар жанрҳои суннатии шеър, аз ҷумла: ғазалу рубоӣ ва дубайтӣ маълум гардида, намунаи бозёфтҳои

шоиронаи шеъри озод, чаҳорпора ва шеъри бачагонаи ӯ низ бо тарзи истифодаи шоир аз санъатҳои бадеӣ, имкониятҳои забонӣ ва дигар паҳлуҳои ҳунарии каломи бадеӣ бо овардани намунаҳо собит карда шуданд.

6. Масоили усули коркарди санъатҳои бадеӣ аз падидаҳои ҳунарии Муҳаммад Ғоиб буда, онҳо ба тариқи коргирӣ аз вожаҳо, ибораҳои қолиб ва ифодаҳои ҳунармандона мушаххас гардида, ба дурустӣ истифода бурдани имкониятҳои вофири забонӣ ва суфта кардани забони баёни шоир далолат мекунад.

7. Шахсияти адабии Муҳаммад Ғоиб ва эҷодиёти гуногунжанру гуногунмавзуи ӯ бо суннатпардозию навгониҳо ғановати адабии моро фузун сохта, гузаштаро ба имрӯза ва имрӯзаро ба оянда пайванд медиҳад ва дар тарғиби худшиносӣ, меҳандӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ тафоҳуми иҷтимоӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ ва ғайра метавонад аз ҳар ҷиҳат мусоидат намояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Рӯзгор, фаъолият, марҳилаҳои эҷодӣ, мавзуъ, мундариҷаи ғоявӣ, ҷанбаҳои лирикӣ, бахусус иҷтимоӣ ва ошиқона, навҷӯйӣ, навгӯйӣ ва тозакориҳои бадеӣ дар навъҳои шеъри суннатӣ, аз қабили: ғазалу рубоӣ, дубайтӣ ва шеъри нав, чаҳорпора, шеърҳои озод ва шеъри барои бачагон, падидаҳои ҳунарӣ, бозёфтҳои шоирона, вижагиҳои забонӣ, тарзи истифода аз санъатҳои бадеии тасвирсоз дар ашъори Муҳаммад Ғоиб бо истифода аз равишу принсипҳои таҷрибашудаи адабиётшиносии классикӣ ва муосир дар диссертатсия таҳқиқи ҷомеъ ёфтаанд ва дастовардҳои дар ин замина бавуҷудомада метавонанд чун сарчашмаи назариявӣ дар таҳқиқи рӯзгору осори намояндагони дигар адабиёти муосир истифода шавад. Ҳамчунин, он дар таълифи китобҳои марбут ба таърихи адабиёти муосири тоҷик, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, назмшиносӣ, каломи бадеъ, сабкшиносӣ, навиштани рисолаҳои номзадӣ ва ғайра метавонад мусоидат намояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқи пурраи мавзуъ, иртиботи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад, вазифа, давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонӣ ифода меёбад. Муҳаққиқ бори нахуст падидаҳои ҳунарӣ, мушаххасоти маънавию бадеии ашъори Муҳаммад Ғоибро мавриди омӯзиш қарор додааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмӣ чоп гардидаанд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конференсияи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла “Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир” (Душанбе, 2022) ва “Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: Назария ва методҳои тарҷуманопазирӣ” (Душанбе, 2024) дар шакли маъруза баён шудаанд.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода ва муҳокима гардида (дар таърихи 29.08.2025, суратҷаласа таҳти №1/1), ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мавзуъ, муқаррарот, хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ-амалии диссертатсия дар 8 мақолаи чопии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷмуаҳо ва васоити дигар илмию таълимӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 11 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати

адабиёт  ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 166 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

# БОБИ I. МУҲАММАД ҒОИБ ВА ҶОЙГОҲИ ШЕЪРИ Ӯ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

## 1.1. Марҳилаҳои ташаккули шахсияти адабии Муҳаммад Ғоиб

Муҳаммад Ғоиб яке аз восифони мавзуи худшиносии миллӣ, талқингари дастовардҳои таърихиву фарҳангии миллат ба шумор меравад, ки бо ашъори рангини мондагор ва баландмазмуни худ дар солҳои 80-уми асри гузашта ва замони соҳибистиқлолии кишвар мавқеи намоёнро ишғол намудааст. Муҳтавои меҳварии ашъори ин шоири ширинкаломро мавзуъҳои Ватан, Модар, Тоҷикистон, ишқ, рӯзгори аҳли деҳа, тавсифу тасвири русум ва урфу одати мардум, ҳамчунин тараннуми ҳар зарра хоки ин сарзамини биҳиштосо ва муқаддасоти миллии онро дар бар мегирад. Дар ин масъала муҳаққиқ Солеҳ Қосимзода бобати вижагиҳои шеъри муосири тоҷик таваққуф намуда, зимнан қайд мекунад: "Эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб, чунонки аз девони шоир бармеояд, ҳам аз нигоҳи жанр ва ҳам аз нигоҳи мавзуъ басо фароху фарогир мебошад ва шоир солҳои охир дар баробари назм ба эҷоди асарҳои насрӣ, саҳнавӣ низ пардохтааст ва дар шеър асосан ба жанрҳои суннатӣ ва чаҳорпора таваҷҷуҳ дорад" [82, с. 242].

Муҳаммад Ғоиб бо ашъори ғиноӣ, бавижа "ватанномаҳо", нигоштаҳои тавсифию иҷтимоии хешро ба ҳайси ворисн адабиёти миллӣ дар қолаби чаҳорпораву ғазалу рубоӣ, дубайтӣ ва қитъаҳои пурмуҳтаво манзури ҳаводорони каломи бадеъ кардааст. Профессор Жило Гулназарзода зимни суханронии худ дар базми шеъри ин шоир, (дар ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода, 29.09.2024) бамаврид таъкид намуда буд, ки: "Тараннуми Ватан дар эҷодаш вақти оғозу анҷом надорад ва оддӣ нест. Ӯ ватандори бузург ва пандгӯйи камназир, аз гили Фирдавсиву аз хоки Мавлоност. Тарҳи аслии Ватан аз шеъри ӯ пайдо мешавад".

Дар ин маврид шоир низ чунин ишора дорад:

Ман ватандори бузургам, пандгӯи камназир,

Аз гили Фирдавсию аз хоки Мавлоят манам [14, с. 27].

Муҳамммад Ғоиб саҳифаҳои рӯзгорашро бо хомаи ҳақиқатнигор рангин кардааст, бо падидаҳои мухайяли ашъораш нишон дода тавонистааст, ки дар ин ҷода ба қуллаҳои баланди эҷодӣ расидааст, ҳар сатру байту пораҳои шеърии ӯ баёнгару шореҳи рӯзгораш ва услуби офариданаш асолат ба суханварии ӯ менамояд. Шоир дар шеъраш аз осоиштагии Ватани худ шукргузорӣ менамояд. Чунончи:

Сад шукр, ки дар хубтарин ҷо моем,

Дар мамлакати биҳиштосо моем.

Дорем сари баланд чун кӯҳи Ватан,

Хушбахттарин одами дунё моем [14, с. 163].

Муҳаммад Ғоиб 16-уми марти соли 1954 дар деҳаи Аличони ноҳияи Данғара, дар оилаи деҳқон чашм ба олами ҳастӣ кушода, дар домани ин диёри пурфайз ба воя расидааст. Соҳиби номи поку накӯ доштани худро қарзи инсонӣ ва эътиқодӣ дониста, бо ситоишу ифтихормандии бепоён мегӯяд:

Талаб аз зиндагӣ дигар надорам,

Накӯномӣ ба ман инъом карданд.

Нахоҳам рӯзи сахти умматонро,

Маро охир Муҳаммад ном карданд [30, с. 538].

Дар шеъри шоир замони туфулият ва оғози ҳаёташ, ки маъмулан бардошт аз қиссаҳои модари бузург ва азизону ошноён будаанд, дарёфтан мумкин аст. Аз ҷумла, дар шеъри “Эътиқод” ҳиссиёти зистанро ба риштаи тасвир кашидааст:

Бо ҳазор армон ба дунё омадам,

Бо азоби ҷон ба дунё омадам.

Гашт ҳамдардӣ зи хурдӣ ёри ман,

Тифлаки гирён ба дунё омадам [2, с.14].

Мутаассифона, рӯзгори шоду беғаши тифлии ин шоир дер давом накард, зеро дар овони тифлӣ ӯ аз навозишу меҳрубонии падар бенасиб гашт ва ба ҳоли худ, ки ба машаққати рӯзгори онҳо азоби тозаро зам карда буд. Шоир бо ифтихор дар марсияи ба падар эҷодкардаи хеш мегӯяд:

Хато нокарда хатҳои бари ҳар пуштаро мехонд,
Китоби умри мардони баранҷоғӯштаро мехонд.
Чу ҳарфе дар нигоҳаш ҳар пайе дар роҳи саҳро буд,
Ба худомӯзияш устоди дошишгоҳи саҳро буд.
Суроғаш рафта медидам азоби беҳисобашро,
Варақгардон гаҳи шудгор мекард ӯ китобашро.
Аз ӯ омӯхтам адлу ҳақи мардум нахӯрданро,
Ҳадиси чашмсерию зи кас як хас набурданро.
Зи дунё рафту дар хобам дарояд шоду хурсанд аст,
Бароям омадан гирёну шодон рафтанаш панд аст [8, с.21].

Аз мисраъҳои боло бармеояд, ки беҳтарин расми мардона ва шоиста зистанро шоир аз падар омӯхтааст. Аз порчаҳои назмию насрии ӯ аён аст, ки Муҳаммад Ғоиб бо меҳрубониву дилсӯзиҳои модари ғамхораш ва “марди деҳқоне, ки минбаъд ин “ятиммондаро падарӣ кард” ва “достонҳоро аз ёд медонист [30,с. 5]”, ба воя расидааст. Шоир ин ранҷу андуҳи рӯзгори тифлиашро дар шеъри “Дарди тифлӣ” чунин ба қалам додааст:

Монанди ниҳолаке, ки бе шуълаи меҳр
Бо ранҷу азоб қад кашад дар соя.
Нодида сари силаи ангушти падар
Бо неку бадам расидаам бар воя [2, с.17].

Дар ин шеър Муҳаммад Ғоиб аз рӯзгори сахти ятимӣ ва ормонҳои дилаш қисса мекунад. Дар он ҳолати равонии як кӯдаке, ки аз маломати атрофиён ба танг омадааст, тасвир гардидааст. Аммо ин нуктаро низ бояд ёдовар шуд, ки шоирро ҳамин ранҷи ҷонкоҳ бузургиву матонату шоистагӣ ба шинохти худ дода, ӯро дар ҳар мавқеъ бештар саодатёру худшинос кардааст, чунки аз

омилҳои ба худ пардохтани дилхоҳ инсон муҳити носозгор ва камтаваҷҷуҳӣ бинобар маскан гузоштани мушкили хонаводагӣ аст.

Муҳаммад Ғоиб дар хотироти хеш пайваста аз “марди деҳқон”-е (падарандараш) сухан мегӯяд, ки ин тифли “ятиммонда” - ро падарӣ карда, ба ӯ роҳу расми мардона зистан ва сухан омӯхтанро ёд додааст. Бо гузашти рӯзҳо, Муҳаммади хурдсол ба ҳукми тақдир тан дода, бори зиндагиашро ба дӯши худ гирифт. Таҳти ҳимояву ҳидояти модари муштипараш ба мактаби деҳа рафта, ҳам дарс мехонду ҳам пода мечаронд ва ҳам чакомаву таронаҳои мардумӣ меомӯхту ҳам қиссаҳои қаҳрамонӣ мешунид:

Аз дами хӯрдӣ ғами дил доштам,
Орзуи роҳи мушкил доштам.
Бо ҳама нодонӣ бар фардои нек
Эътиқоду меҳри комил доштам [2, с.14].

Соли 1968 Муҳаммад Ғоиб пас аз хатми мактаби ҳаштсолаи деҳа, бо маслиҳати аҳли хонавода ҳуҷҷатҳояшро ба Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб месупорад ва баъди бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои қабул, сазовори номи пуршарафи донишҷӯй мегардад. Ҳангоми донишҷӯйӣ дар маҳфилҳои фаннӣ, шабнишиниҳо ва маъракаҳои ҷашниву урфии омӯзишгоҳ фаъолона ширкат намуда, бо маҳорати баланди сухандонӣ табъи ҳамсолону донишҷӯён ва устодони таълимгоҳро шод мегардонд.

Шоир хеле барвақт дарк карда буд, ки дар рӯзгор “паридан бо болу пари дигарон” маъное надорад ва саъй бояд, то ки бо пару боли худ париданро биомӯзӣ ва ҳамин ҷаҳд буд, ки замони таҳсил дар ин макони илму дониш ӯро бо устодони нуктадон рӯбарӯ ва пайванд дода, ба сурудани каломи мавзун водор сохт. Баробари дарки асолати шеър, иқдомоташро барои расидан ба шахсият ва худшиносӣ дар зинаи камол пилла-пилла боло мебурд ва фикру андешаронихояшро аз назаргоҳи маърифат, бо диди тозатаре тақвият мебахшид. Бар ин аҳд буд, ки таассуроти борварашро дар шеър пешкаш намуд:

Бо ном  равад он, ки гирифтори хаёл аст,

Бе ном равад он, ки пайи сарвату мол аст.

Бо боли дигарҳо натавонем паридан,

Он, ки ба ин умед зияд, бе пару бол аст  [2, с.18].

Меҳри шеъру шоирӣ  дар қалби кучаки ӯ аз ин даргоҳи илму маърифат ҷой мегирад.  Соли 1972  баъди хатми Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ Муҳаммад Ғоиб ба номи донишҷӯйи факултети физика ва математикаи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб (ҳозира Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) шарафёб гардида, онро соли 1977 аз рӯйи ихтисоси муаллими физика ва математика бомуваффақият хатм менамояд.

Муҳаммад Ғоиб бо ёдоварӣ аз он рӯзҳо, бо таваҷҷуҳ ба интихоби фанҳои дақиқ,  бахусус, факултети физика ва математикаи Донишкадаи Кӯлоб, дар бахши ҳолномааш менигорад: “Рақамҳо ва формулаҳо на танҳо хосияти ҳисоби доираи худ, балки номуайянӣ, баробарӣ, мантиқ, фалсафа ва боз дигар мафҳумҳоеро дар бар мегиранд, ки бароям норавшан монд ва роҳи ҳалли бисёр мисолу масъалаҳои ин илмро пайдо карда натавонистам. Ба ҳар ҳол, аз он рӯзҳо нишонаҳои хуб дорам, нишонаҳои тобоварӣ ва машқи зеҳн” [30,с.6].

Новобаста ба ҳамаи орзуҳое, ки ин шоири ояндадор бо умеди “муҳандис” ё “физику математик” гардидан дар дил мепарварид,  хаёле дигаргуна пойи ӯро ба тариқи пурҳаяҷон, ба олами рангинтару зебои бадеият ҷазб медод ва ин ҳамон ҷаззобияти дилбохтагӣ ба эҷоди шеър буд, ки оқибат дар дили ин раҳнаварди ҷавон асари худро боқӣ гузошт. Ҳатто нахустин чакидаҳои хаёлбарангезашро болои саҳафоте мавриди табъ қарор дод ва андак-андак ӯро ба ҷаҳони шоирӣ моил кард, ки дар ин манзар фардои норавшани ӯ аз пушти зарфи орзуҳои бенишонаш рӯнамо мегардид.

Чунин лаҳзаҳои ғамбор ба ҳолаш таъсиргузор гардиданд, ки баъдан бо ёдоварӣ аз рӯзҳои сахт дар бандҳои зерини шеъри хеш ба тасвир овард:

Ба ман шуд шолвору куртаи нав,

Қабову куртаи сабзи бародар.

Намерафтам ба мактаб, гар намебуд,

Қабову куртаи сарбози кишвар.

Ҳамон рӯзи азоби куртадӯзӣ,

Зи ёди ман намегардад фаромӯш.

Пайи ҳифзи Ватан аз кӯдакӣ кард,

Маро модар либоси аскарипӯш [14, с.140].

Муҳаммад Ғоиб чунин лаҳзаҳои ширину рангин ва пуралами рӯзгорашро ёд оварда, аз он хотирот чанд нуктаи муҳимро тазаккур менамояд: "Дар ҳамон замон ки чандин шеърам чоп шуда буд, мефаҳмидам, ки оқибати роҳам дигар мешавад. Медонистам, ки барои хотираҳои пуралами ман, ғаму дарди ятимӣ ва кӯдакии пуразобам аз ҷадвали ҳисоб ададе пайдо намегардад ва рақамҳои ҳаётам дар ин ҷадвал намегунҷад. Ин бори гаронро ғайри дӯши сухан, дӯши ягон илму фан бардошта наметавонад" [30, с.7].

Муҳаммад Ғоиб, билохира, аз роҳи шеъру адабиёт иқдом мегирад, ки натиҷааш хеле боровар аст ва ин ҷозибаи хаёлбор ӯро дар ин ҷода минбаъд комёбу муваффақ мегардонад. Шоир имрӯзҳо аз зумраи он шогирдони муваффақе ба шумор меравад, ки рӯзгоре "бо тақозои сиришт ва ҳидояти табъу истеъдоди модарзодиаш худро ба дарёи шеър зад ва ба омӯзишу заҳмати пайваста ғаввоси моҳир шуд" [2, с.3].

Ёдовар бояд шуд, ки доираи адабии Кӯлоб аз аввалҳои асри XX то даврони баъдӣ бо маҳфилҳои адабӣ ва шоирони номдори худ шуҳратдор аст, бахусус, шуруъ аз солҳои 60-уми асри XX дар ин минтақа самараи ду маҳфил хеле назаррас мебошад. Яке бо номи "Равшандилон", ки бо саъйю талошҳои адабпарваронаи шоири халқ Саидалӣ Вализода ва шогирдони ӯ Ашӯр Сафар, Саидҷон Ҳакимзода, Ҳақназар Ғоиб, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Мусо Ғуломӣ, Саидато Муқимӣ, Сомеъ Одиназода, Қарабек Носирзода ва дигарон алоқамандии зич дошт ва дигаре бо номи "Адибони ҷавон", ки мансуб ба Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб буд ва роҳбарии онро шоири ҷавон Иброҳим Шукрӣ бар уҳда дошт. Ин маҳфил

ҳайати худро аз ҳисоби устодону донишҷӯён ва хатмкунандагони Донишкада ҳамвора афзун менамуд.

Бавижа, дар ин замина нуфузи мактаби адабии маҳфили "Адибони ҷавон" дар шаҳри Кӯлоб рӯз аз рӯз меафзуд ва ин даргоҳ қаламкашони нав ба навро ба арсаи эҷод ҳидоят менамуд. Аммо солҳои 70-уми асри гузашта, ҳангоме ки роҳбарии маҳфилро устоди вақти Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб, шоир ва узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор Аламхон Кӯчарзода ба ухда дошт, ин мактаб аз нумуъ кардани шогирдон ва эҷодкорони боистеъдоде неру мегирифт. Аз ин доира адибоне чун Муҳаммад Ғоиб, Сафар Амирхон, Сайид Ғоиб, Салими Хатлонӣ, Нурмуҳаммад Сироҷӣ, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Маҳтоббӣ Зокирова, Насри Бобо, Мираҳмади Амиршоҳ, Гулчеҳра Муҳаммадиева, Маҷид Салим ва дигаронро ба майдони пурмашаққат ва мушкилгузари шоирӣ, рӯзноманигорӣ ва нависандагӣ роҳ дод. Дар ин миён, Муҳаммад Ғоиб аз чеҳраҳое ба шумор меравад, ки роҳу равиши рӯзгорашро дар ҷодаи интихобнамудааш бо боварӣ ва иқдом пеша кард ва беш аз он шарафёб ҳам гардид.

Муҳаммад Ғоиб фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1977 ба ҳайси корманди Кумитаи радио ва телевизиони вилояти Кӯлоб (1977-87) оғоз намуд. Сипас, дар вазифаҳои мухбири махсуси рӯзномаи " Адабиёт ва санъат" дар собиқ вилояти Кӯлоб (1987-90), раиси Кумитаи радио ва телевизиони вилояти Кӯлоб (1990-92), сардори қароргоҳи Ҳукумати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб (1995-97), раиси Кумитаи радио ва телевизиони вилояти Хатлон (1997-2000), муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000-2004), директори киностудияи давлатии "Тоҷикфилм" (2004-2008), директори Телевизиони Тоҷикистон (2008-2012), солҳои 2012-2016 ба ҳайси сармуҳаррири рӯзномаи "Ҷумҳурият" кору фаъолият намудааст.

Таҳлилу баррасӣ ва муайян намудани шарҳи ҳолу рӯзгори Муҳаммад Ғоиб, албатта, чандон мушкилӣ надорад, зеро ҳар каси шавқманд аз тариқи

чакидаҳои қалам ва бахусус шеъри салису равони ӯ, хабару мақолаву лавҳаву очерк ва осори мансури дар даврони гуногун ба табъ расонидааш имкони аз шарҳи ҳоли ӯ огоҳӣ ёфтанро дорад. Аммо фаҳми шеъре, ки рӯйидаи руъёву хаёл аст, гоҳо тасвирӣ, гоҳо мармуз ва гоҳи дигар ба андешидан водор мекунад, ҳарчанд дар зоҳир осон намояд ҳам, чандон осон даст намедиҳад, чунонки фаҳми ботинии он бо ҳама содагӣ хеле мураккаб аст.

Дар шеъри Муҳаммад Ғоиб даруннигариву аз бунёд дарёфтани маонии аслу шево ва масоили печида нуҳуфтааст, ки ҳаллу фасли расоро тақозо менамояд. Ин шева ба маҳсули кори эҷодии ин шоир, ки минбаъд ба дарди вуҷудиву ҳиссиву мадракии ӯ мубаддал шуд ва дигар ин дард ӯро ба думболи гумкардаҳои руъёиаш дар гузори хаёл гардишу чархишу сарсонӣ медод, то ки ормонҳои ҳисоботи "физикӣ"-ашро дар ҳавои сухани воло дарёбад.

Шеърҳои аввалини шоир ҳанӯз соли 1972 дар рӯзномаю маҷаллаҳои кишвар аз ҷумла: "Пионери Тоҷикистон", "Машъал", "Комсомоли Тоҷикистон", "Ҳақиқати Кӯлоб", "Роҳи Ленин" ва "Садои Шарқ" нашр мешуданд. Сол то сол шумораи шеърҳои эҷодкардааш меафзуд ва бо рӯйи чоп омадани шеърҳо дили шоири ҷавон рӯз то рӯз гармтар мегардид. Барои мисол: агар дар соли 1972 ду шеъри шоир рӯйи чопро дида бошад, соли 1974 ҳашт шеъраш чоп шуд ва соли 1975 дувоздаҳ шеъраш нашр гардид.

Бояд гуфт, ки нахустин маҷмуаи ашъори Муҳаммад Ғоиб бо номи "Турнаҳо" (соли 1980) бо дастгирии Шоири халқии Тоҷикистон Убайд Раҷаб рӯйи чоп омад. Шеъру чистонҳои ин маҷмуа пурра барои бачагон эҷод шудаанд. Гуфтан мумкин аст, ки шоир бо ҳамин маҷмуаи ашъор ба олами адабиёт ворид шудааст. Маҷмуаи "Турнаҳо" шоири ҷавонро чун эҷодкори ояндадор ба дӯстдорони адабиёт муаррифӣ намуд. Китоби "Турнаҳо" аз 48 саҳифа иборат буда, 61 шеър ва 15 чистонро дарбар мегирад. Дар шеъри бачагонаи шоир олами ҳиссиёти кӯдаконро тасвир менамояд. Барои мисол шеъри "Баҳси рақамҳо"-ро дар зер меорем:

Боре байни рақамҳо
Ногаҳ баҳсе шуд пайдо.
Яке гуфто ба дигар:
Ҳастам зи ту болотар.
Дигар гуфто дар ҷавоб:
Ман кор оям дар ҳисоб.
Сеюмӣ бошад худро
Номид асоси онҳо.
Танҳо он ҷо як набуд,
Ба куҷое рафта буд...
Як ҳам расида омад,
Гӯё фаҳмида омад.
Табассум карда гуфто:
Ҳар ки ба худ дорад ҷо!
Рост, агар як намебуд,
Дуву се ҳам намешуд [1, с.33].

Дар чистонҳои тартибдодаи шоир тасвирҳои аҷибу шавқоварро дарёфтан мумкин аст. Дар чистони зерин шоир сурхии тарбузро ба лолазор ва донаи сиёҳи онро ба қатори кӯдакон нишон додааст, ки ба табъу завқи хурдсолон мувофиқ эҷод шудааст:

Дар оғӯши лолазор,
Бачаҳо қатор-қатор [1, с.43].

Маҷмуаи дуюми ашъори шоир “Роҳи деҳа” номгузорӣ гардида, (соли 1981) бо пешгуфтори Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ чоп шудааст. Ин маҷмуа Муҳаммад Ғоибро чун шоир бештар ба дӯстдорони каломи бадеъ шинос гардонид ва роҳи шоири навқаламро ба олами адабиёт ва дӯстдорони адабиёт кушод. Шеърҳои ин маҷмуа дар 48 саҳифа ҷамъоварӣ гардидаанд ва 65 шеърро фаро мегирад.

Шеърҳои дар ин маҷмуа гирдоваришуда дар жанрҳои гуногун офарида шудаанд ва он аз ҷониби  Лоиқ Шералӣ баҳои сазовор гирифтааст. Аз ҷумла мегӯяд: “Ман аз баски пештар шеърҳои алоҳидаи ӯро хонда, аз назари худ маслиҳатҳо дода будам, хостам донам, ки то куҷо ба ӯ суд бахшидаанд. Аз мутолиаи шеърҳо дарёфтам, ки шоири ҷавон то андозае дил ба дарё задааст  ва кӯшидааст, дурри мақсуд ба даст орад” [148, с.3].

Дар ин маҷмуа шеъри Муҳаммад Ғоиб ранги дигар мегирад ва шоир дар ашъори худ  ҳолати равонии инсони баркамолро бо мушкилоти роҳи зиндагиаш инъикос менамояд. Барои шоир мавзуи асосӣ тасвири зиндагии воқеии  мардум буд. Дар шеъри ӯ ормонҳояш инъикоси худро ёфтааст:

Чашми мани сер аз миёни ҳама дар,  
Аз дидани хонаву даре сер нашуд.  
Ҳарчанд ки пир шуд ҳавасҳои дилам,  
Лекин ҳаваси он ба дилам пир нашуд [2, с.6].

Ҳамон гунае ки дар боло зикр шуд, шоир ба олами серталотуми адабиёт бо шеъри бачагона ворид шудааст, аммо офаридани шеър барои кӯдаконро душвору сангин мегӯяд: “Дар нӯҳ сол “Турнаҳо”-ро (онро Убайд Раҷаб ба чоп тайёр карда буд Р.Ш.) навишта бошам, дар як сол китоби “Роҳи деҳа”-ро эҷод кардам, ки шеърофарини бузург Лоиқ онро лоиқи дастгирӣ дониста, худашон сарсухан навиштанд” [30, с.9-10].

Дар ин радиф, бо таваҷҷуҳ бар мушкилоти эҷоди шеъри бачагона дар таносуб бар шеъри суннатӣ, Муҳаммад Ғоиб қайд мекунад: “Ҳамон вақт шоир ба эҷоди шеъри бачагона осон даст меёбад, ки худро дар олами бачаҳо дида, доираи фикру андеша ва ба воқеаҳо баҳодиҳии онҳоро дарк карда тавонад ва санги гарони фаҳми худро ба тори нозуку камтоби зеҳни кӯдакон маҷбур бор накунад. Бояд оғозу  анҷоми шеъри бачагона ғайричашмдошт бошад” [30, с.10].

Лоиқ баъди мутолиаи аввалин шеърҳои шоири ҷавон бо боварию эътимод аз ӯ умедворӣ намуда,ояндаи некашро пешгӯӣ карда, аз ҷумла, гуфта буд: “Пай бурдам, ки ӯ азми дурусту саъйи комил дорад ” [148, с.3].

Дар зимни ҷӯёӣ дар қаламрави шеър, бар чунин заҳматҳо дарёфта буд, ки ҳанӯз аз оғоз ҳаводорони каломи нобашро ба сангинии кори эҷод, бахусус, дар офаридани шеъри асил огоҳӣ медод. Ҳамин буд, ки кори сухан сангину шиканҷабор аст ва содагиву бечоранолиро камтар қабул дорад ва матонату ҷасорат мехоҳад:

Ман агар чӯбам, барои хонае чӯби дарам,

Ман агар сангам, барои ҳайкале чун мармарам.

Ман агар боғам, саросар аз дарахти пурбарам,

Ман агар хокам, кафи хок аз замини кишварам [21, с.127].

Ва ё:

Ранги муйи сар дигар шуд аз фишори зиндагӣ,

Ин сафедӣ аз намакзори ситам рӯйидааст.

Роҳи кӯйи орзу саргаштатар аз мо надид,

Ҷойи ҳар як нақши по садҳо қадам рӯйидааст [21, с.3].

Муҳаммад Ғоиб хостаҳои қалбиву замирии худро раҳнамои зиндагӣ ва ақли солимро барандаву ҳодии роҳи рӯзгор дарёфтааст ва аз хишти маънӣ девори сухан сохтаву ба “рағми раҳзанҳои ақл” аз ҳарфи наку авроқи дафтар оростааст:

Ҳарфҳоямро, Муҳаммад, рағми раҳзанҳои ақл,

Рӯи дафтар ҳамчу чашми раҳнамун овардаам [30,с.558].

Калом ва ҳарфу ҳиҷои ин шоир баҳравар аз хуни дил ва саршор аз “оҳ”-и полуда бар “ашк”-и як инсони мағмум аст, ки қисматашро дар сухани воло санҷидааст ва тасвири офаридаашро бо рӯйидаҳои сарнавиштии инсонӣ ва ҳиссиву мадракии шоиронааш ҷаззоб, дилкаш ва пуртаъсир кардааст. Ин иддаои шоири фидоиро метавон дар пораи шеърии ӯ ба шаҳодат дарёфт, ки фармудааст:

Фидойии раҳи тақдир гаштам,

Ба айёми ҷавонӣ пир гаштам.

Ба сар поям расид аз печ хӯрдан,

Ба заҳмат ҳалқаи занҷир гаштам.

Ба оҳ омехта ашкам, Муҳаммад,

Ба тасвири сухан таъсир гаштам [30, с.565].

Аммо бо ин ҳама дастоварде, ки дар роҳи шоирӣ насибаш гашт, заррае ӯро аз шарофати инсонӣ ва камоли худшиносӣ канор набурд ва офаридани шеърро доди Худо ва эътимод ба эътиқоди яқин дарёфта буд, ҳаргиз ба кибру худбиниву худнамоӣ низ роҳ надод ва бо одатҳои хоксоронаву фурӯтанӣ тавонист маҳбуби дилҳои аҳли фаҳм гардад. Ва бо арзи ифодаи эҳтиром доштани ҳунар ва бахусус ҳунари эҷодкорӣ, ки заҳматҳои шаборӯзии шоир ва нависандаро тақозо мекунад, чунин мефармояд:

Фахр аз як ҷумласозӣ мекунем,

Ифтихор аз устозӣ мекунем.

Сарбаландиро мақоми дигар аст,

Мо фақат гардандарозӣ мекунем [30,с.602].

Муҳаммад Ғоиб ҳанӯз аз дастовардҳо, аз кардаву нокардаи худ чизе намехоҳад гуфтан, аммо аз дастовардҳои дигарон, аз пешрафту тараққиёт, аз шукуфоии кишвар ва соҳибистиқлоливу озодии мардуми сарбаланд ва баномуси он бо ифтихор ҳарф мезанад. Дар ҳаққи инсонҳои бошараф ва посдорандаи номуси аҷдодӣ, аҳли дилу дидаи бедор ва ҳушманд тасвирҳои шоирона меофарад ва айни номусро сархат ва сарҳади виҷдону шараф мешуморад:

Ба сад дунё, Муҳаммад, хоки нанги худ намебахшем,

Ҷаҳон дар сарҳади номуси мо бедорҳо дорад [30, с.537].

Шоир дар ҳар маврид бо саъйи тамом ва эҳтироми калом сухани воло мегӯяд ва дар ҳоле ки комёб аст, шоирии хешро самараи “ҷонкании умрбод” ба қалам медиҳад. Дар аҳди худ устувор аст, ки шоирро фидоии замона ва

ҷоннисори покбоз дарёфтааст ва ҳамин рисолат аст, ки худи ӯро ва роҳашро дар коргоҳи рӯзгор ва зиндагӣ дигар кардааст. Ин дигаргунӣ ва дигар шудан ӯро аз "ҳисоб"-у саршумор дарёфтани рӯзгор, ба тавсифу танзими зиндагии башарият ва дарёфту таълими инсони комил роҳ намудааст. Ба андешаи шоири ҷавон Бузургмеҳри Баҳодур: "Аз хондани ватанномаҳои шоир як чиз зуд ҳувайдо мешавад: муаллиф бо мавзуи мавриди назар ё образи тасвиршаванда ошиқона ба суҳбат менишинад, мисли як дӯсти дерини санҷидашуда, мисли модар, мисли як дилороми дар вафо номовар, мисли устод, мисли фарзанд. Чаро? Ба он хотир, ки дарду ормон ва аслу васлҳои дар ҷон, шуур, дил ва афкораш ҳазм шаванд, паҳлуҳои нокушудаи худро боз намоянд ва аз мафҳумҳои асрҳо боз ситоишшаванда суханҳои нав, мазмунҳои бикр ёбад" [67, с. 3].

Албатта, шоир аз ватандорони ифтихормандест, ки бо асолати ҳалимона ва бадеияти баланд шеър мегӯяд ва "нахли қалам"-и хешро бо чунин роҳ дар "боғ"-и орзуҳояш самаровар кардааст. Ӯ бо чунин дунёнигарӣ ва муассир будан аз боздидҳои рӯзгор, муҳтарам доштани обу хоки диёр ва меҳанпарвариву миллатдӯстии хеш ифтихорманд аст.

Шоир амин аст, ки бо чунин "ҷонкании умрбод"-аш, фардо хотираи равшани муҳиббон хоҳад гардид ва исмаш низ дар саҳифаҳои рӯзгор ба некӣ ёд хоҳад шуд:

Меваҳои умри моро баъди мо ҷамъ оваранд,
Баски дар боғи ҷаҳон нахли қалам мепарварем.
Шоирӣ бошад, Муҳаммад, ҷонкании умрбод,
Зиндагиву марги худро мо ба ҳам мепарварем [30, с.517].

Пешомадҳои рӯзгор дар кору фаъолияти ӯ муассир буданд, ки ҷодаи шоириашро низ зери таассуроти унсурии ҳам табиати олами мавҷуд ва ҳам табиати хулқиву атвории ӯ дошта буданд ва ӯро дар гирудори ин рӯзгор камол мебахшиданд. Ба ин васила, дигар ӯ шоири баркамол ва номдор гардида буд,

ки бо эътимод бар ҳунари эҷодкорӣ ва салиқаву заковати шоирии хеш зикр кардааст:

Сарфи заҳмат, ки шуд ҳама умрам,

Ҷонфидои Ватан шавад номам.

Мирам охир ба корзори сухан,

Қаҳрамони сухан шавад номам [30, с.608].

Муҳаммад Ғоиб аз соли 1981 узви Иттифоқи нависандагони ИҶШС гардид. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми хизматҳои шоирро ба назар гирифта, соли 1999 ӯро бо ордени "Шараф" сарфароз гардонид. Шоир соли 2001 унвони Шоири халқии Тоҷикистонро соҳиб шуд ва бо шарофати эҷоди китоби "Каъбаи дил" ва дигар хидматҳои эҷодиаш бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори мукофоти давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соҳаи адабиёт гардид.

Муҳаммад Ғоиб дорандаи медали ҷашнии «100-солагии матбуоти тоҷик» (соли 2013), барандаи ҷоизаи ба номи Шамсиддин Шоҳин (2012) буда, соли 2019 бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба дарёфти ҷоизаи адабии ба номи Чингиз Айтматов мушарраф гардидааст.

Воқеан, доираи фаъолияти эҷодии Муҳаммад Ғоиб фарох буда, ӯ дар ин давраи пуртазоду ҳам борвари рӯзгори хеш, чунонки қисми аъзами ҳаёташро ба кори рӯзноманигорӣ бахшидааст, дар навиштани жанрҳои гуногун, публитсистика, аз қабили: хабару мақолаҳо, очерку қиссаҳо, нақди адабӣ ва бахусус иншои асарҳои драмавӣ, ҳамчунин дар рӯйи кор овардани осори мансур низ комёб шудааст. Ҳикояҳо, қиссаву романҳояш ҳам имрӯз аз мақбултарин намунаҳои насри бадеӣ шинохта шуда, дар ғано бахшидани адабиёти тоҷик саҳми назаррас гузоштаанд.

Драмаҳои "Мири Кабир", "Шоҳи Ҳамадон", "Арвоҳзада", "Зиндамаргон", "Волидони беворис", осори мансури ӯ, аз қабили: романи "Касе дар нимароҳ намемонад", қиссаҳои "Фарёди солҳо", "Дунёи тақдир",

“Ҷинояти беҷазо”, ҳикояҳои “Подош”, “Тафтиш”, “Дарди ҳастӣ”, очерки “Дар мавзеи Фахробод” ва нигоштаҳои дигар ӯ дар инъикоси воқеии саҳифаҳои рӯзгораш накши созгор доранд.

Муҳаммад Ғоиб дар тули фаъолияти эҷодиаш ба масъалаҳои муҳимми замон дахл карда, ба мушкилиҳои ҳаёт ҷавоб ҷӯставу посух гуфта тавонистааст. Ин суханвари нуктасанҷ дар бозтоби рухдодҳои замон, зуҳуроти сиёсии ҷомеа, бурду бохти ҳамватанон, саъйю талоши онҳо дар пешбурди рӯзгор ва ғамгусорӣ барои фардои меҳан чирасухан буда, дар ин росто усули вижаи худро дорост. Ба ақидаи муҳаққиқ Нодира Ашӯрова: “Дунёи маънавии қаҳрамони лирикии Муҳаммад Ғоиб ғанӣ ва доираи назараш васеъ буда, дар худ беҳтарин сифатҳои ҳамзамононро таҷассум кардааст. Дар шеъри ӯ муҳаббати Ватан, таранними ғояҳои баланди инсонӣ бо дили саршор аз меҳри шоиронааш баён ёфтааст” [164].

Муҳаққиқ бар он андеша аст, ки: “Мавзуи Ватан яке азмавзуъҳоимарказии адабиёти муосири тоҷик ба ҳисоб меравад ва он дар эҷодиёти ҳар адиб ба таври худ ҷилва мекунад. Шоири тавоно ва адиби хушсухан- Муҳаммад Ғоиб, монанди адибони дигари ҳамзамони худ ба мавзуи ватану ватандӯстӣ таваҷҷуҳ намуда, байту ашъори зиёдашро маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшидааст. Ашъори меҳании Муҳаммад Ғоиб дар маҷмуаи шеъраш бо унвони “Ватандорӣ” гирд оварда шудааст, ки ҳар сатраш гувоҳи меҳру муҳаббати бепоён доштани суханвар нисбат ба Ватани азизаш мебошад” [164].

Дар хулоса метавон гуфт, ки шеъри шоир зина ба зина, аз як маҷмуа ба маҷмуаи дигар комил гардида, ҳоло дар давраи авҷи камолот қарор дорад. Пажуҳиши мароҳили ташаккули шахсияти адабии Муҳаммад Ғоиб аз масъалаҳои мубраму камтаҳқиқшудаи адабиёти муосир буда, аз ҳар ҷиҳат омӯхтану муқоиса кардани он бо осори адабони муосир хусусан, адабони даврони соҳибистиқлолии кишвар аз вазифаҳои умдаи адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

## 1.2. Вижагиҳои муҳтавои ашъори шоир

Муҳаммад Ғоиб шоири ширинбаён ва рангинхаёл буда, доираи мавзуоти эҷодии ӯ густурда мебошад. Эҷодиёти ин шоир ҳам аз нигоҳи жанр ва ҳам аз нигоҳи мавзуъ фароху фарогир аст. Мундариҷаи кулли осори Муҳаммад Ғоибро баробари назм наср ва асарҳои драмавӣ низ фаро мегирад, ки намунаи онро дар китобҳояш, ба монанди: “Турнаҳо” (1980), “Роҳи деҳа” (1981), “Тути Дара” (1984), “Меҳргиёҳ” (1986) ривоҷу равнақ бахшида, дар маҷмуаҳои дигар, аз ҷумла: “Хирмани моҳ” (1989), “Сад ғазал” (1989), “Хирмани гул” (1990), “Гостинец” (бо забони русӣ,1990), “Лолаи чашм” (1993 дар Теҳрон ва Душанбе чоп шудааст), “Ашки қалам” (1996), “Дидор” (1997), қиссаи “Фарёди ёдҳо” (1998), “Хоки Ватан”, (1999), “Парчами нанг” (1999), “Суруди ишқ”(2001), “Гавҳари меҳр”(2001), “Гумгаштапайдо” (2002), “Боми сипеҳр”(2002), “Каъбаи дил”(2003), “Сукути ашк” (2004), “Поси ошноӣ” (2008), “Фархундапай” (2008), “Девон” (2009), “Ифтихор” (2011), “Мавҷи нур”(2010), “Чашмаи меҳр” (2011),“Сояи нур” (2014), “Руҷуи нотамом” (2015), “Дарди ҳастӣ” (2015), “Тоҷикистон Ватани Наврӯз”(2015) гирд оварда шудааст.

Ба андешаи шоир Камол Насрулло: “Ашкҳое, ки дар ашъори Муҳаммад Ғоиб медурахшанд, аз сиришти поки инсонӣ, аз раҳму шафқати дили шоиронаи ӯ сарчашма мегиранд” [99, с.25].

Ба ин васила, Муҳаммад Ғоиб бо чунин истеъдоди воло ва салиқаи ҳунари офарандагии каломи бадеъ, ки дорад, аз ибтидои фаъолияти эҷодиаш дар баробари шоирӣ ва рӯзноманигорӣ, инчунин нависанда, драматург ва филмноманависи моҳир низ мебошад. Дар ин радиф хонандагони тоҷик бо осори саҳнавии ӯ низ ошноӣ пайдо кардаанд. Маълум аст, ба қалами шоир драмаҳои “Шоҳи Ҳамадон”, “Мири Кабир”, “Эмоми Аъзам”, “Арвоҳзада”, “Зиндамаргон”, “Волидони беворис”, филмномаҳои “Гумгаштапайдо”, “Пуштаи ҳандақпеч”, “Ҳасрати дидор”, “Вафодор”, ҳамчунин, филми

бисёрқисмати “Саргардонӣ” мутааллиқ буда, ба шоистагӣ аз ҳунари волои эҷодии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Солеҳ Қосимзода табъи саршору самараи тасвирофарии хомаи пурэъҷози шоирро мавриди омӯзиш қарор дода, чунин тазаккур медиҳад: “Дар шеъри Муҳаммад Ғоиб фурӯғи андеша ҷойгоҳи муносиб дорад ва ин фурӯғи андеша ба қолабҳои куҳнаи шеърӣ руҳи нав ва рангу бори тоза мебахшад ва хонандаро ба андешаи амиқ водор месозад” [82, с. 242].

Воқеан, шеъре, ки маҳсули андешаи олист, мутолиааш низ касро ба андеша ва ибратомӯзӣ водор месозад ва шеъри Муҳаммад Ғоиб аз ин фарзияҳо саршор аст.

Доктор Шамсулҳақи Ориён бошад дар мавридимавзуъҳоишеъри шоир ингуна андеша дорад: “Ҳеҷ байте дар маҷмуи офаридаҳои ӯ сатҳӣ нест ва барои баёни эҳсосоти гузаро, ки масрафи рӯзона дорад, ихтисос наёфтааст. Ин шоир тақрибан шеъри ошиқона ба маъшуқаҳои ҳарҷойӣ надорад” [105 с. 48].

Дар воқеъ шоир чунон бо эҳсос шеър мегӯяд, ки ҳангоми хондан ва ё шуниданаш кас аз гиря гулӯгир мешаваду ифтихору эҳсоси ватандорӣ вуҷудашро фаро мегирад. Чунончи:

Дар лаҳад гӯянд агар душман ба хокат по нишод,
Мурдаи садсола бошем аз кафан берун шавем [105 с. 53].

Муҳаммад Ғоиб дар навъҳои гуногуни шеърӣ, аз ҷумла дар шеъри наврасону кӯдакон, ғазалу рубоӣ, марсияву мухаммас, шеъри озод, суруду таронаҳо ва жанрҳои анъанавӣ маҳорати фавқулода дошта, дар интихоб ва дарки табъи воло нишон додааст. Аз ҷумла, як қисми калони эҷодиёти шоирро шеъру достон, афсонаву чистонҳо ва гунаҳои дигари мутааллиқ ба дунёи кӯдакон ва наврасон бахшидашуда ташкил медиҳанд, ки тавассути китобҳои “Тути дара”, “Роҳи Каҳкашон”, “Пойгаҳ” “Афсонаи нав” ва ба тариқи матбуоти даврӣ пешкаши хурдсолону наврасон гардидаанд.

Зиё Абдулло, ки бо эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб аз оғоз ошноӣ ва дилбастагии хос доштааст, дар робита ба вусъати мавзуъ ва андеша дар шеъри

ин шоир, зимни навиштани мақолаи хеш бамаврид таъкид мекунад, ки: “Муҳаммад Ғоиб шоирест, ҳам дар гуфтани шеър барои бачагон ва ҳам барои калонсолон дасти тамом дорад. Агар шеър дард аст, ӯро шоири дардмандтарин метавон номид, вале шеъри ӯ аз оҳанги созанда ва офаранда ва умед барои оянда лабрез аст” [48, с.54].

Дар эҷодиёти шоир шеърҳои барои атфол навиштаи ӯ низ мавқеи чашмрас доранд. Дар бораи гуногунжанрии эҷодиёташ худи шоир низ гуфтааст: “Ба гумонам, дар олами эҷод маънӣ жанрро интихоб мекунад, на жанр маъниро ва эҷодкор маҷбур мешавад, ки ба он талабу фармон хома ронад, аз роҳи ҳидояткардааш берун қадам намонад. Агар бар хилофи он амал кунад, офаридаашро касе намехонад, хонад ҳам, дар ёдаш чизе намемонад” [30, с.11].

Дар ин маврид, аз ин навъҳои бадеии барои бачагон бахшидаи шоир, ки хеле кунҷковона, мароқангез, саволбарангез ва мувофиқ ба дунёву афъол ва табиати кӯдакон гуфтааст, мисолҳои фаровон оварда метавонем. Масалан:

Маро очам “бачам” гуфт,
Лоларо ҳам “бачам” гуфт.
Ҳасанро ҳам “бачам” гуфт,
Чаманро ҳам “бачам” гуфт.
Ин сон ки бошад агар,
Кӣ хоҳару кӣ додар? [1, с.7].

Ба ҳамин монанд метавон ба чистонҳои офаридаи шоир рӯ овард, ки бо мазмуни зайл ҷавобгӯйи мавзуи ин жанри кӯҳани адабиёт мебошанд. Албатта, маълум аст, ки “чистон” жанри саволбарангези адабиёт буда, дар анҷом ҷавоби дуруст ва саҳеҳро талаб мекунад. Ин мазмунро дар чистоне, ки ҷавобаш “офтоб” аст, мехонем:

Рӯзона бо мо меҳмон,
Шаб ӯ дар дигар макон [1, с.43].

Ҳамчунон ӯ саъй кардааст, ки бо эҷодиёташ дар баҳри нопайдоканори шеър ғӯтавар гардида, ба умқи маънӣ фурӯ равад ва дар зимни комҷӯйӣ аз ҳама

анвои назм талош варзад, то ки гавҳари мақсуд ба даст оварда тавонад. Аз ин лиҳоз, мутолиаи ашъори гуногунмавзуи шоир ҷавобгӯйи мундариҷаи матраҳнамудааш гардида, таҷассумгари мавзуи интихобнамудааш мебошанд. Масалан, дар шеъри "Кафтар" бо коргирӣ аз санъатҳои бадеии рамзу ташбеҳ, ба мавзуи маъмули "кафтар" ё кабӯтар, рамзи ин ном ва таҷассуми моҳияти "номарасонӣ"-и он таваҷҷуҳ намуда, шоир дар мавриди корбурди мавзуъ, ки дар атрофи вожаи "ишқ" чарх мезанад, тасвири зебое меофарад:

Дар лаби боми ту кафтар шиштааст,
Сӯзад аз сӯзи нигаҳ чашмони ман.
Номае дар каф маро бошад ҳанӯз,
Чун нишони ишқи бесомони ман.
Ишқ сеҳре дораду аз сеҳри ӯ,
Бахти аз каф рафта ҳам баргаштааст.
Шояд он оҳи дили зори ман аст,
Дар лаби боми ту кафтар гаштааст [30, с.111].

Мавзуъ ва мундариҷаи ашъори Муҳаммад Ғоиб дар заминаи воқеияти басарбурда ва диду хаёлоти шоирона бештар буруз кардааст. Шеъри "Марги саг" мисоли равшани гуфтаҳои болост. Дар ин шеър шоир як лаҳзаи дардноку ҳассосро тасвир мекунад, ки аз дида ва мушоҳидаи худи шоир аст. Дар чанд мисраъ шоир тавонистааст, ки манзараи ҳузнангезе, аз ҷумла, дарду алами ҷонкании ҳайвони хонагӣ, азобу уқубати онро, ки дӯсти вафодори инсон аст, ба сароҳат тасвир намояд:

Тамоми пайкараш монанди барги бед меларзид,
Сарашро дур аз он мебурд чун аз ҳалқаи баданаш.
Дигар сар монда байни ҳалқаи дасташ намехобад,
Ба чанги сими барқ афтода гӯё узву пайвандаш.
Зи чашми ҳар тамошобин пайи ҳам ашки ғам омад,
Бурун шуд бо занозанҳои бисёр аз бадан ҷонаш.
Вафодорон агар ин гуна ларзанду чунин миранд,

Чӣ сон бошад барои бевафоён маргу ҷон кандан? [30, с. 202].

Шеъри “Марги саг” саршори ҳикмати вафодорӣ ва инсонгароӣ мебошад ва шоир дар офаридани чунин шеърҳое, ки бар асари мушоҳидаҳояш болои сафҳа овардааст, маҳорати воло дорад. Бо баёни лаҳзаҳои охирини ҳаёти саг, шоир эҳсоси вафо, дард ва нобаробарӣ миёни инсон ва мавҷудоти дигарро ба таври амиқ баён мекунад. Дар шеъри мазкур ибораҳои “монанди барги бед ларзидан”, “пайи ҳам ашки ғам омадан аз дидаи тамошобин” ва “чашмони осмонгир”-и дӯсти вафодори инсон хеле моҳирона истифода шудааст.

Умар Сафар дар муқаддимаи китоби “Нимо ва шеъри форсӣ” ёдовар гардидааст, ки “… назми форсӣ дар ҳар давраи таърихӣ шоирони номдореро ба ёд дорад, ки дар ҳадди истеъдоду идроки худ даст ба ибдоъ ва навгӯӣ задаанд ва Муҳаммад Ғоиб низ аз зумраи чунин шоирон маҳсуб меёбад” [130, с. 3].

Шоир дар баробари эҷоди осори пурмуҳтавои хеш, бо таваҷҷуҳ бармавзуъҳоиинтихобнамудааш, бештар барои дарёфти мавқеимавзуъҳоилирикӣ ва иҷтимоӣ дар шеъраш талош меварзад. Муҳаммад Ғоиб баҳри хубтар нишон дода тавонистани мазмуни худшиносии миллӣ, ватандӯстиву тавсифи ҳолатҳои табиӣ ва руҳонии инсон ва паҳлуҳои дигари рӯзгору зиндагии вай возеҳ менигарад ва чунин ҷанбаҳои хотирмони ҳаёти ҷомеаро бо обуранги бадеӣ ба тасвир кашида, шеъри расо меофарад. Масалан, дар шеъри “Ҳавлии падар” барои баёни андешааш образҳоеро месозад, ки дар он ягонагии инсон ва табиати атроф ва ё сояи ҳам будан акс ёфтааст. Шоир рамзу розашро дар монанд намудани “тут” ба “бобо” ва “ток” ба “набера” инъикос намуда, пайванди инсонро дар наслҳо ва атроф баён намудааст:

Буттае мисли мижа меҷунбад,  
Барг монанди дида метобад.  
Сар ниҳода ба китфи тути пир,  
Ток мисли набера мехобад [30,с.75].

Ва ё бо таваҷҷуҳ ба мавзуи “халқ” ва арҷгузорӣ бар бузургвориву самимият бар мардуми Ватан, бо шукронаи ҳастии миллат дар шеъри “Сипоснома” пайванд будани худро бо ин силсила зикр мекунад ва мегӯяд:

Ман намирам, то ту ғамхору дуогӯи манӣ,

Ҳалқаам пайванди занҷири ту кардам, халқи ман! [30, с.50]

Муҳаммад Ғоиб ба маҳдудияти мафкуравӣ чандон таваҷҷуҳ надорад ва дар шеъраш низ аз ин мавқеъ истиқбол накардааст, чунонки ба ҳама падидаҳои хаёлии хеш бо қиёс менигарад. Ҷолиби диққат аст, ки шоир ҳангоми эҷоди шеър дар нуктаи назар ва ақидаи хеш бо иродатмандии хос ба маънӣ ва мазмун кор мегирад. Бар ин аст, ки шеъри ӯ аз лиҳози жанру шакл ва сохтор, дар мутобиқат ба мазмуну муҳтаво ва маъниву мантиқ, ки дар кори тасвир низ мутобиқат кардаанд, созгор падид омадааст.

Гуногунрангӣ, вижагии мазмун ва ғунҷоиши маънӣ дар мавзуъ дар ҳамаи маврид ҳусну асолати шеъри ӯро боз ҳам пуртароват кардаанд, ки ин тарз офаридани шеър дар эҷодиёти шоир фаровон ба назар мерасад.

Ӯ шоирест, ки бамавзуъҳоигуногун даст мезанад ва ба мазмуну муҳтавои шеъраш бештар таваҷҷуҳ дорад. Аз ин лиҳоз, доманаи андешаву назари шоир пурвусъат аст ва бо ин далел саъй мекунад, ки бо хаёлоти наву тоза дар осораш тасвирҳои зебою назаррабо офарад ва ба тариқи истифода аз воситаҳои бадеӣ ва ифодаҳои дилчасп суханашро дилнишину нишонрас гардонад. Дар банди зерини шеъри “қаламрави хаёл” мехонем, ҳам аз хотироти рангини умр рамз мекушояд ва ҳам бо рӯнамоии тасвири зебое, чун андарзи зиндагонӣ хотироти инсонро тозаву муфарраҳ мегардонад:

Аз ҳар пайи ҳарфгун гирифтам ёд,

Як умр дуруст по ниҳоданро.

Аз риштаи печдори хосси умр,

Бо нохуни худ гираҳ кушоданро [30, с.93].

Шоир дар ҳар маврид бамавзуъҳоимухталиф рӯ оварда, аз ҷумла, рӯнамойи мафҳуми худшиносии миллӣ ва ватандориву дилбастагӣ ба марзу

буми онро дар шеъри хеш бо орову тасвирҳои дилкашу ҷаззоб бештар ифода намуда, манзараҳои табиати зебову сифати ҳаёти мардуми деҳа ва зебоиҳои васфшудании онро бо як таассуроти баланди шоирона ба қалам медиҳад. Дар шеъри "Деҳаи матрук" дидани чунин манзараи хаёлбарангезро дар ташбеҳоти "дидаи равзан", "чашми модари раҳинтизор", "сар дар доман доштан", "чанор"-и "чун ватандор" ва ғайра метавон ба мушоҳида гирифт, ки ҳар тасвири шоирро боз ҳам ҷозибтар ба назар менамояд:

Гӯиё, ки дидаи ҳар равзан аст,
Мисли чашми модари раҳинтизор.
Аз ғами фарзанд сар дар доман аст,
Чун ватандори кӯҳансоле чанор [14, с.133 ].

Муҳаммад Ғоиб дар қисмати зиёди ашъораш бештар бамавзуъҳоифутуввату ҷавонмардӣ, саховату сидқу вафову муҳаббат, ҳувийяти миллӣ, сулҳу ваҳдат, Модар-Ватан ва дастовардҳои азими кишвар дахл карда, дар ҳилоли онҳо манзараҳои дилфиреби кӯҳистони тоҷикро ба тасвир мекашад. Ишқи поку муҳаббати беолоиши инсонӣ, зиндагии осудаву ороми одамон, дурӣ ҷустан аз ҳаводиси нанговар, шукургузорӣ аз амнияти ҷомеа, дӯстию рафоқат, накукорӣ, меҳнатдӯстиву қадршиносии шахсиятҳои таърихӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва гиромидошти расму оинҳои мардумии тоҷиконро дар ашъораш хеле зиёд тараннум месозад.

Тавсифи Модар аз мавзуъҳои ҷовидонии адабиёт буда, албатта, дар ҳамаи давру замон, бахусус шоиронро водор кардааст, ки дар иртибот ба он маҳорату истеъдоди хешро мавриди санҷиш қарор диҳанд ва бо офаридани тасвирҳои рангин комёб бошанд.

Маълум аст, тамоми эҷодкорон, бахусус шоирон, дар тавсиф ва тасвири Модар бо тамоми ҳиссиёти эҳтиромофар чун ба каломи муқаддас таваҷҷуҳ кардаанд. Дар таърихи адабиёт метавон ба як қатор модарномаҳои самимона рӯйи кор овардашуда, аз ҷумла, романи мондагори М. Горкий "Модар", ашъори ба ин мавзуъ бахшидаи Эраҷ Мирзо, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ,

Аминҷон Шукӯҳӣ ва шоирони дигар таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд. Мирзо Турсунзода аз нахустин шоиронест, ки Модари кӯҳистонии тоҷикро бо назокати хоссаш тасвир намуд ва ӯро чун як инсони азизе инъикос намуда буд. Мусаллам аст, ки Мирзо Турсунзода аз модараш дар овони тифлӣ маҳрум мегардад ва он ҳиссиёти қалбашро дар шеъри “Модарам” хеле хуб тасвир кардааст:

Тифл мондам аз ту модар, рӯйи ту дар ёд нест,

Қомати ту, чашми ту, абрӯйи ту дар ёд нест [43, с.224 ].

Дар шеъри Лоиқ Шералӣ симои Модар ҳамранги ормонҳои шоир мегардад. Дар “Модарнома”-и Лоиқ Шералӣ 42 шеър оварда шудааст, ки маҳз дар васфи модар аст. Барои Лоиқ Шералӣ мисли шоирони дигари тоҷик Модар инсонест, ки ҳастияшро барои фарзанд медиҳад ва ҳар нафар новобаста аз синну сол ниёз ба меҳри ӯ дорад:

Дар он соат, ки дилгирам, куҷоӣ, модари пирам?

Биё, бинмой тадбирам, ки дар гирдоби тақдирам.

Сарам хоҳад навозишҳои дастони туро имрӯз,

Дилам хоҳад нигоҳи гарми чашмони туро имрӯз [44, с.147 ].

Дар ин раванд ашъори ба ин мавзуъ бахшидаи Муҳаммад Ғоиб низ ҷойгоҳи сазовореро соҳиб гардида, ӯро бештар бо нигориши тасвирҳои тозаву шево дар ин замина муаррифӣ кардаанд:

Сиришки модари ғамдор мисли сурб вазнин аст,

Чу сабза хам занад аз бори ашкаш қомати мижгон.

Зи ҷон безор ҳасту ҷон, вале дар ҷойи ширин аст,

Надонад бо кадомин роҳ созад мушкилаш осон [21, с. 151].

Албатта, метавон ин ҷо ба тамоми е, ки шоир дар коргоҳи эҷодии хеш даст задааст, ба алоҳидагӣ ибрози назар кард, аммо таҳқиқот нишон дод, ӯ ба мавзуъҳои “Модар” ва нуктаҳои ҷанбаҳои ватандошта бештар таваҷҷуҳ кардааст. Чунончи, дар мисоли зер ҳамин собит мешаванд:

Само равшан шавад аз ахтари ман,

Диле равшан шавад аз озари ман.

Ба ғайри дарди ҳамдарӣ набошад

Даруни синаву дар пайкари ман,

Манам осуда, сӯзад модари ман [30, с. 477].

Ашъори ба шинохти бузургии Модар ихтисосдодаи шоирро метавон дар ҳама маҷмуаҳои дар солҳои гуногун батабърасонидаи ӯ мавриди мутолиа қарор дод. Чунончи, шеърҳои "Модарам, духтари замони ҷанг", "Модари ман", "Нируи меҳр", "Номаи модар", "Дунёи модар", "Ба модарам", "Ташвиш", "Меҳри бузург", "Зиндагибахш", "Фарёди ғам", "Сипоҳгумкарда" силсилашеърҳои "Девон"-и ашъораш, аз қабили: "Навҳаи модар", "Меҳрпарвар", "Дунёи ормон", "Ёди модар", "Эй вой модарам", "Дар сари гӯри модарам", "Қадри шир", "Модарнома" ва чанде дигар, ки дар маҷмуаҳои пешинааш бо нигоришу услуби хос мавриди назари хонанда боқӣ мондаанд, аз зумраи модарномаҳои ӯ маҳсуб мешавад:

Бори нози мо миёни қалбҳоро бишканад,

Ту фақат ин борро бар дӯш гирӣ, модарам.

Илми роҳи ҷонфидоиро ба мо омӯхтӣ,

Садқаат бодо ҳазорон ҷон, кабирӣ, модарам [30, с. 485].

Силсилаи шеърҳои ба Модар бахшидаи шоир аз ҷиҳати сохтор, мавзуъ, мундариҷа, ғоя тавсифгари дунёи модар, ишқи модар, бузургии ин фариштаи зиндагибахши инсонӣ буда, ҳар мисраъ ва ҳар банди онҳо бо сӯзу гудоз аз қалби шоир берун омада, аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво аз ҳам тафовут доранд. Ҳар шеъри шоир дар алоҳидагӣ метавонад баёнгари эҳсосоти самимии шоир дар ҳаққи ин отифаи рӯзгори башарӣ бошад ва Муҳаммад Ғоиб дар таркиби шеърҳои худ аз модару зиндагии худ қисса кардааст:

Ин қомати хамида ҳам аз машқи кӯдакист,

Дар пеши гӯри модарам хам мезанам ҳанӯз.

Дар ҳасрати бародару хоҳар, ки рафтаанд,

Бар сар ҳазор панҷаи ғам мезанам ҳанӯз [41, с.365 ].

Яъне, манзараҳои бузургии меҳри Модар, ҳидоятгару раҳнамову амндоранда будани дасти дуои Модар, ки дар симои модари шоир хотирмон ба тасвир омадаанд, бештар назаррас мебошанд:

Дар ҷаҳони меҳрубонӣ беназирӣ, модарам,

Дар диёри бовафоён ту амирӣ, модарам.

Хонашиниҳои ту моро ҷаҳонгир кардааст,

Баҳри озодии мо дар худ асирӣ, модарам [30, с. 485].

Бояд қайд кард, ки шеърҳои дар ин мавзуъ эҷоднамудаи шоир фаровонанд, аммо намунаи чунин волоияти тасвирҳои шоиронаро дар чанд пораи ашъори ӯ барои мисол пеш меорем. Айни муддаоро, бо рӯнамойии тасвирҳои воло дар шеъри "Номаи модар", ки бо як навъ лутфи таассуфомез аз суханони гилабори ӯ ёдоварӣ намудааст, ба мушоҳида мегирем, ки мегӯяд:

Дар чашми лоларанги ту осори хоб нест,

Сарбози давр хонаму чашми замон туро.

Будӣ, агар ту соҳиби як пораи замин,

Мекард ранҷу заҳмати ту қаҳрмон туро.

Гуфтанд, шеър баҳри ман эҷод кардаӣ,

Шеъри туро чӣ мекунам, аз ман хабар бигир.

Мондӣ ятиму аз ғамат осудагӣ намонд,

Гаштам зи дарду ғуссаи тақдир зуд пир [30, с.479- 480].

Тавассути мушоҳидакории шоирона, дар идомаи шеър таъкиди суханони модарро боз ҳам пуртаъсиртар ба қалам медиҳад:

Бар фикри шоирии худ овораӣ мудом,

Фикри мани аламзада асло намекунӣ.

Шеъри пур аз гудозаму як рӯз гум шавам,

Гумгаштаро дубора ту пайдо намекунӣ [30, с. 480].

Дар воқеъ, тасвири ботин ва симои модар дар шеъри асил таассуроти амиқи ҳиссиву мадракии шоирро тақозо мекунад, зеро модар чеҳраест, ки бо

муҳаббати хеш дилҳоро гарм медорад ва бо гармии меҳр ҷаҳони маънавӣ ва ҳастии инсониятро пурфайзу нуронӣ мекунад ва ба дунёи ормонии башарият хуррамиву саодат мебахшад. Аз ин ҷост, ки шоир меҳру муҳаббат ва раҳму шафқати модарро азизу гиромӣ медорад ва ба тавсиф онро нури зиндагии инсон, сарчашмаи саршори рӯзгор ва ободию осудагии ҳар хонавода қаламдод мекунад.

Муҳаммад Ғоиб бо дарназардошти ин ҳама муқаддасот ва майл ба модар дар шеъри “Дунёи модар” миннатдории бепоён арз мекунад ва бо тавсиф аз “худсӯзиву равшангарӣ”, “сарчашмаи шодӣ” ва дар тирашабон ба сифати “маҳтоб” будани он изҳор медорад:

Модар, ба васфат рӯзу шаб ҳарфи вафо гуфтан кам аст,

Дунёи мо як гӯшаву як гӯшаи ту олам аст.

Як шоми субҳовар туӣ, худсӯзи равшангар туӣ,

Сарчашмаи шодӣ ҳама аз ашки абри пурғам аст.

Бар тирашаб маҳтоб ту, бар ташнасаҳро об ту,

Бар дарди бемеҳрии мо меҳри ту танҳо марҳам аст. [30, с. 481].

Албатта, иншои шеър ва офаридани тасвир дар он ба ҳар шоир ба осонӣ даст намедиҳад ва болои кор овардани маъниву “зам кардани сухане бар сухане” низ талаб бар тобу тоқату тамкини шоиронро дар зимни офаридани каломи мавзун бештар меафзояд. Ин ҳам собит шудааст, ки Муҳаммад Ғоиб барои офаридани тасвирҳои зебо пайваста заҳмат мекашад ва доимо саъй мекунад, ки шеъраш дар ҳар мавзуъе, ки эҷод мешавад, пухтаву расо ва ҷаззобу дилнишин бошад.

Шоир бахшида ба рӯзгори нобасомон ва ранҷи кашидаи Модар шеъре дорад, ки “Модарам–духтари замони ҷанг” номгузорӣ шудааст. Худи шоир дар зимни яке аз суҳбатҳояшон дар маҳфили шеър бо донишҷӯён, омӯзгорон ва аҳли завқи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, рӯзи 12.05.2024 иброз карда буданд, ки: “Модарам – духтари замони ҷанг” ин мисрае буд, ки ҳангоми рафтанам ба кор дар зеҳнам

омад ва моҳҳо онро ба забон меовардам, аммо мисраи дуюму сеюм ва ё идомаашро ҳеҷ гуфта наметавонистам. Ҳар рӯзе ба ёдам мерасид ин мисраъ ва онро такрор мекардам: “Модарам – духтари замони ҷанг”. Хулоса, пас аз як моҳи фикрронӣ ва пеши назар овардани симои азияткашидаи модарам, баъдан идомаашро ёфтам ва шеъре сурудам, ки чунин шуд:

Модарам – духтари замони ҷанг,
Тобад аз тарҳи рӯйи ӯ майдон.
Чашмҳояш ба сар фурӯ рафтанд,
Ҳамчу ҷойи гулулаву пайкон.
Номаҳои сиёҳи аскарҳо
Гашта бахти сиёҳи духтарҳо.
Лолаи чашму доғи дилҳо шуд
Нақши сурху сафеди чодарҳо.
Модарам – духтари замони ҷанг,
Бемадор асту хаставу маҳзун.
Гӯӣ дар саҳнаҳои ҷанги шадид
Хуни ӯ низ рехта афзун.
Дуди ҷанг асту талхии ҷанг аст,
Талхие, ки дар оҳи ӯ мондаст.
Тарҳи қурбониёни армонӣ
Дар хаёлу нигоҳи ӯ мондаст [42, с. 96].

Шеъри мазкур аз қудрату бузургии меҳри модар тавассути як лавҳаи сарнавишти шоир, ки асари ҷангро дар рӯзгори ӯ низ таъсиргузор кардааст, ҳикоят мекунад. Шоир дар ин шеър чеҳраи модарро ба “заъфарон”, мижгонҳояшро ба “сабзаҳои даргирифта”, чеҳраашро “хаставу маҳзун”, “чашмонашро фурӯ рафта”, “доғи дил”, “лолаи чашм”, “хушк шудани майса” ба тасвир кашидааст, ки ҳангоми хондани шеъри мазкур бевосита чеҳраи модари шоир ва, дар баробари он, чеҳраи модарони замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бо он ҳама ранҷҳою дардҳои басарбурдаашон пеши назар меояд ва ин

ҳам бозгӯкунандаи маҳорати шоирӣ ва ҳунари тасвирофарии ин шоир ба шумор меравад.

Аз шеърҳои ба модар бахшидаи шоир аён аст, ки ӯ ранҷу заҳматҳои модарро қадр мекунад ва дар ҳамаи ҳолат ҳамдарду ғамшарики модар аст ва тамоми лаҳазоти бо худ буданро бе ҳасту буди модар тасаввур карда наметавонад. Шоир тамоми лаҳзаҳо модарро дар қалбу ҷони худ эҳсос мекунад ва тамоми пешомадҳои рӯзгорро, ки дар ҷисми модар нақш мегузоранд, бо мушоҳидоти фарзандона ва ҳам аз дидгоҳи як тасвиргари мушоҳидакор пеши назар меоварад ва аз он шеъри расо меофарад. Чунончи, дар шеъри "Ба модарам" мушоҳидаҳои шоир инъикос гардидаанд:

Бар уфуқҳои худ фурӯ рафтанд
Ҳамчу хуршед ҳарду чашмонат.
Шафақи охирин ҳамерезад,
Аз паси шохаҳои мижгонат.
Ҷисми пурдарду ранги зарди ту
Фасли андӯҳи баргрезон аст.
Ҷони ту ҳамчу охирин барге
Дар сари шохи умр ларзон аст [30, с. 482].

Муҳаммад Ғоиб тамоми ташвиш ва беқарориҳои модарро мушоҳидакорона ба қалам медиҳад ва бартарии аслӣ дар эҷодиёти ин шоир дар он ҳувайдо мегардад, ки ӯ ҳар мисраъ то байту бандҳои ашъорашро саропо моломоли тасвирҳои зебо манзури хонанда мегардонад. Бо чунин иддао метавон бар шеъри "Ташвиш" назар кард, ки ҷавобгӯйи матлаб мебошад:

Абр мегиряд хамӯшу бод менолад ба дард,
Аз паси талҳои дур овози тундар мерасад.
Дар ҳамон соат, ки метобад ҳаво дилгиру сард,
Бар хаёлам хонаву ташвиши модар мерасад [30, с. 483].

Воқеан ҳам, шоир дар интихоби мавзуъ ва гуфтани ашъори ба модар бахшидааш бо назари тоза ва афкори пурмоя муносибат мекунад ва ҳангоме

вожаи муқаддаси “модар”-ро ба забон меорад, қабл аз ҳама, пеши назар симои ҷаззобу нуронии шахси барояш ҳамеша азизу арҷманд, гаронмоятарин мавҷуди рӯйи замин ва сароғози ҳастии насли башар, сарчашмаи мусаффои меҳру муҳаббат, ягона шахси дар пастию баландиҳои рӯзгор барои инсон мунису ғамхор ва, дар маҷмуъ, офарандаву идомадиҳандаи зиндагии инсон ҷилвагар мешавад.

Боз борон асту борон аст дар дашту даман,

Мерасад бар синаам ҳар қатрааш монанди тир.

Дар гумонам зери борон модари дилсӯзи ман,

Ҷома бар сар, молкобӣ меравад сӯи адир [30, с. 483].

Аз ин ҷост, ки ӯ симои воқеии модари тоҷикро дар навъи чаҳорпораву ғазал ва ё шеъри озод низ ҷой дода, тамоми мушоҳидоти пуртаъсирашро дар робита ба ин мавзуъ, бо нишонаҳои мушаххас, барҷо ва каломи сареҳу равшан ба шеър ворид кардааст:

Тақдирхат аст чини модар,

Дар зарвараки ҷабини модар.

Аз қиссаи беҳтарин баланд аст,

Афсонаи камтарини модар.

Бар тоири меҳр аст лона

Ду дидаи раҳмгини модар.

Гулқанди муроди хеш ҷӯяд,

Ҳар тифл зи остини модар [42, с. 83].

Мундариҷаи ғоявии ашъори ба ин мавзуъ ва, ҳамчунин, ба мавзуъҳоиватанпарварӣ бахшидаи шоир аз ангезаҳои эҳсосонаи афкору андешаи ӯ саршор буда, пеш аз ҳама, ба воситаи ёдоварӣ ва хаёлпардозиҳо аз лаҳзаҳои муҳимтарини сарнавишти ӯ рангубор ёфта, мусаввар гаштаанд.

Мавзуи Ватан яке азмавзуъҳоимарказии адабиёти муосири тоҷик ба ҳисоб меравад ва он дар эҷодиёти ҳар адиб ба таври худ ҷилва мекунад.

Муҳаммад Ғоиб дар эҷодиёташ аз ҳама беш ба мавзуи ватандӯстӣ таваҷҷуҳ намуда, қисмати зиёди ашъорашро ба ҳамин мавзуъ бахшидааст.

Ба андешаи Нодира Ашӯрова: "Силсилаи ашъори меҳаннии Муҳаммад Ғоиб саршори алоқа, дарду ғам, шӯру ҷазабаи фарогири беназири Ватан ҳастанд, ба тасдиқи пуртаъсиру ҷазаба будани ишқи инсон нисбат ба меҳан далолат мекунад" [164].

Дар ашъори ба мавзуи Ватан бахшидаи худ шоир эҳсосоти воқеии худро ба қалам меорад. Дар ин гуна ашъори шоир ҷиддияти гуфтор бо сӯзи андарунӣ даромехта, калломи таъсирбахшеро доро мегардад. Воқеан, ватанномаҳои шоир ба ҳикмату фалсафа афзун будани онҳост, дар онҳо андешаи мухайяли фалсафӣ эҳсос мешавад. Ҳар хонандаро ба ташаккул вомедорад. Чунончи:

Осоиши мо сарфи Ватан гашт, Муҳаммад,
Чун пораи ҷони Ватан осуда нагаштем [30, с.527].

Салими Хатлонӣ дар иртибот бо ин мавзуъ мегӯяд: "Муҳаммад Ғоиб шоири ватанпарвар аст" ва ба маънои том, шоири замони худ ва "...хуни дил хӯрдану ранҷҳои шоирияш танҳо барои он аст, ки ин мафҳумро дигарон низ монанди ӯ эҳсос намоянд" [136, с.42-45].

Яъне, сози дили худро бо овози дили халқи диёраш хеле моҳирона ва мутобиқи хоставу ҳавасҳои зоҳириву ботиниаш ҳамнавою ҷӯр созад. Салими Хатлонӣ дар мавриди шоир ҷойи дигар мегӯяд: "Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки дар баёни сухан ҷасорати бештар аз дигар ҳамсафону ҳамқаламони ҳамзамони хеш дорад ва аз назари дигар дар ҳар навъи ҳунари шоирӣ ба сифат шеъри гуворову муҷаз мегӯяд" [136, с. 43].

Новобаста бар ин ҳамаи тавсифот, дар робита ба истеъдоди шеърофарии Муҳаммад Ғоиб метавон қайд кард, ки ӯро ҳамчун тарғибгари мавзуи ватандӯстиву меҳанпарастӣ шуҳратёр кардааст. Ӯ шоирест, ки хиёнаткорони Ватанро дар шеъри худ пайваста накӯҳиш ва сарзаниш мекунад. Чунончи дар шеъри "Хоин Ватан надорад" шоир чунин андеша дорад:

Мағлуб ғайри таҳқир

Дигар сухан надорад.

Бадбахттар аз ӯ нест,

Хоин Ватан надорад [30, с.67].

Муҳаммад Ғоиб дармавзуъҳоимухталиф шеър эҷод намудааст ва доманаи андешаву назари ӯ дар офаридани тасвирҳои ҷолиб васеъ аст. Ашъори ҷудогонаи ин шоир саршор аз муҳаббату самимият ба обу хоки диёр ва дар маҷмуъ, ба Ватани аҷдодист, ки баёнгари эҳсосоти таассурбор ва як навъ шеваи даъватӣ бар ифтихороти ватандӯстона, дарки ҳувийяти миллӣ, ватанпарваронаи ӯро таҷассум намуда, бо доштани чунин ҷаззобияти эҳсоси хонанда ва ҳаводорони каломро бевосита ба шинохтан ва дӯст доштани қаламрави аҷдодӣ ва хоки муқаддаси он водор мекунанд. Ба андешаи Камол Насрулло: "Вақте ки мо дар мавриди шоирони ватансаро сухан мекунем, номи Муҳаммад Ғоиб дар қатори аввалинҳо бояд ба забон оварда шавад" [99, с.37].

Дарвоқеъ, Муҳаммад Ғоиб аз зумраи эҷодкорони муваффақест, ки дар замони эҳёи навини Тоҷикистон дар сафи шоироне маъво гирифт, ки шеърашон барои худшиносии миллӣ, ангезиши эҳсосоти баланди ватандӯстӣ, барои ягонагиву бунёди Ваҳдати миллӣ саҳми мондагор гузоштааст. Шоир абёти зерро гӯё барои хеш гуфтааст:

Мо дар сафи нанг пеш ҳастем, бас аст,

Дар ҳавсала низ беш ҳастем, бас аст.

Дар гардани мо адои қарзи Ватан аст,

Фарзанди замони хеш ҳастем, бас аст [14, с.165].

Шоир мафҳуми ватандорӣ ва муҳаббату самимият ба обу хоку табиати диёрро дар шеъраш бо дарку ҳиссиёти пурҳаяҷон, ҳадафмандона ҷой додааст ва бо ин мақсад мехоҳад хонандаашро ба ватандориву ватандӯстӣ, хештаншиносӣ омода ва водор карда тавонад. Мавзуи Ватан дар қиёс бомавзуъҳои ғиноӣ – ишқӣ, иҷтимоӣ ва тасвирии ба ёру маҳбуб бахшидашуда, аз серистифодатарин дар коргоҳи эҷодии Муҳаммад Ғоиб ба

шумор меравад. Шоир дар рубоиёти худ низ ба ин мавзуъ дахл намудааст. Чунончи, дар рубоии зер ба хотири гиромидошти бародариву дӯстиву садоқату самимият дар баробари Ватан мефармояд:

Чун рӯзу шаби Ватан мунаввар бошад,
Барчош ба сар партави ховар бошад.
Хокаш ба кафи муҳаббатам зар бошад,
Ҳар сокини он ба ман бародар бошад [14, с.162].

Месазад қайд кард, ки Муҳаммад Ғоиб шоири сертараддуд ва аз лиҳози офариниши осораш дар мавзуъҳои мухталиф аз ҳунари воло кор мегирад ва каломи барҷову сухани расояш, ки тасвирҳои ҷолиберо ба вуҷуд овардаанд, далолат бар шаклу услуби тоза ва навгӯӣ мекунад.

Бо мушоҳида бар вусъати мундариҷаи ашъори шоир, ҳамзамон метавон ба ҷанбаҳои мазмунии тамоми мавзуъҳои осори шоири ширинкалом бештар ошноӣ пайдо кард.

Хулоса, тасвирҳои шоиронаи Муҳаммад Ғоиб гоҳо дар назар сурат не, балки ба шакли зинда ҳувайдо мегардад, ки хонанда метавонад онҳоро аз олами тасаввур ба олами дида баркашад. Яъне тасвирҳои шоирро хонандаи закӣ ба ғояти зиндаву чашмгир мебинад.

## 1.3. Бозтоби бадеии симоҳои таърихӣ ва адабию фарҳангӣ дар шеъри Муҳаммад Ғоиб

Васфи чеҳраҳои таърихӣ аз қадимулайём яке аз мавзуъҳои мубрам ва пураҳамияту мондагори адабиёт ба шумор рафта, дар эҷодиёти адибони классик ва ҳам дар шеъру осори мансури адибони муосир ба фаровонӣ мушоҳида мешавад. Шоирону нависандагон ва муаррихони форсу тоҷик саъй кардаанд, ки дар нигоштаҳои худ аз қаҳрамониву корномаҳои чеҳраҳои мондагор ва нобиғаҳои даврони худ ёдоварӣ намоянд ва мақсуд аз бархурди онон бар ин мавзуъ он буд, то тавонанд лаҳазоти таърихӣ ва чеҳраи воқеии

ашхоси мондагор ва хушноми миллиро дар осори худ сабт ва барои ояндагон таблиғ намоянд.

Ба ақидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: “Таърих гувоҳ аст, ки миллати тоҷик абармардонеро ба дунё овардааст, ки ҳар кадом дар замони хеш бо хирад, заковат, дониш ва фазилат ба дараҷае шуҳрат пайдо карда буданд, ки самараи умру хидмати беназир, мақому манзалаташон ҳамеша ва дар ҳама давру замон боиси ситоиш ва қадрдонӣ мебошад” [108, с.4].

Бахусус шоирон, бо таваҷҷуҳ ба чунин, корномаҳои бемисли гузаштагон ва муосирони шинохтаи хешро бо мақсади офаридани тасвирҳои зиндаву воқеӣ ва нишон додани ҳақиқати таърихӣ иқдомоти бештар гирифтаанд. Чунончи, “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ дар бораи шоҳон ва ҷашнҳои миллӣ, корномаҳои ҷавонмардони миллати тоҷик ва шинохти қаламраву миллат ба ҳақиқат ёд шудааст ва ин шоҳасари таърихӣ бо ҷанбаи нишон дода тавонистани чунин ҳақиқати таърихӣ то имрӯз низ дорои аҳамияти бузург аст.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиши “рӯйдодҳои таърихию фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи илму адаб” барои дарёфти “решаҳои худро аз гузашта”, “ бо онҳо пайванд доштан”, “ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корномаҳои онҳоро аз нав зинда” намудан зарур медонад [108, с.5-6].

Мавриди истифода қарор гирифтани чеҳраҳо ва далелҳои таърихӣ бештар аз тариқи санъати бадеии талмеҳ ва ё тасвирҳои ҷудогона, дар асари адибони муосир бисёр метавон мушоҳида кард. Намунаи барҷастаи чунин тасвирнигориро дар осори гуногунжанр, бахусус дар осори шоирони солҳои 30-50-уми асри гузашта, дар мисоли: Абулқосим Лоҳутиву Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукуҳӣ, Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, ҳамчунин, адибони солҳои 60-70-ум ва баъдҳо: Ғоиб Сафарзода, Лоиқ

Шералӣ, Бозор Собир, Саидҷон Ҳакимзода, Ҳақназар Ғоиб ва дигарон зиёд метавон дучор омад. Ин раванд дар эҷодиёти шоирони солҳои 80-ум ва бештар замони соҳибистиқлолии кишварамон хеле боравнақ идома ёфтааст. Дар ин миён рӯйи кор овардани ин мавзуи дорои мундариҷаи ғоявӣ ва шаҳодатдиҳанда бар манобеи таърихӣ аз назари Муҳаммад Ғоиб низ дур намондааст. Чунончи, дар мисоли зер бо истифода аз санъатҳои ташбеҳи пӯшида хештанро ворими Хайём ва Ибни Сино хонда, эҷоди худ (ва, умуман шоирон) - ро "Бедилобод"-и ҷовидонӣ хондааст:

Маст чун Хайём аз дигар маю мино манам,

Дардмандонро табибам, ворими Сино манам.

Кохи ҷовидони назм аз хишти эҷоди ман аст,

Хоназоди аҳли фаҳм аз Бедилободи ман аст [14, с.42].

Муҳаммад Ғоиб дар сурудани тамоми навъҳои шеърӣ соҳиби сабку салиқаи худ аст ва дунёро ба чашми ботинии худ менигарад ва манзари манзурро аз дидгоҳи фардӣ, бо истифода аз санъатҳои тасвирсози бадеӣ ба тасвир мекашад.

Маъруф Раҷабӣ дар мавриди корбурди саноеи бадеӣ дар шеъри шоир мефармояд: "Эҷодиёти шоир ба равонӣ ва ташбеҳу истиораҳои тоза ва дарёфти роҳи ҳалли хуби мавзуъ, аз офаридаҳои ҳамсолони дигараш фарқ мекунад... Хулоса, ҳар қадами шоир аз пайи қаламаш пайдост. Пайи норафтании қалами Муҳаммад Ғоиб аз китобҳояш ба суханфаҳмон маълум аст" [106, с.12-17].

Абёти зерин гувоҳи равшани гуфтаҳои фавқ буда метавонанд, ки далолат бар салиқаи шоирӣ ва тарзи тасвирофарии ӯ дар шеъри асил мебошад:

Одамиро фикри дунёӣ ҷаҳонбин мекунад,

Зиндагӣ талх аст, онро марг ширин мекунад.

Рӯзгор охир чу деҳқоне ба испори хаёл

Пуштаи пешонии моро пур аз чин мекунад.

Мардро созад гузашти умр неку хайрхоҳ,

Ҳар ҷавонеро бубинад, пир омин мекунад [30, с.594].

Дар иртибот бо ашъори гуногунмазмун ва пурмуҳтаво, сиёсиву иҷтимоӣ ва ошиқонаҳои Муҳаммад Ғоиб метавон ба сароҳат сухан гуфт, зеро ӯ ба ҳар мавзуе, ки таваҷҷуҳ карда, пеш аз ҳама, барои офаридани манзараҳои ҷолиб, ҳамчунин, қаҳрамони фардии шеъраш, ки аз ҳар манзаре рӯнамо гашта бошад, худро муваззаф ва масъули дақиқназарӣ ва сароҳатнигарӣ дар тасвир мешуморад.

Шоир дар офаридани сувари вобастаи мазмун, ҳам аз қаҳрамони лирикӣ сухан дар миён мегузорад ва хоҳ дар мундариҷаи иҷтимоӣ, сиёсиву таърихӣ ё ҳаммонанди ин, ки ба тавсифи чеҳраҳои таърихӣ мепардозад, муваффақу комёб аст:

Муддате будаст, гӯйӣ, дар канори Панҷрӯд,

Ӯ шунидаст аз забони Рӯдакӣ шеъру суруд.

Шавкати Маҳмуду ёди Пири Тӯсӣ дар сараш,

Мешавад ҳайрон ҳанӯз аз зиндагиву довараш.

Охирин нури басарро нури олам мекунад,

Ҳар кӣ медонад варо, сар пеши ӯ хам мекунад [30, с. 129].

Ӯ худро меросбари ҳақиқӣ ва давомдиҳандаи муътақиди иқдомоти ин силсилаи шеърпардоз ва маъниофар, яъне бузургони адабиёти тоҷик меҳисобад, ки дар маҷмуъ, ба гузаштаи ғаноманди таърихӣ ва фарҳангиву тамаддунии хеш хеле босароҳат ва боифтихор муносибат намуда, хотиротеро дар авроқи ҷовидонаи адабиёт сабт кардаанд. Шоир дар ашъори худ аз ному нишон ва корномаҳои таърихии эшон бо далоили фаровон ёд мекунад, ки ин ҳама дар ашъори мухталифи шоир нақши нозудуданӣ пайдо кардаанд.

Ин аст, ки мо намунаи чунин ёдвораҳои таърихиро дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб ба фузунӣ дучор меоем, ки метавонанд ба сифати сарчашмаҳо барои офаридани осори тозатару мондагор заминаи мусоид фароҳам оваранд:

Даме ки лашкари бегона омад,

Малах бар киштаи пурдона омад.

Ба рағми нияти ҳар хонумонсӯз,

Садои мард аз ҳар хона омад.
Даме ки чил ҳайкали покӣ, ки диданд,
Зи дил оҳи пур аз ҳасрат кашиданд.
Бигуфтанд: – ин диёри ному нанг аст,
Либоси духтаронаш ҳам зи санг аст [14, с.143].

Шоир дар шеъри “Дарди номус”, ки ба хотираи академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ бахшида шудааст, таърихи гарон, сарнавишти талху хунини халқи тоҷикро баён кардааст. Муҳаммад Ғоиб аз оғоз то анҷоми мисраъҳои ин шеър бо дарду ҳасрат сарзамини аз дастдодаи тоҷикон, аз марзҳои Тоҷикистони тозабунёд дур мондани шаҳрҳои шукӯҳманди Самарқанду Бухоро ва “табартақсим”-и беадолатонаи ҳокимони даврро бо андуҳи зиёд ба силки назм мекашад:

Ҳиҷову ҳарфат оби дидаҳо буданду ҳар як ҷумла ҷӯйи ашк,
Баланд аз рашки ҷонсӯзи ватандорӣ набошад дар ду олам рашк.
Тамоми умр санги ғусса баҳри ҳифзи хоки кишварат хурдӣ,
Зи тири фикри мулки поргашта борҳо дар зиндагӣ мурдӣ.
Ту дар тақдимҳои ҳокимони даври худ тақсимҳо дидӣ,
Харобиҳои фардои диёратро дар ин тармимҳо дидӣ [14, с. 94].

Ин шеър марсияест, ки дар он ҳувийяту шукуҳи аздастрафта, ёдкарди ҳасратомехта бо нигориши пурсӯзе ба гузаштаи мардуми тоҷик ва мудҳиштарин сафаҳоти таърихи миллат аст, ба хотири шинохтану шиносонидани худ ва бедор кардани ҳисси худшиносиву худогоҳии мардуми тоҷик. Он гузаштаи фарҳангии дурахшон акнун чун дашти хокистар дар ёдҳо мондааст:

Зи тарси ҷон бигуфтанд офтоби бахт мардум инқилоби давр,
Бухоро – мулки меҳрат дашти хокистар шуд аз он офтоби давр...
Хуросони бузург – ин меҳани аҷдоди ман, хоки диёрам буд,
Қадамҷои қаламдорони шуҳратёру соҳибифтихорам буд.
Дигарҳо ёд бигрифтанд ҳарфу вожаро аз номаҳои ман,

Ҳаме буданд дар сармои қисмат баҳраҳо аз ҷомаҳои ман.

Вале акнун намехоҳанд дидан носипосон дар Ватан моро,

Зи таърихи навини худ бурун карданд чун халқи куҳан моро...

Табартақсим корат кард, аз боғи ту пайдо чӯби дорат кард,

Ҷудо аз решаи сарсабзи ҳастӣ ҳар ниҳоли мевадорат кард [14, с 95].

Бояд иқрор шуд, ки Муҳаммад Ғоиб аз зумраи шоиронест, ки бо ашъори ғиноӣ, бавижа “ватаннома”-ҳо ва нигоштаҳои тавсифиву иҷтимоии хеш амали неку сутудании гузаштагони худро дар қолаби чаҳорпораву ғазалу рубоӣ, дубайтӣ ва қитъаҳои пурмуҳтаво, ба манзури ҳаводорони каломи бадеъ ҳаволат кардааст. Чунончи, дар шеъри “Бузург” омадааст:

Зи дунё ҳам равад, ҳаргиз нагардад,

Бузург аз хотири дунё фаромӯш,

Бузург аз ҷовидонӣ нома дорад,

Бузургонро ҷаҳон гирад дар оғӯш.

Ба хомӯшии худ овозадоранд,

Ба он ранге, ба дунё Шоҳи Хомӯш [30, с.45].

Ҳамин мавзуъ, яъне истифодаи ному корномаҳои шахсиятҳои пурмоя ва сармояи ифтихору номовари адабиву таърихӣ, аз ҷумла: сифати кору рӯзгор ва панду андарзҳои маърифатпарвароне чун аҳли адаб, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Мавлонои Балхӣ, Саъдӣ ва Ҳофизи Шерозӣ, қаҳрамониҳои “Шоҳнома” Рустаму Фаридун, Коваю Спитамон, Темурмалику Восеъ ва садҳо бузургону қаҳрамонони дигарро шоир дар шеърҳои “Панди куҳан”, “Резаборон”, “Улуғзода”, “Пуштибон”, “Восеъ”, “Тоҷик”, “Ранҷи Фирдавсӣ”, “Эътиқоднома”, “Таъкид”, “Накҳати Ватан”, “Аламнома”, “Бозгашт”, “Ҳасрати мулк”, “Бонги таърих”, “Сарнавишт”, “То қиёмат мулкдор осуда нест”, “Зиндагибахш” ва ғайраҳо бо сарбаландию сарфарозӣ ба қалам додааст. Ҳамчунин, дар шеърҳои бахшида ба қаҳрамонони миллат: “Эмомалӣ Раҳмон”, “Мирзо Турсунзода”, “Бобоҷон Ғафуров”, “Айнӣ”, “Нусратулло Махсум”, “Ширишоҳ Шоҳтемур” аз

қаҳрамониву ҷасорати онҳо тавсиф намуда, паҳлуҳои ибратомӯзи рӯзгори ин абармардони таърихии миллати тоҷикро бо каломи сареҳ барои ояндагон боз ҳам равшантар инъикос намудааст:

Ҳанӯз аз номаи ҳолаш расад бар гӯши мардум оҳ,
Касе талхии ҳастиро намедонад чу Ширишоҳ.
Гузаштанд он сияҳкорон, саҳар омад пас аз бегоҳ,
Сафед охир бишуд, шуд қаҳрамон марди ҳақиқатхоҳ [14, с. 194].

Ва ё:

"Тоҷикон"-ат шуд сипар моро зи сад шамшеру теғ,
Зад хурӯси субҳ баъди шоми лолӣ боз ҷеғ.
Офтоби бахт берун шуд зи пинҳонгоҳи меғ,
Шуд ба роҳи зиндасозӣ умри ту поён дареғ,
Ҳайкали ҳар қаҳрамон бошад баланд аз сад ситеғ [14, с. 183].

Шоир дар мисраъҳои зерин аз қавми ориёӣ будани аҷдод ва гузаштагонамон ёдовар гардида, дар идома аз ноҳақиҳои Маҳмуди Ғазнавӣ нисбат ба Фирдавсии Тӯсӣ гиллагузор мешавад ва ҷое дигар барои қадршиносиву муҳтарам доштани бузургонамон андарз медиҳад. Ба таъкид изҳор медорад, ки мурдаҳоро мадҳ кардан ва ё онҳоро соҳибӣ кардан суд надорад, беҳтараш зиндаҳоро соҳиб бошем ва бо дастгирию дилгарм доштан ва арҷ гузоштани манзалати бузургони миллат некназар ва хушком бошем. Чунончи, бо истифода аз санъати талмеҳ, бо овардани "рахшдор", яъне ҷовидонпаҳлавони "Шоҳнома" – Рустами Дастон, шоҳи вақт – Маҳмуд, номи мушаххаси Фирдавсӣ ва монанди чунин чеҳраҳои таърихӣ моро ба сарнавишти таърихӣ ва воқеӣ ҳам ошно мегардонад ва ҳам андарзи ҳушмандӣ медиҳад:

Аз нажоди ориё ҳастем, ори мо куҷост?
Мерасад бонги саворон, Рахшдори мо куҷост?
Қадрдониҳои баъди марг ҷосусӣ бувад,
Ҳиммати Маҳмуд бар Фирдавсии Тӯсӣ бувад [30,с.46].

Посдориву муҳтарам доштани аҳли маърифатро дар шеъри “Бонги таърих” низ дучор меоем, ки шоир ба қадри аҳли дониш расиданро бо гиромидошт ёдоварӣ намуда, ҳифз кардани сарчашмаҳо ва маъхазҳои таърихиро, ки аз дасти лашкариёни муғул ба боди нестӣ расиданд, ҳамчунин, носипосию нотавонбинӣ нисбат ба шоирон, қатли бархе аз онҳо ва сабабҳои ба хок яксон шудани ободиҳои сарзамин ва қаламрави аҷдодиро сахт маҳкум мекунад. Чунончи, нангин будани чунин саҳифаҳои таърихиро дар чанд мисраи зер шоир ба риштаи назм кашида, барои пойдории номи мардон, забони миллат ва устувории он бо ифтихормандӣ афзудааст:

Дар замони Амир Исмоил,
Қадри мардони бохирад афзуд.
Сӯхт шояд зи оҳи Фирдавсӣ,
Пояи тахти давлати Маҳмуд.
Буд муғул аз даранда ҳам бадтар,
Кард садҳо навиштаро нобуд.
Баъди куштор қотили Аттор,
Гуфт бо зиндагии худ падруд.
Зори дармон шуд он ки бар Сино,
Ҷаврҳо карду ҳам ҷазо фармуд.
Ҳарфи Ҳофиз ба Ланг хуш афтод,
Хол шуд нуқтаи хати мақсуд.
Тоҷик аз ҳар ҳаводиси айём,
Ҳифз танҳо забони худ бинмуд [42, с.5-6].

Аз таҳлилҳо бармеояд, номҳои Сомонӣ, Фирдавсӣ, Аттор, Сино, Ҳофиз ва ҳатто “забон”, ки ба устура мубаддал гаштаанд, ҳамчунин, номҳои манфури таърихӣ, амсоли Маҳмуди Ғазнавӣ, муғулҳо ва Темури Ланг дар шеъри боло тасвири дархурди мақсади шоир гардидаанд.

Ба ҳамин монанд, метавон ба шеъри хеле самимона сурудаи шоир, ки “Пуштибон” унвон гирифтааст, рӯ овард, ки шоир тавассути арзи ақидаи хеш

бештар ба ҷанбаҳои ҳам лирикаи иҷтимоӣ ва ҳам ба дарунмояи он дар шинохти маонии марбут ба ҳифзи номус ва назари маърифатгарои адибони номвари тоҷик, аз ҷумла Ҳофиз, Бедил, Анварӣ, Сино ва дигарон таваҷҷуҳ намудааст.

Ӯ, ҳамчунин, дар маврид ба эътирофу бар маъруфияти "забони дарӣ"-и модарии мо, ки имрӯзҳо тавассути чунин анвои асотир номи миллати моро ҷаҳоншумул гардонидааст, эҳтиром қоил аст. Барои рӯшанӣ андохтан ба мақсади шоир месазад ба шеъри зерин диққат дод:

Мисли Ҳофиз ёфтан амри маҳол,
Бо ҳазорон ранг маънӣ гуфтааст.
Мисли Бедил ку дигар нозукхаёл?
Олами асрор, рози хуфта аст.
Гар намебуданд садҳо пуштибон,
Рӯдакӣ гумном буду Анварӣ.
Заҳмати Сино пайи ҳифзи забон
Дод умри тоза бар лафзи дарӣ [30, с.130-131].

Муҳаммад Ғоиб дар шеъри "Тоҷик" низ бо тавсиф аз номи қаҳрамонони таърихӣ ва макони басарбарандаи воқеаҳо бо ифтихормандӣ бар дастоварди тамаддунии миллати хеш садо баланд кардааст, ки гузаштагони миллатҳои дигар агар барои наслҳояшон ғаму озор, нотавонбинӣ боқӣ гузошта бошанд, ниёгони дурандеши мо бароямон ашъор ва фарҳанги пурғановату рангин боқӣ гузоштаанд ва шукргузор аст, ки мардумони олам аҷдоди моро бо фарҳангу маданияти он бештар мешиносанд. Чунончи мегӯяд:

Дар ҳама рӯи замин донанд аҷдоди маро,
Лафзи ман, гуфтори ман, табъи худододи маро.
Гар аҷдоде ба авлодаш ғаму озор монд,
Лек аз аҷдоди дурандеши ман ашъор монд [30, с.238].

Бо ин ифтихороти тавъам, ҳамчунин, бо рӯнамойии воқеаҳои таърихӣ, ки бар асари ҳуҷумҳои Искандар сурат гирифтаанд, ёд овардани номи

мушаххаси Рӯдакӣ, Сино, Хайём, Ҳофиз, Бедил ё маконҳои таърихӣ, монанди: Аҷам, Чилдухтарон, Бадахшон, Зарафшон, Хатлон, дар маҷмуъ, Ватан – Тоҷикистонро мавриди ситоиш қарор медиҳад, ки албатта, саршор аз тасвирҳои пурмуҳтаво мебошанд.

Муҳаммад Ғоиб дар шеъри "Ранҷи Фирдавсӣ" аз силсилақаҳрамонҳои миллӣ, ки дар "Шоҳнома" оварда шудааст, ёд менамояд ва онҳоро дар тазоди набардҳо тасвир намудааст:

Зории Эраҷ нарезонад сиришки Салму Тур,
Дар сари ин қисса дил обу ҷигар хун мешавад.
Аз ҷаҳони подшоҳӣ бурда ҳасратҳо ба гӯр,
Сад пушаймон аз хатои худ Фаредун мешавад [30,с.242].

Ва ё дар қитъаи зер мехонем:

Ҷабри Ковус аст беҳ аз шафқати Афросиёб,
Кушта мегардад Сиёвуш охир аз дасти Гурӯй [30,с.242].

Ва ҳаммонанд ба тасвири чунин номҳои мондагор мефармояд:

Бар димоғам мерасад аз оташи дардода дуд,
Бехиёнат нест рашк, аз роҳ гардон Тӯсро.
Дасти тири Бежан аз тан мекашад ҷони Фуруд,
Мезанад барҳам умеди Рустаму Ковусро [30,с.242].

Чандин исмҳои дигар, ки зикрашон дар боло рафт, муҷиби омӯзиш буда, аз ҳунари тасвирофарии Муҳаммад Ғоиб ба шумор меравад, ки тавассути корбурди ҳодисаҳои асотирӣ дар шеъри хеш, хонандаро дар ҷаҳони бадеии офаридаи Фирдавсии Тӯсӣ сайр медиҳад, чунонки намунаи мушаххаси он дар шеъри фавқуззикр ба мушоҳида расид.

Муҳаммад Ғоиб бо таваҷҷуҳ бар нигоштани исмҳои чеҳраҳои мондагори таърихӣ, ҳамчунин, бар маросиму урфу одоти миллӣ рӯ оварда, бо ёдоварӣ аз ҷашнҳои мутамаддин ва фарҳангии миллат, монанди: Меҳргон, Наврӯз, Сада ва Тиргон бори дигар ба тариқи рисолати шеъри худ барои баҳрабардорӣ аз расму оинҳои мардумии мо, ки ба чунин воқеоти таърихӣ иртиботи қавӣ

доранд, даъват ба амал меорад ва хонандаи хешро ба гузаштаи таърихии аҷодонамон ошно мегардонад. Чунончи:

Бехато донем аз он рӯзи ҷашни Меҳргон,

Бехато донем аз он ҷашни Наврӯзу Сада [30,с.243].

Ва ё ҷойи дигар гуфтааст:

Дилбохта ҷӯяд фараҳ аз ғамкадааш,

Ҷӯяд пайи Наврӯз зи кӯи Садааш [39,с.145].

Наврӯз яке аз ҷашнҳои муътабартарин ориёиҳо ба шумр рафта, мазмунан рӯзи нав, яъне аввали соли нави ориёиёни аҳди бостон аст, ки сарчашма ва манобеи таърихӣ низ дар ин маврид гувоҳ ҳастанд. Андешаи маъмул ҷиҳати асли пайдоиши ҷашни Наврӯз ба ривояте, ки дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ маҳфуз аст, ба номи Ҷамшед ҳамбастагӣ дорад.

Абӯрайҳони Берунӣ низ дар “Осорулбоқия” ба ин ҳақиқатнигории аҳли қалам ихтилоф надорад. Аммо мутафаккир аз гуфтори дигарон Наврӯзро шарҳ дода, чандин ақидаро ба қалам овардааст: “Нахустин чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динро аз нав кард. Ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд” [51,с.145].

Дар “Таърихи Бухоро” Абубакр Муҳаммад бинни Ҷаъфар Наршахӣ ишора менамояд, ки дар “Хазоинулулум” ном сарчашмае дар мавриди зикри бинои арки Бухоро омадааст, ки дар назди арки Бухоро муғон ба хотири Сиёвуш “ҳар соле ҳар марде он ҷо як хурӯс бикушанд пеш аз баромадани офтоби наврӯзӣ. Ва мардумони Бухороро дар куштани Сиёвуш навҳаҳо аст чунон, ки дар ҳама вилоятҳо маъруф аст. Ва ин сухан зиёдат аз се ҳазор сол аст” [52,с.23].

Дар адабиёти навини тоҷикӣ, хусусан адабиёти даврони Истиқлолят ин мазуъ яъне, Наврӯз қабои нав пӯшид ва дар сори назмии аксарият шоирони давр ба ҷилва омад.

Хуршед зи нав азми зиёкорӣ кард,

Аз дидаи ях ашки фараҳ ҷорӣ кард.

То даври кафанпӯшии саҳро гузарад,

Наврӯз қабои нав харидорӣ кард [39,с.137].

Муҳаммад Ғоиб Тоҷикистонро Ватани Наврӯз гуфтааст ва мисраи аввали ин шеър ба шиори умумихалқӣ ва гимнӣ наврӯзӣ мубадал гаштааст:

Базми гул дар чамани Наврӯз аст,

Савти ғул-ғулфикани Наврӯз аст,

То ба гардун сухани Наврӯз аст,

Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст [14,с.64].

Боиси ифтихор ва сарфарозӣ аст, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2010 Ассамблеяи Генералии Созмони миллали Муттаҳид Наврӯзро чун ҷашни байналмилалӣ эътироф намуд.

Дилбохта ҷӯяд фараҳ аз ғамкадааш,

Ҷӯяд пайи Наврӯз зи кӯи Садааш.

Хокистари ишқ то қиёмат гарм аст,

Рӯҳест, ки पояд раҳи оташзадааш [39,с.145].

Шоир дар шеъри дигари хеш зери унвони “Сарнавишт” бо истифода аз номи 12 шахсиятҳои таърихӣ ва се шаҳри бостонӣ тавонистааст, ки маънии амиқи шеърро зебо бо рангомезии воқеот ва гузашти дирӯзи рӯзгори иҷтимоиву сиёсии миллат, бо моҳияти сирф таърихӣ дар пешорӯи хонанда қарор диҳад, чунонки муҷассам доштани симову чеҳраҳое, ки бо доштани ифтихору ғурури миллӣ, дастболоиву ғолибият, мардонагиву ҷасорати хеш дар набардҳо ва кашмакашҳои дар тули таърих рухдода ҳиммат гумоштаанд, низ пораҳои шеъри ӯро пурҷозиба кардаанд.

Ҳамзамон, тавассути ёдоварӣ аз исмҳои таърихӣ саъй мекунад, ки каломи хешро бо гузаштаи таърихӣ ва имрӯзи он ба муқоиса гирад ва онро ба манзараҳои воқеӣ, ҳолоти табиат ва ҳоҷоти инсон, аз ҷумла дастовардҳои

замони соҳибистиқлолии кишвар, дар зери парчами ваҳдат ва пайгирӣ аз иқдомоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бештар ошно гардонад. Дар шеъри зерин меорад:

Бигзаранд аз кӯчаи андешаи ман Коваҳо,
Қисса доранд аз дарахтони бузургам новаҳо.
Гар Фаридун дод барҳам шавкати Заҳҳокро,
Пок кард аз гарди заҳролуд обу хокро.
Он Куруши зарбазан ларзонд тахти даврро,
Вожгун кард ӯ сутуну пояҳои ҷаврро.
Он Амири ҳамзаи ман шуд сипар шамшерро,
Дӯст медоранд мардони Хуросон шерро.
Дошт Искандар ҳам аз Испитамени ман ҳазар,
Дар диёрам хасм шуд ӯ маҳрум аз шаҳди зафар.
Хӯрд дар Хатлон шикасти сахт урдуи араб,
Дар нигоҳи лашкараш шуд рӯзи равшан тирашаб.
Хонд Исмоил девори Бухоро хешро,
Марҳами осудагӣ шуд синаҳои решро.
Қаҳрамон Темурмалик бархост зидди душманам,
Гуфт: – Гӯри хасми худро бо силоҳам меканам  [14, с.4].

Дар ин шеър шоир бо мақсади тасвири симои душман онро бо калимаю ибораҳое, ки дорои сифати марбут ба аъмоли зишти инсонҳои палид аст, монанди  морпарварҳо, Заҳҳок, гарди заҳролуд, овози хасм, пояҳои ҷавр, урдуи араб, гӯри хасм, ҳамчунин таъбир кардани мафҳуми “фанди душман дар либоси дӯст” моҳирона мавриди истифода қарор додааст, ки  таъкидҳои ӯ хонандаро ба дунёи таърих ва ҷонбозиҳои абармардони илму сиёсат сари зонуи андеша менишонад ва ҳам барои шинохти неку бад ҳушдор медиҳад.

Қаҳрамонии аҷдодони моро шоир дар калима, ибора ва ҷумлаҳои  “ба вусъати абри баҳорон гиристан”, “овози мардони ҷасур”, “бабри хашм”,

“ғуррамаргон”, “зарбазан”, “сипар”, “дӯст доштани мардони Хуросон шерро”, “маргаш ҷовидонӣ кард номи Меҳан”, “девори Бухоро”, “кандани гӯри хасм бо силоҳи хеш”, “хуфтаи айёмро бедор кардан”, “мастҳоро ҳушёр кардан” дар шеъри “Худшиносӣ” ва чунин навъи ному исмҳои қаҳрамонони таърихиро, ки дар ашъори дигари хеш низ фаровон ба қалам додааст, ифтихори миллиро дар ниҳоди ҳар як нафар хонанда метавонад бедор намояд.

Гузашта аз ин, дар ин ашъор ёдоварӣ аз номи қаҳрамонони халқ, монанди тасвири симо ва шахси Восеъ низ ҷолиби диққат мебошад. Барои мисол, дар абёти мунтаҳои Муҳаммад Ғоиб гузаштаи таърихии мардуми тоҷикро бо як дилгармиву самимият дар қиёс ба имрӯзи он пайванд медиҳад ва чунонки мушоҳида мешавад, бо мурури овардану тавъам дидани номи Пешвои миллат, ки дар анҷоми корномаҳои гузаштагони хеш боматонат ва садоқат аст ва беш аз дигарон барои истиқлол ва якпорчагии Ватану миллат шукргузорӣ мекунад, мегӯяд:

Мастҳоро шӯриши Восеъ агар ҳушёр кард,

Хуфтаи айёмро Айнӣ зи нав бедор кард.

Дорад акнун кишвари ман Пешвои хешро,

Ҳам нишону ҳам суруду ҳам ливои хешро [14, с.5].

Муҳаммад Ғоиб, ҳамчунин, дар шеъри “Восеъ” – қаҳрамони халқи тоҷик шуҷоату далерии мардумро дар симои як фарди тоҷик қаламдод намуда, ба ин тариқ рӯзгори мардуми нодору кӯтаҳдаст ва амалдорони золиму хунхорро силки тасвир мекашад. Шоир рӯзгори осудаи халқ, ки тавассути меҳнатҳои пайвастаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бор омадааст, даъват ба амал меорад:

Моро дигар бояд шудан, олам дигаргун гаштааст,

Аз пештар ҳам тезтар дандону нохун гаштааст.

Бояд, ки чун борон шуда барҳам занем уммеди бод,

Азбаски он аз сарҳаду андоза берун гаштааст.

Созед пок аз синаҳо осори рашку кинаҳо,

Дорад гунаҳ, бе айб нест, оне, ки макнун гаштааст [14, с.37].

Яке аз паҳлуҳои тавсифии шеъри Муҳаммад Ғоибро, ба ҳақиқат, шинохтани чеҳра ва симои сиёсӣ– иҷтимоии Роҳбари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдомоти созандаву хирадмандонаи ин марди шариф ташаккул додааст. Ин мавзуъ дар саросари осори шоир хеле пурмуҳтаво тасвир шудааст. Муҳаммад Ғоиб, дар асл, ситоишгари заҳматҳои шабонарӯзӣ, ободгариҳо, ҳамчунин дар ҳифзи ному нишон ва мероси ниёгон намунаи ибрат будани Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бештар тасвир кардааст:

Қудрати ин некҷӯ бадхоҳро дар ҷо шинонд,

Мулки худ аз вартаи нобуд гардидан раҳонд.

Зиндагиро дар диёри ғайр сахт аз марг хонд,

Кард халқаш ҷамъ, осори парешонӣ намонд [14, с.184].

Боиси зикр аст, ки шоир барои намуна дар шеъри “Даъват” бо ёдоварӣ аз корнамоиҳо ва дастовардҳои мардуми тоҷик дар тули таърих аз насли Тоҷикистони соҳибистиқлол даъват менамояд, ки бояд ба ҳарфи роҳбар гӯш диҳем ва Тоҷикистонро дигар бояд кунем. Роҳбар гуфта, шоир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар назар дорад, ки дар тамоми суханрониҳои худ бо ифтихор аз гузашта ёдоварӣ намуда, мардумро ба меҳандӯстӣ, илмомӯзӣ ва худшиносии миллӣ даъват менамоянд.

Шоир ба баёни шеъри зерин насли ҷавонро аз гузаштаи пурифтихори миллат огоҳ намуда, ӯро баҳри эъмори Ватан даъват мекунад:

Гӯш ҳарфи Роҳбар бояд кунем,

Дуртар роҳи назар бояд кунем.

Дасти нанги худ сипар бояд кунем,

Қатраҳоро ҳам гуҳар бояд кунем.

Дар ҳама майдон зафар бояд кунем,

Тоҷикистонро дигар бояд кунем...

Хоки мулки хеш зар бояд кунем.

Боз тоҷи худ ба сар бояд кунем,

Тоҷикистонро дигар бояд кунем [14, с.53].

Ҳамин силсила, яъне ёдоварӣ аз гузашта дар шеъри "Улуғзода", ки посдорандаи ҳувийяти миллии тоҷикон аст, қавитар гаштааст. Дар ин шеър шоир бо ёдоварӣ аз мафҳумоти Ҷоми Ҷам, аҳди Сомонӣ, Панҷрӯд, забони Рӯдакӣ, Оли Сомон ва ғайра, саъй кардааст, ки ба гузаштаи таърихии мардум низ мутаваҷҷеҳ бошад.Чунончи:

Сорбонҳо раҳ ба раҳ ганҷинааш ҷамъ оваранд,

Ҷоми Ҷамро аз булури синааш ҷамъ оваранд...

Мисли ӯ ҳаргиз надонад аҳди Сомонро касе,

Рӯзгори пурғаму дарди ниёгонро касе [30,с.129].

Ҳамчунон, агар ба доираи ашъори ба Ватан бахшидаи Муҳаммад Ғоиб назар афканем, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳи моро симои чеҳраҳои мушаххаси мусбат ва мавзеъҳои таърихӣ бештар ба худ ҷалб мекунанд. Аз ҷумла, чунин манзараҳоро на танҳо дар ашъори махсус, балки дар ғазалҳову дубайтиву рубоӣ ва чаҳорпораҳои шоир ҳамчунин, манзумаҳо ва драммаҳои манзуми шоир метавон дучор шуд. Дар шеъри "Эътиқоднома" ва драмаи манзуми "Шоҳи Ҳамадон" бемуболиға ба номҳои маъруф, чеҳраҳои ирфонӣ ва фарҳангу адабиёт: аз ҷумла, Қавомуддини Бадахшонӣ, Эмом Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ, Хоҷа Исҳоқи Валӣ, Шоҳи Хомӯш, ёрони кашмирӣ, афғонӣ, арабӣ, чинӣ ва ҳолномаи таърихии ин давр ошно гардидан мумкин аст.

Айни чунин тасвирҳоро дар манзумаи "Девори хотира"-и шоир низ метавон ба мушоҳида гирифт, ки бо таваҷҷуҳ бар номҳои чеҳраҳои маданиву фарҳангӣ ва ҷойҳои таърихӣ, офарида шудаанд.

Муҳаммад Ғоиб дар ашъори хеш ба чеҳраҳо ва симоҳои шинохтаи замони муосир низ аз нигоҳи ҳақиқатбин назар андохта, тавсифи онҳо бо хулосабарорӣ дар кору фаъолият ва муҳтарам дарёфтани шахсияти онҳо

бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Дар саросари ин ашъор ба чашм мехӯранд, шоир аз номҳои шинохташуда ва дар миёни мардум эътирофгардидае бештар ёд кардааст, ки дар асл арзандаи тавсиф мебошанд. Аз ҷумла, дар ашъори бахшида ба собиқадори Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳунарманди мардумии Иттиҳоди Шуравӣ Ҳошим Гадо, ҷаҳонпаҳлавон бо тахаллуси “Ҳалуки Искандарӣ” Искандаршоҳи Раҳматулло, устод Иноят Иззатов, қаҳрамони миллӣ – Аҳмадшоҳи Масъуд, шоирон: Ғаффор Мирзо, Ашӯр Сафар, Бозор Собир ва Лоиқ Шералӣ; нависандагон: Ҷумъа Одина, Сайф Раҳими Афардӣ: қаҳрамон, ки барои ҳифзи ғаллазор ба коми оташ рафт, Талбак Лолаев ва дигарон тавсифоти ӯ хеле ҷолибанд, ки бештар бо таваҷҷуҳ бар мушоҳидаҳо ба ҳақиқати ҳолу рӯзгор ва шахсияти ин зумра нигаронида шудаанд.

Дар хулоса бояд афзуд, ки муҳтавои шеъри Муҳаммад Ғоиб дар замони бархурди тамаддунҳо ва роҳандозӣ шудани раванди ҷаҳонишавӣ бо тамоили азбайнравии баъзе миллатҳо, ки аз таърихи гузаштаи худ хуб огоҳ нестанд, ҷиҳати ҳувийяти миллӣ ибратомӯз буда, дар ниҳоят барои насли оянда, ҷиҳати худсозӣ ва худшиносии миллӣ муҳим ва зарурӣ мебошад.

Тавсифи чеҳраҳои мондагор ва симоҳои таърихӣ дар ашъори ин шоир, ки хеле фаровон истифода шудаанд, ки онҳоро метавон ба сифати дарси адаб истиқбол намуд. Дар ашъори шоир ин мавзуъ яъне, ҷойгоҳи маконҳо ва шахсиятҳои таърихӣ мавқеи хосса дорад. Ҳамонгунае, ки дар рафти таҳқиқ муайян гардид номи ҳеҷ як шахсият ва мавзеъу маконҳои таърии миллати тоҷик дар шеъри Муҳаммад Ғоиб сарфи назар нашудааст. Шоир бо зинда гардонидани номи гузаштагони номи худро дар саҳифаҳои таърих сабт намуд.

# БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРИИ АШЪОРИ МУҲАММАД ҒОИБ

## 2.1. Ҷойгоҳи жанри ғазал дар эҷодиёти шоир

Каломи мавзун, ҳарчанд, ки дар адабиёт бо номи воҳиди “шеър” рӯйи кор омадааст, дар нигоҳ ба навъ гунфуну мутанаввеъ буда, аз ҳайси вазну ҳиҷо дар вазну ҳиҷо ва қолаб мухталиф ва аз лиҳози мавзуъ ва муҳтаво низ ҳар яке аз анвои он аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Миёни кулли анвои шеърӣ то имрӯз анвои суннатӣ бештар мавриди истиқболи аҳли адаб қарор гирифтаанд. Албатта, дар адабиёти беш аз ҳазорсолаи тоҷик ин навъҳои шеърӣ, бахусус дар жанрҳои рубоӣ, ғазал, қасида, мусаммат, тарҷеъбанд, таркиббанд, маснавӣ, манзума, қитъа, фард, дубайтӣ, достон ва ғайра бо ҳамон сабку усули маъмулӣ суруда шудани онҳо то кунун дар коргоҳи эҷодии шоирон идома ва камол меёбад.

Андешае низ айни ҳол матраҳ мешавад, ки тибқи он дар гузашта анвои шеър бо қалами ҳамзабонони мо то ҳадде такмил ёфтаанд, ки барои муосирин дар ин ҷода ҳарфе изҳор доштан такрор хоҳад буд, ё мазмуни алаккай баёнгардида дар қолаби ҷадид бозгӯ мегардад. Агар аз ин нигоҳ ба шеъри муосири тоҷик назар афканем, бардошти гӯшношуниде аз осори илму адаби аҷдодонамон ба унвони шарҳе дар ҳошия тартиб медиҳем, ки ин гуна баррасии мавзуъ навҷӯйиву навгӯйиро истиқбол нахоҳад кард.

Гузашта аз ин, навъи шеър дар осори шуарои машҳур то ҳадде густурда аст, ки шакли муосири он бо таъбири ҷадид таваҷҷуҳи моро бедор нахоҳад кард. Масалан, бархе мегӯянд, ки пас аз Ҳофиз ғазал гуфтан кӯҳнагароист, ё пас аз Хайём рубоӣ ҳеҷ иртибот ба навҷӯйӣ надорад, аммо сухан бо истифода аз саноеи бадеӣ ҳеҷ гоҳ кӯҳнашавиро матраҳ намекунад ва анвои шеърии муосир агар сарманша аз шеъри классикӣ доранд, лекин бо дарназардошти табиати ботинии худ такрор нестанд.

Яке аз хусусиятҳои дигари маъмул дар тарзи иншои ашъори суннатӣ, аз нигоҳи жанру мазмуну ғоя ва сохтор, шакл додани он, ҳамчунин аз роҳи мавзунӣ бо қофияву радиф, ки донишмандон ҳангоми баррасӣ ва ибрози назар бар таҳаввули анъанаи тасвирофарӣ дар адабиётшиносии тоҷик дар робита ба ин масъала зиёд изҳори ақида намудаанд, усули коргирӣ аз санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла рамзу ташбеҳу истиора киноявуу маҷоз, такрор, тамсил, тазод, муқобала, ирсолу масал, таҷнис, талмеҳ ва ғайра сурат бастани шеър буда, шоир ба тариқи истифодаи ин санъатҳои бадеӣ метавонад дар оро додани маъниву мазмун ва риояи қолабҳои суннатии шеър комёб бошад.

Муҳаммад Ғоиб дар тамоми давраҳои эҷодии худ аз намунаи ашъори суннатӣ дар ҳамаи маҷмуаҳои ашъораш истифода кардааст. Бо мақсади баррасии бештар, бояд зикр кард, ки усули коргирӣ аз ғазал, рубоӣ ва анвои мухталифи суннатӣ барои Муҳаммад Ғоиб дар инъикоси масоили гуногуни рӯз имконияти мусоид фароҳам оварда, аз сӯйи дигар, нишондиҳандаи ҳунару истеъдоди вижаи ӯ дар офаридани мазомини наву муосир маҳсуб хоҳад шуд.

Бо таваҷҷуҳ бар анвоъ ва жанрҳои шеърӣ, бояд қайд кард, ки Муҳаммад Ғоиб дар эҷодиёти хеш бештар ба шеъри суннатӣ рӯ овардааст. Ӯ қариб дар ҳамаи навъҳо ва жанрҳои суннатии шеър ҳунар озмуда, дар сурудани фардиёт, рубоӣ, дубайтӣ ғазал, қасида, достон, анвои мусаммат, манзума, достон ва тарҷеъбанд муваффақ мебошад.

Яке аз қадимтарин, маҳбубтарин ва густурдатарин навъи шеърӣ, ки дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бештар мавриди истиқболи шоирон қарор гирифтааст, ғазал мебошад. Ғазал дар сарчашмаҳо ва манобеи муътамад, аз ҷумла, дар “Ал-Муъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ, “Тарҷумон-ул-балоға”-и Муҳаммад ибни Умари Родиюнӣ, “Дақоиқ-уш-шеър”-и Тоҷулҳаловӣ, “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър-и Рашиди Ватвот, “Меъёр-ул-ашъор”, бахшҳои хитоба ва шеъри “Асос-ул-иқтибос”-и Насируддини Тӯсӣ ва маъхазҳои дигари қадим ба эътибори “тағаззул кардан” бо ифодаи баён дар

боби ишқ бар маъшуқ ва ё тавсифи ҳусну зебоӣ ва муассир дарёфтани ҳисси муҳаббат, ки ба тариқи нома изҳор мегардад, ба таҳқиқ расидааст.

Яке аз сарчашмаҳои адабиёти классикии форсу тоҷик, ки доир ба мафҳуми ғазал маълумоти васеътаре медиҳад, "Алмуъҷам фи маойири ашъор-ул-Аҷам"-и Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ аст. Қайси Розӣ дар бораи мафҳуми ғазал ишора менамояд: "Ғазал дар асли луғат ҳадиси занон ва сифати ишқбозӣ бо эшон ва таҳоллик дар дӯстии эшон аст. Муғозала-ишқбозӣ бо занон аст… баъзе аҳли маънӣ фарқ ниҳоданд миёни насиб ва ғазал ва гуфтаанд: Маънии насиб зикри шоир аст халқу хулқи маъшуқаро ба тасарруфи ишқи эшон дар ҳавои вай ва ғазал зикри дӯстии занон аст ва майли ҳавои дил бар эшон"[113, с. 306].

Шамси Қайс минбаъд дар давоми суханаш овардааст, ки бештари шуаро дар таҷрибаи эҷодии хеш "зикри ҷамоли маъшуқ ва васфи аҳволи ишқу ишқварзиро ғазал хондаанд. Ағозиле ки муқаддимаи мадҳе ё шарҳи ҳоли дигаре бошад, онро насиб гӯянд ба ҳукми он, ки мақсуд аз ғазал роҳат додани хотир ва хушомади нафс аст". Дар маълумоти Шамси Қайс на танҳо маънии луғавии ғазал ва чигунагии насиби қасида шарҳу тавзеҳ ёфтааст, балки дар он дар асоси таҷрибаи эҷодии адибони то ибтидои садаи XIII-и Мовароуннаҳру Хуросон як навъ маънои истилоҳии ғазал низ баён гардидааст. Аз ҷумла муаллиф фармудааст: "Бояд бинои онро бар вазни хуши матбуъ ва алфози ширин ва маонии диловези соф ниҳанд" [113, с. 306].

Ба андешаи А. Мирзоев, калимаи ғазал аз ҷиҳати маънои луғавӣ чандон тағйирот пайдо накардааст ва ҳатто луғатҳое, ки баъди садаи XV таълиф ёфтаанд, бо тағйири баъзе иборот асосан ҳамон таълимоти Шамси Қайсро такрор кардаанд [92, с.18 ].

Дар байни луғатҳо асари ягонае, ки зимни такрори маънои луғавии ғазал, вижагиҳои маънии истилоҳии онро низ пурратар овардааст, "Ҳафт қулзум" -и Қабул Муҳаммад аст. Дар ин луғат муаллиф маънои луғавӣ ва истилоҳии онро чунин таъриф кардааст: "Бидон ки ғазал дар луғат дӯст доштани ҳадис бо

занон ва дар истилоҳ абёти чанд аст муттаҳид дар вазн ва қофия ва байти аввали он абёт марассаъ бошад, ҳар ду қофиядор, онро матлаъву мабдаъ номанд. Абёти сонӣ агар ҳар ду мисрааш қофиядор бошад, зеби матлаъву ҳусни матлаъ ва байти охирро мақтаву хотима хонанд. Машрут он аст, ки мутаҷовиз аз 12 байт набошад… ва баъзе то 19 байт ҳадди ғазал гуфтаанд. Аммо баъзе шуарои мутааххирин 21 байт гуфтаанд. Лекин ҳадди ғазал то 21 байт аст. Дар ғазал ғолибан зикри ҷамоли маҳбуб ва сифати ҳоли муҳиб ва сифати ҳоли ошиқ бошад. Мавоиз ва насоеҳ дар дигар ақсоми шеър дарҷ гарад” [85, с.133].

И.С. Брагинский зикр менамояд, ки: “Мавҷудияти воқеии ғазалро ҳамчун як жанри мустақил бо эътироф ё эътироф накардани он дар поэтикаи анъанавӣ омехта кардан мумкин нест”[68, с.100-102]. Ба ан дешаи ӯ ғазал “аз рӯзҳои аввали шеъри форсӣ ҳамчун як жанри мустақил вуҷуд дошт” [68, с.100-102].

Шояд дар таърихи адабиёти форсу тоҷик жанри дигари адабиёт то ба ин зинае, ки ғазал бад-он расида, мавриди таваҷҷуҳи аҳли қалам ва дӯстдорони адаб қарор нагирифта бошад. Ин аст, ки шаклпазирии ғазал дар адабиётшиносии муосири тоҷик мудом муҷиби баррасиву пажуҳиш қарор гирифтааст. Ба ақидаи Саид Нафисӣ: “Мафоҳим ва эҳсосоти шоири имрӯз дар қолаби ғазалу қасида намегунҷад ва зуруфи дигаре металабад. Оё фақат ин гуфта метавонад далели қатъӣ бошад, ки ғазал дигар аз анвои шеъри форсу тоҷик дур андохта шавад?” [102, с.13].

Дар робита ба ин, тазкиранависон ва адабиётшиносони муосир ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ намуда, дар баррасии ғазал, заминаҳои пайдоиш ва навъҳои он изҳори ақидаву назар кардаанд. Аз ҷумла, дар шарҳи ин гуфтаҳо метавон ба ин ақида диққат дод: “Аксари шарқшиносони Ғарб ва қисман аз муҳаққиқони Шарқ дар масъалаи мавҷудияти мафҳуми жанри ғазал, пораҳои ғазалмонанд, тағаззулот, насиби қасидаю ташбибҳо ва хамрияҳоро, ба

монанди маснавию қасида, қитъа ва рубоӣ ҳамчун як навъи шеъри классик маънидод кардаанд” [95, с.9].

Мутобиқи ақидаи бархе аз муҳаққиқон, аз ҷумла А. М. Мирзоев ва Р. Мусулмониён пайдоиши ғазал ба асрҳои пеш аз давраи Сомониён мансуб мебошад. Аммо теъдоде аз аҳли таҳқиқ бар ин андешаанд, ки ғазал дар асри X, яъне маҳз дар замони давлатдории Сомониён рушд кардааст.

Манобеи таърихӣ бар ин назаранд, ки агар рубоӣ маҳсули эҷоди мардуми форсизабон бошад ва аз адабиёти форсӣ ба арабҳо таъсиргузор шуда бошад, ғазал, баръакс аз адабиёти араб аз жанри қасида вориди адабиёти тоҷик гардида, ба мароҳили ниҳоии рушду нумуъ расидааст. Аммо зикр кардан бамаврид аст, ки асосгузори жанри ғазал шоирони форсу тоҷик мебошанд, зеро маҳз онҳо қисмати тағаззули қасидаро аз ин жанр ҷудо карда, онро ба ҳайси як жанри алоҳида мавсум ба ғазал ҷиҳати баёни эҳсосот ва авотифи хеш истифода карданд.

Ғазал ва рубоӣ ду навъи собиқадори шеъри форсӣ буда, ҳар яке дар масири шеъри классикӣ мустақил арзи вуҷуд карда, рушду такомул ёфтаанд. Бо вуҷуди он ки рубоӣ бо вазни якмарому хос шакли қофиябандиҳои пӯшида ва озод, яъне “**аааа”** ё **“ааба”** рӯйи кор омадааст. Ғазал вазни хос надорад ва дар вазнҳои мутааддид ва мухталиф иншо гардида, дорои қофияҳои **аа, ба, ва, га** мебошад. Ба ҷиҳати шаклан бузургтар будани жанри ғазал, дар он мавзуоти нисбатан бештар чун тавсифи зебоиҳои ҳаёту табиат, шикоят аз ранҷ ва истиқбол аз шодӣ, тараннуми ишқу ҷавонӣ, васлу ҳиҷрон ва монанди инҳо мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Маъмулан, мисраи аввали ғазал бо мисраи дуюми он ҳамқофия буда, боқӣ тамоми мисраъҳои дуюми байтҳои минбаъда бо байти аввали он ҳамқофия меоянд.

Адабиётшинос Абдулғанӣ Мирзоев дар рисолаи “Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV” қайд кардааст: “Протсесси ба як шакли хосси назм дохил шудани ғазал дар муддати кӯтоҳе анҷом наёфтааст, балки вай натиҷаи маҳсули фаъолияти якчандасраи сухансароён мебошад, ки дар ҳар як аср

хиштҳое барои ин муҷассамаи назм ниҳодаанд. Вале асри Рӯдакиро марҳилаи аввали ин протссес бояд шуморид, зеро аз ин давра сар карда, на ин ки калимаи ғазал баъзан дар назм зоҳир шудан мегирад, балки осори шеърии аз он давра боқимонда низ шуруъ шудани ҳамин протссесро нишон медиҳад" [92, с.28].

Оид ба мавҷудияти ғазал дар асри X сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд. Як қатор донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла: шарқшиноси олмонӣ Ҳермен Эте, шарқшиноси фаронсавӣ Шарл Шефе, шарқшиносони англис Чарлз Пиккеринг, Эдуард Браун, шарқшиноси амрикоӣ Вилямс Ҷексон ҳамингуна, донишмандони дигар аз қабили: Шиблии Нуъмонӣ, Саид Нафисӣ, Парвиз Нотили Хонларӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Соҳиб Табаров, таъкид кардаанд, ки ғазал дар асри X зуҳур кардааст. Дар робита ба мавҷудияти ғазал дар адабиёти асри X, дар аҳди Сомониён, бо такя ба ибораи "ғазали рӯдакивор" ва ё мисраи маъруфи Унсурӣ: "ғазал рӯдакивор неку бувад!" асос гирифтааст, ки ба андешаи мо комилан саҳеҳ ва дақиқу мушаххас аст, зеро худи Рӯдакӣ борҳо истилоҳи ғазалро дар ашъори ба меросгузоштааш истифода кардааст. Аммо, бо ин ки зуҳури ғазалро баъзе муҳаққиқон ба даврони Сомониён рабт медиҳанд, асос ин аст, ки инкишофи ғазал ҳамчун як шакли хосси назм дар адабиёти хаттӣ, чӣ навъе ки маълум аст, назар ба шаклҳои дигари назми давраи классикии адабиёт: қасида, маснавӣ, рубоӣ ва қитъа қадре дертар зоҳир гардидааст" [92, с.10].

Ин нуктаро низ бояд қайд кард, ки шакли зоҳирии ғазал хеле мустаҳкаму устувор буда, дар ростои таърих тағйир наёфтааст, аммо бо ташаббуси шоирони забардаст минбаъд дар мазмуну муҳтаво, сабк, забону тарзи баёни ғазал дигаргуниҳои зиёд ворид шудааст.

Дар солҳои шастуми садаи XX, бо сабаби он ки аксари шоирон дар шеърҳои хеш масъалаҳои муҳимми замони худро тасвир мекарданд, то андозае ғазал мавқеи қаблии худро аз даст дода буд. Ҳатто бархе аз муҳаққиқон бар он ақида буданд, ки ин навъи шеърӣ кӯҳна шудааст ва бояд

аз баҳраш гузашт ва ин андеша дар оғози фасл ишора шуд. Аскар Ҳаким менигорад: “Ғазал гоҳ мавриди ҳамлаи рӯирост ва гоҳ пардапӯшона қарор мегирифт. Бурҳоне, ки бар кӯҳна шудани ғазал меоварданд, гӯё ба ифодаи мазмуну мундариҷаи муосир созиш накардани он буд” [163].

Шоирон ба ғазал дар солҳои аввали асри XX кам таваҷҷуҳ мекарданд, вале ба ҳар ҳол, ин навъи шеърӣ нисбат ба навъҳои дигари суннатии шеър бештар мавриди корбурди адибон қарор мегирифт, бисёртар ба кор мерафт. Ғазал дар тамоми давраҳои таърихӣ тағйири шакл накарда, вале аз ҷиҳати мавзуъ ва ғоя мудом ба таҳаввулот дучор мегардид. Хидмати устодон Садриддин Айнӣ ва Абдулқосим Лоҳутӣ, хусусан дувумӣ барои ифодаи мундариҷаи ҳаёти нав дар қобил кардани ғазал бузург аст.

Ба андешаи Аскар Ҳаким: “Дар солҳои шаст дар эҷодиёти бисёр аз шоироне, ки шеъри худро ба тасвири масъалаҳои муҳимми замон гузошта, руҳи онро ифода кардан мехостанд, ғазал мавқеи пешинаи худро аз даст медиҳад. Баъзе навҷӯён ҳам бо суханҳои ниҳилистонаи худ аҳамияти мероси гузаштаро инкор карданӣ шуда, аксаран дар зери мафҳуми мероси гузашта ғазалро дар назар доштанд” [163].

Аммо зикри ин нукта бамаврид аст, ки хидматҳои устодони адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ва Абдулқосим Лоҳутӣ на танҳо барои эҳёи дубораи ин жанр, ҳамчунин барои инкишофи мазмуну мундариҷа ва ғояи он хеле бузург аст. Ин саромадони шеъру сухани нав ба ғазал қабои тоза ва замонавӣ пӯшонида, дубора онро тақдими завқ ва истифодаи адабиётдӯстон намуданд. Яке аз беҳтарин ва мақбултарин тозакориҳои устод Лоҳутӣ дар ғазал ба ҳам омехтани симои маъшуқа ва Ватан дар заминаи коргирӣ аз санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла: ташбеҳу рамзофарӣ ба шумор меравад, ки бад- ин васила навъро бо фикру нигоҳи нав ва таровати тоза мавриди истифода қарор додаанд.

Дар марохили баъди рушди адабиёти тоҷик, жанри ғазал дар эҷодиёти шоирони дигар бисёр ба мушоҳида мерасад, ки гувоҳ аз таваҷҷуҳи вижаи онон

ба ин жанри суннатӣ мебошад. Чунончи, дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Аминҷон Шукуҳӣ, Салимшо Ҳалимшо, Лоиқ Шералӣ, Ашӯр Сафар, Ҳадиса Қурбонова, Аскар Ҳаким, Қутбӣ Киром, Алӣ Бобоҷон, Саидалӣ Маъмур, Мавҷуда Ҳакимова, Гулназар, Гулрухсор, Саидҷон Ҳакимзода, Ҳақназар Ғоиб, Абдулло Қодирӣ, Амонбек Шоҳзода, Султон Шоҳзода, Ҷамолиддин Каримзода жанри ғазал мавқеи чашмрасе дошта, дар эҷодиёти ҳар яке ба таҳаввулоти нисбии ғоявӣ дучор гардидааст.

Охирҳои солҳои 80-уми асри XX бо талошу кӯшиши шоирони давр, амсоли: Алимуҳаммад Муродӣ, Ҳайрат Шанбезода, Ширин Бунёд, Камол Насрулло, Муҳтарам Ҳотам, Раҳмат Назрӣ, Ҳоҷӣ Мурод, Тилло Пӯлодӣ, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Салими Хатлонӣ, Фарзона, Сафар Амирхон, Саид Ғоиб, Тулқин Хоҷа, Рустами Ваҳҳоб, Шаҳрия, Файзи Сафар, Сиёвуш, Озар, Қувватбек Давлат, Олимхон Исматӣ, Раънои Мубориз ва дигарон ғазал ба машҳууртарин ва серистифодатарин навъи шеърии замон мубаддал гардид, зеромавзуъҳоимуҳаббат ба Ватан, қаҳрамонҳои Ватан, ёд кардан аз шоирону донишмандони гузашта, зебоиҳои нотакрори табиат, сулҳу дӯстӣ, арҷгузорӣ ба Истиқлолу арзишҳои миллӣ, баҳору Наврӯз, васфи модар ва ишқу ҷавонӣ, фарҳанги ғанӣ ва забони модарии тоҷикон мавзуи дигари асосии ғазалҳо гардид.

Дар миёни ин шоирони номбаршуда мавқеъ ва мақоми ғазалсароии Муҳаммад Ғоиб намоёнтар ва ҳаммавзуъҳоиинтихобнамудааш низ дар адабиёти муосир доманаи густурдатар доранд. Новобаста бар ин ки ин ду навъи қадимаи шеъри суннатии адабиёти классикии форсу тоҷик, яъне рубоӣ ва ғазал, ба яке аз бахшҳои умда ва аъзами эҷодиёти шоири мавриди назари мо – Муҳаммад Ғоиб қарор гирифта бошанд ҳам, дар мавриди дигар, эҷоди ин ду навъи шеърӣ шоирро дар баробари иншои навъҳои дигари шеърӣ муваффақ гардонидааст. Сабку услуби баёни ғазалиёти Муҳаммад Ғоиб содаву равон буда, хонандаи закӣ ба зудӣ матлабу мақсади шоирро дарк карда метавонад.

Солеҳ Қосимзода дар иртибот ба ҳамин мавзуъ қайд мекунад: “Эътиқод ба жанрҳои суннатӣ ва махсусан, ба ғазал аз он бармеояд, ки дар аксари ғазалиёти шоир ҳусни тахаллус- Муҳаммад риоя шудааст ва дар ин ғазалҳо мавзуи ишқ мавқеи меҳварӣ дорад ва тавассути ин калима беҳтарин орзую омоли хешро дар зиндагӣ иброз медорад ва роҳҳои зиндагии оқилонаву огоҳонаи инсониятро меҷӯяд” [82, с.243].

Муҳаққиқон дар робита ба ин мавзуъ бар ин назаранд, ки: “Гоҳе дар ғазалиёти адиб истифодаи сабки ҳиндӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин аз шоири нозукандеш ва нуктасанҷ будани шоир дарак медиҳад” [158, с.30].

Аммо ин ки мо ба навҷӯйиву навгӯйии шоир иқрорем, бояд чунин хулоса кард, ки сабки Муҳаммад Ғоиб низ мисли муҳтавои осори ӯ нав аст ва ба сабкҳое ки дар гузашта муътабар буданд, фақат ҳамоҳангӣ дорад. Дигар ин ки дар қиёс ба кулли анвои шеърии шоир, чи суннативу чи ғайрисуннатӣ, таваҷҷуҳи вай ба мавзуоти гуногун, ки далели баландпоя будани мундариҷаи ашъори вай хоҳанд буд, дар жанри ғазал ба авҷи худ мерасад.

Дар эҷоди ғазал шоир бештар ба мавзуъҳои Ватан, Тоҷикистон, модар, миллат, худшиносӣ, ватанпарварӣ, зиндагӣ, ҳикмати зиндагӣ, таъсири сухан, ҳувийят, панду ахлоқ, сози замона, ному нанг, сарнавишт, неку бад, ғаму андуҳ, мушкилоти иҷтимоӣ, яъсу навмедӣ, нангу номус, сӯзи қалб, ҳақиқатнигорӣ, суду зиён, орзую умед, ишқ, зиндагӣ, таҳаммул, ҷавонию пирӣ, ҳасрат ва дарди ятимӣ рӯй овардааст.

М. Имомзода дар мақолаи хеш, “Ғазал дар коргоҳи эҷодии Муҳаммад Ғоиб” нигоштааст: “Ба назар мерасад, ки Муҳаммад Ғоиб аз назари тафаккури эҷодӣ дар эҷоди ғазал бештар шоири ғамошност то шодигаро. Ғами матраҳ дар шеъри шоир аз ғаму ғуссаи гӯянда оғоз гардида, бо шинохти ҷомеаву дардҳои он ва мушкилоти ҷаҳони муосир паҳнои васеъ пайдо мекунад. Метавон гуфт, ки Муҳаммад Ғоиб дар эҷоди ғазал сабки махсуси хешро пайдо кардааст” [78, с.147-149].

Албатта, чунин таваҷҷуҳи мақсадноки шоир ба эҷоди ғазал, ки аз маъмултарин анвои шеърӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик ба шумор меравад, Муҳаммад Ғоибро ба осонӣ даст надодааст. “Шоир ба жанри ғазал иноятии зиёд дошта, ҳар рӯзи ҳаёти худро ба ин навъи шеърӣ алоқаманд медонад ва беҳуда ҳам нест. Паҳнои васеъ ва имконоти жанрии фарогири қолаби ғазал ба шоир имконият медиҳад, ки ғаму шодии рӯзгор, пастию баландии зиндагӣ ва даҳҳо мавзуву мазмунҳои дигарро ба андеша гирифта, бо хонандаи хушзавқ қисмат кардани сӯзу созҳои шоирона ва муаррифии мавқеи иҷтимоӣ ғазал бигӯяд” [78, с.142].

Вале бояд иқрор кард, ки ин тамоюл ӯро дар миёни шоирони дигари ҳамдаврони хеш бештар муваффақ гардонидааст. Бо дарназардошти ин, дастовардҳои эҷодӣ дар кори ғазал, мунаққиди сахтгири адабиёт – Соҳиб Табаров бо таъкид бар ғазалиёти ин шоир дар суҳбати рӯёрӯӣ ва намунаи мукотибаи он мефармояд: “Агар баъзе ғазалсароёни худро бузург ба қаламдиҳанда (ба истисноии М. Қаноат) дар ин жанр “ман” ва шахсияту бузургии худро муаррифӣ намоянд, Шумо (Муҳаммад Ғоиб дар назар аст, Р.Ш.), Абдулло Қодирӣ ва Ҳалимшо ғазалро ҳамон тавре месароед, ки пайғамбарони ин жанр – Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Иқболу Лоҳутӣ онро эҷод кардаанд” [133, с.16].

Ин таъкид аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир дар эҷоди ғазал ба ҳадди камол расида, ҳаёту зиндагиро бо ҳамаи тазоду мураккабиҳояш ба риштаи тасвир мекашад. Шеъри волою дилнишин ва бахусус, ғазалҳои шоир, ки бештар бо таваҷҷуҳ бар мушоҳидаҳояш хеле салису дилнишин ба бор омадаанд, дар қалби ҳазорон ҳаводорону муштариёни каломи бадеъ ба зудӣ маъво гирифтаанд. Ин аст, ки абёти рангину шеъри дардолуди ӯро ҳар чи бештар мехонанду дар базму маҳфилҳои шӯрафзо замзама менамоянд. Дар шинохти ин асолат буд, ки Низом Қосим ҳангоми баррасии ашъори Муҳаммад Ғоиб, бавижа, зимни таҳлили ғазалҳои нобу равони ӯ дар мақолаи худ, ки бо як мисраъ аз як шеъри шоир – “Ман боми умеди ҳама чун боми сипеҳрам”

унвон гирифтааст, таъкид менамояд: “Ғазалҳо ҳам аксаран  хеле заминианд, чунки аз мушоҳидаҳои мушаххаси бевоситаи шоир пайдо шудаанд”  [84, с.20].

Чунончи, ғазали зерини шоирро метавон аз намунаҳои ашъори равону салис ва,  дар боробари ин, дорои ҷанбаи заминиву воқеӣ маҳсуб донист. Ба ибораи дигар осори шоир матраҳсози афкори дунявӣ ҳастанд:

Ҳар кӣ ба ҳар ранг кунад зиндагӣ,
Ҳоли ҳама танг кунад зиндагӣ.
Об насибаш бишавад ё ки хок,
Дам ба дарун, санг кунад зиндагӣ.
Гарчи ҳама умр ҳам оҳан хӯрад,
Сабркунон, занг кунад зиндагӣ.
Захма набошад ба сарояш чу лол,
То абад оҳанг кунад зиндагӣ.
Дар дили саҳрои ниҳон аз назар,
Марги ҷаҳон  банг кунад зиндагӣ.
Фарқи тару хушк набошад агар,
Хар бари харчанг кунад зиндагӣ [30,с.145].

Шоир фақат дар “Девон”-и ашъори хеш беш аз 155 шеърашро ба унвони “ғазал” дар бахши алоҳида (ба ҷуз шеъри ғазалгунаи “Назира ба байти Адо” дар охири ғазалҳо) номгузорӣ кардааст, ки агар ба ин девон бо муқоиса ба китобҳои мухталифи Муҳаммад Ғоиб назар афканем, мебинем, ки дар ин бахш тамоми абёти мақтаъро бо номи хеш, яъне  тахаллуси “Муҳаммад” ва афкори саропо пандомӯзу андарзи ҳикматбор оро бахшидааст.

Соли 2017 маҷмуаи ғазалҳои шоир бо номи “Се саду шасту шаш ғазал” нашр гардид, ки дар он ғазалҳои дорои мавзуи ишқи пур аз ормон, худшинсию ҳувийяти инсонӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки Муҳаммад Ғоиб ба паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ, рафтору гуфтору кирдори одамон бо мушоҳида менигарад, ӯ  дар асл ҳамдарди инсонҳост  ва дар шеъри худ ба сифати ҳидоятгар баромад мекунад. Бояд гуфт,

ки панду андарзро дар ғазали хеш бар ҳидояти инсонҳо гувоҳ медонад. Барои мисол, дар ғазали зер айни чунин огоҳу ҳидоятро ба ҳақиқат мебинем:

Зиндагӣ созад мураккаб содаро,
Марди раҳгумкарда ёбад ҷодаро.
Дарди ҳастӣ сӯйи пистон мебарад,
Бори майли тифлаки навзодаро...
Медиҳад омӯзгори зиндагӣ
Дарси аз гургон раҳидан подаро.
Вақти хоб, аз тарси ҷон девона ҳам,
Сахт мепӯшад дари бикшодаро.
Маст ҳам аз хашм мекӯбад ба санг
Шишаи бахшидаи бебодаро [30,с.511].

Мақсад аз овардани панду андарз, ки аз хусусиятҳои жанри ғазал қарор гирифтааст, асоснок кардани ҳикмат аст. Ин аст, ки Муҳаммад Ғоиб панду андарзро асоси шеър ва сарманшаи офариниши маънӣ маҳсуб медонад, дар ҳар маврид, ки мехоҳад, тасвири ҷаззобе биофарад, бештар ба ҳикматҳои мардумӣ ва нукоти ибратомӯзи ахлоқ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Аммо замони муосир ба масоили андарзӣ бархурд дошта, кам адибону муҳаққиқонро мебинем, ки ҷиҳати тақвияти он талош бинмоянд, зеро андарзҳое, ки бидуни меъёр суруда шуда ва мешаванд, қудрати суханро коста хоҳанд кард. Бинобар ин, андарзномаҳои Муҳаммад Ғоиб табиати дунявӣ дошта, бо тамоили таҳлилӣ қонеъ шудаанд ва хонандаи муосир низ ин қабил андарзҳоро фақат истиқбол мекунад.

Ӯ шоирест, ки бо тасвирҳои воқеиву дархури ҳаёти рӯзмарра, ҳамоно барои дарёфту шинохти ҳақиқат ва раҳоӣ аз бунбастгоҳи пешомад гоми устувор бардоштааст. Муҳаммад Ғоиб бо маонии муассире дар ҳар мисраъ ва ё байти ашъораш хонандаро барои огоҳии бештар дар шинохти ҳақиқат ва ростӣ раҳнамоӣ мекунад. Дар шеъри Муҳаммад Ғоиб ҳикмати зиндагӣ ва

фалсафаи ҳаёт ҷӯш мезанад. Аммо ин ҳикмату фалсафа баёни фалсафаи ҳаёт нест, он омӯзанда ва ибратомӯз аст. Чунончи:

Зиндагонӣ фанд моро мекунад,

Бо ғамаш хурсанд моро мекунад.

Дар бисоташ донаи бедом нест,

Мурғаки дар банд моро мекунад,

Дуди дил берун насозад бе тамаъ,

Оташаш испанд моро мекунад.

Шарбаташ олудаи заҳр аст, заҳр,

Талхком аз қанд моро мекунад.

Қиссаи умри абад хонад, вале,

Бо адам пайванд моро мекунад [30, с.521].

Тавсиф ва тасвири робитаи инсон бо табиат, эътиқод ба муқаддасот ва муайян намудани нақши инсон дар созандагиву худшиносӣ дар ғазалиёти Муҳаммад Ғоиб ҷойгоҳи махсус дорад, шоир ба ин васила саъй мекунад, ки ибратомӯзи аҳли ҷомеа бошад ва ин ҳама бештар дар маҳорати тасвирсозиву маъниофаринии ӯ бараъло намоён гаштааст.

Шоир дар кори эҷод ва шакл додани ғазал ба ҷузъитарин паҳлуҳои мавзуъ, аз ҷумла: хусусиёти ҳиссиву мадракӣ, хаёлпардозӣ, услуби нигориш, фароҳам доштани заминаҳо барои ҳусни матлаъ ва пероста доштани ҳусни мақтаъ, ҳам, чунин пероя бастани мазмун ва муҳтавои он аз дарунмоя, ки ба маънӣ ва мантиқи он иртиботи қавӣ дорад, диққати ҷиддӣ медиҳад ниҳоят, ғазали нозуку назиф ва саршор аз мухайялоти шоиронаеро меофарад, ки мақбули ҳаводорони калом аст. Шоир тараннумгари ваҳдату ягонагӣ ва худшиносиву худсозист, ки бар асари ин мудрикот аз “ман”-и муфрад танҳои худ ҷамъ ва “мо” месозад ва ин аст, ки мегӯяд:

Зиндагонист умеде, ки барои асараш

Шодӣ аз ғуссаи пайваста таманно дорам.

Орзуест, расам то ба висоли амалаш,

Дар ҷаҳони “ман”-и танҳои худам “мо” дорам [30, с.526].

Шоир дар ҳар ҳолат аз печидагӯйӣ канор меояд ва чунон дар иншои ғазал моҳирона иқдом мекунад, ки нахуст “худ”-ро ба сифати як хонанда ва ё инсони мушоҳидакор ба намо мегузорад ва аз тамошои манзараҳо мантиқан маънӣ меҷӯяд ва мушоҳидаҳояшро ба тариқи ғазал равшантар гӯйӣ беш аз будашон ба ҳаводорони каломи мавзун мерасонад.

Гоҳо ғазалҳои худро бо қавофии дарунӣ зевар мебахшад ва ба ин усул савту наво ва оҳангнокии мисраъҳоро ба ҳам мутаносиб мегардонад, ки ин навъи пардозро дар ғазалҳои классикӣ ва бахусус дар ғазалҳои Саъдии Шерозӣ, Мавлонои Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон бештар дучор меоем. Аммо, дар ҳар сурат, чунин тарзи хушнавоӣ дар ғазалҳои ҷолиб аст. Намунаи ин гуна шевоиро дар қитъаи зерини ғазали шоир метавон мушоҳида кард:

Донам, ки ҳама мастӣ дорад зи пояш пастӣ,
Гирам раҳи ҳушёрӣ, мастона намегардам.
Олам ҳама ғавғо ҳаст, одам ҳама дарё ҳаст,
Бо региам озодам, дурдона намегардам.
Аз нафъи ду-серӯза беҳ аст маро рӯза,
Афсуншудаи хешам, афсона намегардам.
Дар мазраи андеша сахт аст маро реша,
Дар хоки дигар саҳро чун дона намегардам [30, с.531].

Муҳаммад Ғоиб шоири маънисанҷу нуктадонест, ки ин вижагӣ дар аксари мавзуоти ашъори ӯ, бахусус мавзуи ишқ, ҷилва менамояд. Бо ин, ки каломи “ишқ”-ро дар ҳама анвои шеъриаш васф кардааст, ин шавқу завқи ботинӣ дар ғазалиёт ӯро гуворотару ба маънӣ нишонрастар ҷилва медиҳад:

Ғами ишқ аз дили ғамхораи худ меҷӯям,
Пайи умр аз ҷигари пораи худ меҷӯям.
Ба сари ҳаҷр хаёли дами васл аст маро,
Чора аз қисмати бечораи худ меҷӯям.
Чашмам аз бехабарӣ гавҳари нозат нашинохт,

Афви худ аз асари зораи худ меҷӯям.

Нақши барҷойи Муҳаммад ҳунари пуртобист,

Ҳайкали ишқи ту аз хораи худ меҷӯям [30, с.524].

Қаҳрамони ғиноӣ дар ашъори ӯ мушаххас аст ва бештар худи шоирро муаррифӣ мекунад, ки тавассути ҳунари офариниши он ҳар хонанда низ метавонад дар ин сурату симо чеҳраи худро бад-ин сифат бишносад ва ин аст, ки чунин ҷанбаи тасвирсозӣ ва манзараоройӣ дар ғазал шоирро муваффақ доштааст.

Ишқи тасвирнамудаи Муҳаммад Ғоиб аз воқеияти ботинӣ ва сӯзи ҳақиқии як ошиқ ҳикоят мекунад. Дар он отифа ва ҷазабаи қалбии як ошиқи воқеӣ ҷилва мекунад. Ин ишқ тасвири ниёзҳову зориҳои ошиқ дар баробари нозу бениёзи маъшуқа аст:

Ғайри ту табибро нахоҳам,

Ҳарчанд ки дардманд ҳастам.

Андарз диҳандаму надонанд

Маҳруми нишони панд ҳастам.

Дар тобаи рӯи оташи ишқ,

Сӯзандатар аз сипанд ҳастам.

Гӯянд, ки ишқ фанди умр аст,

Мурғи ҳақи доми фанд ҳастам.

Сарпаст Муҳаммадам ба пешат,

Дар мартаба гар баланд ҳастам [30, с.525].

Шоир дар сурати маъшуқа табиберо ба инобат гирифтааст, ки танҳо ӯ метавонад, дар ҳамаи ҳолат ҳамдаму мунису ғамхор бошад, таскини дилу ғамбарори ӯ бошад, касе бошад, ки панди ҳастиро ба самъи ӯ расонад ва маҳбубияти ишқро, ки дарди ҷонсӯзи ӯ гаштааст, давову чорагар буда тавонад. Ва дар ҳар ҳолати дигар, ин табиби ғамбарору мушфиқ ва дармонбахши ранҷҳои ӯ ишқ аст, ки ба сифату сурати “шамъ” ӯро чорагар мерасад ва бар ҳоли ӯ “гирён” аст:

Ба ягон тугмаи барқи худ итоат накунад,

Ишқ шамъест, ки то мурдани мо гирён аст [30,с.534].

Дар мисраи фавқ "гирён" будани "шамъ" "то мурдани мо" тасвири зебоест, ки тавассути маҷозу киноя ба вуҷуд омадааст. Зебоӣ дар гуфторро дар ғазалҳои дигари Муҳаммад Ғоиб метавон дучор гардид, ки аз як сӯ далолат бар неруи тахайюли шоирии вай бобати дарёфтҳои зебои маъноӣ бикунад, аз сӯйи дигар, он нишондиҳандаи саъйи шоир дар таҳаввули ғоявӣ ва мавзуии шеъри муосири тоҷик дар намунаи жанри ғазал мебошад.

Мавзуи Ватан дар ғазалиёти шоир мақоми махсус дорад ва тасвири пуробуранги он дар ашъори ӯ бесобиқа ва беназир аст. Шоир дар он самимияту муҳаббати хоссеро, ки саршори ҳиссиёти бепоён аст, пайваста ба қалам медиҳад ва то кунун дар Тоҷикистон кам шоиреро метавон вохӯрд, ки ба андозаи Муҳаммад Ғоиб ба ин мавзуъ даст зада ва комёб шуда бошад. Дар ватанномаи шоир дарду сӯзи шоир ҳамеша эҳсос мешавад ва ҳар сатре, ки ӯ дар ин мавзуъ мастур сохтааст, оҳанги нидои ботинии як шоири ҳақиқии ватансаро эҳсос мешавад. Чунончи:

Пайванди ҷаҳонбехабарат пора туро кард,

Аз фикри ту, хоки кӯҳан, осуда нагаштем.

Осоиши мо сарфи Ватан гашт Муҳаммад,

Чун пораи ҷони Ватан осуда нагаштем [30, с.527].

Мисбоҳиддини Нарзиқул таваҷҷуҳи беинтиҳои ин шоирро ба тараннуми пайвастаи Ватан ба инобат гирифта, мефармояд: "... мавзуи Ватан ва мазмунҳои ифодакунандаи меҳру муҳаббат нисбат ба Ватан дар паҳнои густардаи шеъри муосири тоҷик, умуман, ғазалҳои Муҳаммад Ғоиб, хусусан, мақому манзалати пуршукуҳ дорад" [78, с.331].

Ғазалҳои Муҳаммад Ғоиб дар баробари равонӣ ва шевоиву оҳангнокӣ, ҳамчунин, дорои вижагии даъватгароӣ ба худшиносиву ватанпарварӣ доранд, ки хонандагонро ба роҳи хештаншиносӣ ва дарки ҳувийяти миллӣ ҳидоят мекунанд. Шоир дар ҳар мисраи ғазал шахси ватандорро, ки симои худи ӯст,

доротарин инсон мешуморад. Чунончи, дар ғазали зерини худ каломи муродифи “Ватан дорам, Ватан дорам”-ро барои таъсирбахш намудани байтҳои ин ғазали маъруфаш, бо истифода аз санъати такрор мавриди эҷод қарор дода, онро ба мазмуну муҳтаво низ муассир ва дилнишин ба самъи ҳаводорони каломи мавзун расондааст:

Манам доротарин одам, Ватан дорам, Ватан дорам,
Ками худро нагӯям кам, Ватан дорам, Ватан дорам.
Агарчи кулбаам одист, вале дил маскани шодист,
Фараҳ хезад маро аз ғам, Ватан дорам, Ватан дорам.
Нанолам аз гаронборӣ, напурсам аз касе ёрӣ,
Нагирам қоматамро хам, Ватан дорам, Ватан дорам  [41, с.15].

Чунончи, аз ғазали фавқ дида мешавад, радифи “Ватан дорам, Ватан дорам” бар он як навъ ҷаззобияти хос бахшидааст. Тавассути ин радиф  ва дар такя бар он шоир ҳисси меҳанпарастиву ватандории хеш ва, аз ҷониби дигар, хонандаи худро ба таҳрик даровrouterда, дар ниҳоди инсон меҳру муҳаббат нисбат ба ин муқаддастарин арзиш ва неъмати дунёӣ –  Ватанро зинда месозад. Ғазал шабеҳ ба офаридаҳои ҳамгуни Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхист, ки дар хеш оҳанги мусиқиро ба бор овардаанд ва агар ба он мутаваҷҷеҳ бошем, шоир дороии аслиро дар ватандорӣ дидааст. Чунин ғазалҳоро метавон бидуни оҳанг замзама кард.

Дар коргоҳи  шоир бештар  шаклҳои суннатии ғазалро дучор меоем. Шоир аслан, дар эҷоди ин жанри суннатӣ  муваффақтар гаштааст. Аммо бояд қайд кард, ки  Муҳаммад Ғоиб ба навъҳои дигари шеъри суннатӣ дар қиёс ба ғазал камтар таваҷҷуҳ надорад. Шоир  дар баробари ин  шаклу услуби қолабии ғазали адабиёти кӯҳанро риоя мекунад, ҳамзамон мехоҳад, дар сурудани ин навъи суннатии шеър нақши созанда ва диди навтар дошта бошад. Чунончи, ӯ дар тасвири ғазал оламро бо диди зебонигар ба хаёл мегирад ва саъй мекунад айни тахайюлоти ширину шеворо  ба тариқи таносуб бахшидани лафзу маънӣ дар  бештар мавриди баҳрабардории хонандагонаш қарор диҳад.

Шоир дар ҳамаи ҳолат зиндагиро устоди худ медонад ва бар ин аст, ки ҳикматҳои зиндагӣ ва таҷрибаи андӯхтаашро ҳамеша раҳнамои хеш қарор диҳад ва бо ин иқдом ифтихорманд аст. Чунончи, дар ғазали зер айни пандномаҳоро метавон дар суханони шоир амсоли: “аз нигоҳ омӯхтани ҳарфи дил”, “аз оҳ омӯхтани дарди ҳастӣ”, “бо нармдилӣ ба даст овардани диле”, “бо гиёҳ бастани гул”, “ба сарсафедӣ расидан, то рӯсиёҳеро сабақомӯз кардан”, азобу ранҷ кашидан, яъне “худхӯрӣ кардан барои аз гуноҳҳо савоб омӯхтан” мушоҳида кард, ки ҷанбаи ҳам ҳикматӣ ва ҳам бадеии он қобили таваҷҷуҳ аст:

Ҳарфи дилро аз нигоҳ омӯхтам,
Дарди ҳастиро зи оҳ омӯхтам.
Нармдил орад дили нозук ба даст,
Бастани гул аз гиёҳ омӯхтам...
Дар сарам мӯйи сияҳ боқӣ намонд,
То сабақ бар рӯсиёҳ омӯхтам...
Хӯрданиам шуд, Муҳаммад, худхӯрӣ,
Сад савоб аз як гуноҳ омӯхтам [30, с.535].

Воқеан, шоире, ки бо панду андарзи “зиндагӣ” одат кардааст, “Муҳаммад” аст ва ин номи асл ифодаи шахси шоир аст, ки дар абёти мақтаи бархе аз ғазалиёти ӯ ба сифати тахаллус ба кор рафтааст. Ӯ дар истифодаи ҳусни тахаллус ба ҳар ҳол саъй мекунад, ки худро бештар ба хонанда бишносонад. Бад-ин васила, ӯ дар истифодаи ҳунармандонаи санъатҳои бадеӣ дар бештари маврид комёб гардидааст, ҳамчунин ба лутфу фахриягӯйиву рамзофарӣ тавассути тахаллус муваффақ аст.

Ғазалиёти Муҳаммад Ғоиб дар кулли эҷодиёташ мавқеи хос дошта, бештари онҳо дар маҷмуаҳои “Сесаду шасту шаш ғазал”, “Боми сипеҳр”, “Лолаи чашм”, “Сад ғазал”, “Гавҳари меҳр” ва китобҳои дигари алоҳидаи ӯ гирд оварда шудаанд, ки ҳар кадом аз ҷониби муҳаққиқон мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Ҳангоми таҳқиқ ва баррасии матнҳои ғазалиёти “Девон” (2009) [30] ва маҷмуаи “Сесаду шасту шаш ғазал” (2017) [41] маълум шуд, ки шоир дар баъзе матлаъ ва ё мисраъҳои дохили ғазалҳо дигаргунӣ ворид намудааст. Яке аз хусусияти асосии ғазал инъикоси авзои равонии қаҳрамон ва ё муаллиф аст.

Чунин ивазшавии фазоро дар замони ҳаёти баъдии шоир тавассути дарёфти маъниҳои ғазалаш дарёфтан мумкин аст. Дар ҷадвали №1 ин дигаргуниҳоро дар маънӣ ва тасвири ҳолати руҳии қаҳрамони лирикӣ дидан мумкин аст:

Ҷадвали №1. – Тағйирёбии байтҳои ғазалҳо дар ду маҷмуаи шоир

| “Девон” | “Сесаду шасту шаш ғазал” |
|---|---|
| Зиндагонӣ фанд **маро мекунад,**<br>Бо ғамаш хурсанд **маро мекунад.**(с.521) | Зиндагонӣ фанд **месозад маро,**<br>Бо ғамаш хурсанд **месозад маро.(с.115)** |
| **Мекунад ҷуброн** зи нақди ёдҳо<br>Ганҷи ранҷи бахти аз каф додаро.(с. 511) | **Созад ӯ ҷуброн** зи нақди ёдҳо<br>Ганҷи ранҷи бахти аз каф додаро.(с. 105) |
| Дар саҳнаи тақдири ту нақше набозад шири ту,<br>Ай дег, **монандӣ кунӣ бар** мӯсафеди рӯсиёҳ. (с.514) | Дар саҳнаи тақдири ту нақше набозад шири ту,<br>Ай дег, **тобӣ дар нигоҳ чун** мӯсафеди рӯсиёҳ. (с.108) |
| Зи сӯзи ишқ дилам офтоб хоҳад шуд,<br>**Яхи нуҳуфтаи ғами кӯҳна** об хоҳад шуд. (с.518) | Зи сӯзи ишқ дилам офтоб хоҳад шуд,<br>**Яхи уммеди куҳанғусса** об хоҳад шуд. (с.298) |
| **Об аз он мекунам дилро**, ки дар тақсим низ<br>**Аз ҳисоби пуштаи хушке** заминам мерасад. (с.519) | **Об аз он созам дили худро**, ки дар тақсим низ<br>**Аз ҳамон саҳрои зори нам** заминам мерасад. (с.214) |
| Аз пахта гирифтем чу пурнанг ба мӯ ранг,<br>**Миннат накунад то** кафан, осуда нагаштем. (с.527) | Аз пахта гирифтем чу пурнанг ба мӯ ранг,<br>**То фахр насозад кафан,** осуда нагаштем. (с.104) |
| Ба хомӯшии худ фарёд дорам,<br>Ҷаҳоне **дар замини** ёд дорам. (с. 528) | Ба хомӯшии худ фарёд дорам,<br>Ҷаҳоне **дар диёри** ёд дорам. (с.116) |
| **Пӯшидану кушодани** чашми ту дида, гуфт дил;<br>Ҳар ду ҷаҳон баҳам занӣ, хасми ту қоили ту ҳаст. (с.532) | **Бастану боз кардани** чашми ту дида, гуфт дил;<br>Ҳар ду ҷаҳон баҳам занӣ, хасми ту қоили ту ҳаст. (с.305) |
| Рагу пайванди мо дар фасли сармо сахт аз он сӯзад,<br>**Ки сармо дарлаби ҳар бом аз ях** морҳо дорад. (с. 537) | Рагу пайванди мо дар фасли сармо сахт аз он сӯзад,<br>**Ки аз яххо лаби ҳар гӯша сармо** морҳо дорад. (с.123) |

Дар ғазалиёти Муҳаммад Ғоиб ҷанбаи ҳунарӣ ва хаёлангезиҳои шоирона мақоми хос дорад. Бо баҳамоии ороёҳои гуногуни бадеӣ андешаҳои оқилонаи

вай таровати дигаре пайдо карда, дар хотири ҳар хонандае нақши муассир бар ҷой мегузарад. Ин гуна ғазалҳои шоир агар аз нигоҳи содагии забон шеъри сабки хуросониро ба хотир биёварад, аз нигоҳи корбурди санъатҳои бадеие амсоли ташхис, истиора, киноя, маҷоз, сабки баъдӣ, хусусан сабки ҳиндиро ёдовар мешаванд. Дар услуби ғазали зер, аз як тараф сода бошад, аз сӯйи дигар нақши орояҳои сухан дар он сахт аст:

Номаи ёре нагардад коғази афсурдаам,
Хома меларзад миёни панҷаи афшурдаам.
Дар бисотам буд ҳар ганҷина, он бераҳм бурд,
Гавҳаре бар каф наомад, гарчи сад ғам хӯрдаам.
Ҳастии бе ишқро донам, Муҳаммад, нестӣ,
Бо уммеди ишқи поке умр бар сар бурдаам [30, с.580].

Муҳаммад Ғоиб бо ин гуна таҷрибае, ки дар эҷоди ғазал андухтааст, бо ин роҳ тавонистааст дар адабиёти имрӯзи тоҷик бо ташаккул додани сабки тоза ва услуби фардии худ саҳифаи наве бикшояд. Барои такомул додани он иқдомоти боз ҳам борвару шоиста гирад, то ин аз ҷониби аҳли таҳқиқ ва адаб истиқболи хуб ёбад. Бинобар ин, андешае, ки тибқи он шоир дар сабкҳои машҳур чун ҳиндиву ироқӣ ва хуросонӣ шеър сурудааст, пояи илмӣ надорад.

Хулоса шоир бо эҷоди ғазал дар такомули маъниву муҳтавои дарунмояи он, дар эҷодиёти хеш нишон дода тавонист, ки жанри суннатии ғазалро наметавон кӯҳнаву нозарур дар адабиёти навин донист, балки ба тариқи ғазал метавон беҳтарин тасвирҳо ва навпардозиҳоро дар шеъри тамоми даврон истиқбол кард. Муҳаммад Ғоиб аз зумраи он қаламкашони адабиёти навин аст, ки анъанаи адабиёти ҳазорсолаи тоҷикро чун дигар шоирон идома дода, дар ин роҳ муваффақ гардидааст.

## 2.2. Рубоӣ дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб

Адабиёти тоҷик бо дороии навъҳо ва санъатҳои балеғи бадеӣ дар миёни адабиёти олам баландтарин ҷойгоҳро соҳиб гардида, дар ин замина,

албатта бо соҳибият ба навъҳои мухталифи шеъри воло рӯйи кор омада, бо хусусиёти фарққунандаи хеш, ҳатто бо шаклу маънӣ ва мазмун тавонистааст, ки ба суннатҳои навгаройӣ дар шеър бағоят таъсирпазир бошад. Рубоӣ дар сурати як шакли қадимтарини шеъри суннатӣ аз даврони пайдоиши хеш то ба имрӯз асолат ва рисолати аслии худро ҳифз намуда, ба маром рушд ёфта бошад ҳам, ва маънояш чаҳоргона бошад ҳам, пайдоиши ин навъи шеърӣ ба адабиёти араб алоқамандие надошта, яке аз қадимтарин, маъмултарин ва сeристифодатарин жанрҳои шеърӣ дар адабиёти форсу тоҷик ба шумор рафта, пайдоиши нахустин намунаҳои он ба адабиёти хаттӣ аз эҷодиёти шифоҳии форсизабонон иртиботи қавӣ доранд, ки дар ҳамаи давраҳои таърихии адабиёт, чи аз ҷиҳати вазну қофия ва оҳангнокӣ, чи аз ҳайси мавзуъ ва чи муҳтаво мавқеи худро аз даст надодааст.

Ба ақидаи бархе аз адабиётшиносон рубоӣ то асрҳои VII-VIII низ суруда шудааст, аммо дар маҷмуъ, ин жанр дар шакли суфтаи ҷовидонӣ ва мондагор аввалин бор дар эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мукаммал ва хеле бо тасвирҳои ҷолиб рӯйи кор омада, ба назми хаттӣ ворид гардидааст. Дар ин маврид донишмандон қайд кардаанд, давраи ташаккул ва таҳаввули рубоӣ ба асрҳои IX-XV рост омада, дар осори устод Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абусаиди Абулхайр, Умари Хайём, Мавлоно Ҷалолуддинии Балхӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, баъдтар дар эҷодиёти Бедили Деҳлавӣ ва билохира Туғрали Аҳрорӣ ва Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ намунаҳои олии ин навъи шеърро бештар барои ифодаи вазъи ҳоли ғарибонаву ошиқона, маъниҳои амиқи фалсафӣ, овардани панду ҳикмат ва андарзҳои муносиб мувофиқ будааст, ба вуҷуд овардаанд.

Шавкат Боев дар як мақолаи хеш бо номи “Андешаҳо роҷеъ ба маншаъ, пайдоиш ва баъзе вижагиҳои жанри рубоӣ” ба таъкид овардааст: “Ваҷҳи дигаре, ки рубоиро дар байни хоссу ом аз дигар жанрҳо матбуътар ва мақбултар гардонидааст, ин дар яке аз форамтарин ва хушоҳангтарин баҳрҳои

арӯзӣ, яъне баҳри ҳазаҷ суруда шудани он" буда, "ин жанр аз замони пайдоиш то ба имрӯз қолаби ягонаи худро ҳифз намуда, аз шоир маҳорати баланди касбиро тақозо менамояд" ва "шоир дар интихоби вазни дигар анвои шеърӣ озод бошад ҳам, дар интихоби вазни рубоӣ озод буда наметавонад" [66, с.163-164].

Рубоӣ чун шаклҳои маъмули назми лирикии халқӣ ва китобӣ дар эҷодиёти як зумра шоирони адабиёти шуравии тоҷик, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, ҳамчун намудҳои мувофиқи жанри адабӣ корбаст гардидааст. Ба ақидаи Мардон Неъматзода: "Рубоӣ, ки аслан жанри эҷодиёти лафзии халқ аст, ҳиссу тафаккури гӯянда ва шоирро дар шароитҳои гуногуни таърихӣ ва ҳаёти воқеӣ инъикос намуда, ҳамчун воситаи баёни афкор дар шакли бадеӣ мақоми хоса дорад" [162].

Барои доштани далел, месазад, ки ба рубоии зерини шоир таваҷҷуҳ намоем, ки бо асолати хос ва ташбеҳоти пурмаънӣ офарида шудааст. Чунончи мегӯяд:

Аз хок агар канда шавад сабза, хас аст,
Парвона ба шамъ рӯ наорад, магас аст.
Бе ҷонканӣ обрӯ муяссар нашавад,
Ишқе, ки надорад оҳ ашкаш, ҳавас аст [30, с. 669].

Воқеан, Мусулмониён Р. рубоиро дорои имкониятҳои барҷаста дониста, таъсири онро ба адабиёти араб, туркизабон ва "аз асри Х1Х сар карда, ба адабиёти халқҳои славян" [98, с. 165] зикр намудааст.

Модом ки дар мавриди ин жанри куҳани адабиёт сухан дар миён овардем, метавон ба намунаҳои он дар эҷодиёти шоирони аҳди муосир низ, монанди: рубоиёти Ғоиб Сафарзода, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар Келдӣ, Гулрухсори Сафӣ, Ҳақназар Ғоиб, Ашӯр Сафар, Саидҷон Ҳакимзода, Аскар Ҳаким, Ҳоҷӣ Мурод, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳабибулло Файзулло, Салими Хатлонӣ ва дигарон рӯ овард, ки албатта, дар ин самт муваффақона иқдом намуда, ба дастовардҳои назаррас ноил шудаанд.

Бо дарназардошти зикри номи ин қаламкашон, исми Муҳаммад Ғоиб низ дар ин миён метавонад намунаи хос бошад, ки бо офаридани тасвирҳои ҷолиб ва тарзи истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ин жанр нақши назаррас дорад. Муҳаммад Ғоиб дар баробари таваҷҷуҳи хос ба жанри ғазал, ҳамчунин ба эҷоди рубоиҳои дилнишин ва рангину пурмазмун, рӯй оварда, дар рушд додани ин шакли шеърӣ дар адабиёти муосир мавқеи хоссеро соҳиб гардидааст. Рубоиёти шоир аз нигоҳи мавзуъ ва мундариҷа пурғановат буда, дар онҳо мавзуи Ватан ва эҳтиром ба сарзамини бобоӣ ҷилваи махсус дорад. Чунончи, дар рубоии зер ҳамин иддао ба субут мерасад:

Талхоби Ватан ба коми мо ширин аст,
Сангаш таги сар нармтар аз болин аст.
Дар чашми фиреби меҳр ҳам нури ҳақ аст,
Олам ҳама бе хоки Ватан сангин аст [14, с.162].

Рубоиҳои шоир дар саросари эҷодиёти ӯ ҷой дода шудаанд, вале ба як шакли мураттаб гирдоварӣ нашудаанд. Аммо бояд тазаккур дод, ки рубоиҳои шоир аз ҷиҳати сохтор ва шакл дар қолаби мавзуни суннатӣ ҷой дода шуда, дар ин маврид ибтикороти шоир мушоҳида намешавад. Дар онҳо мазомини пандуахлоқӣ, самимият, ошиқонаи иҷтимоӣ, чунонки зикр гардид, афкори ватандӯстона ҷойгоҳи хос дорад. Шоир дар рубоии зер ба гузашта менигарад ва афсӯс мехӯрад, ки дигар даври шукуфоию тилоӣ ва маркази тамаддунҳо чун даврони Сомониён ва Бухорои дигаре натавонад шуд:

Такрор дубора асри тилло нашавад,
Машҳур дигар Балху Бухоро нашавад.
Ин мулк дигар маркази дунё нашавад,
Он маърифати гумшуда пайдо нашавад [14, с.166].

Муҳаммад Ғоиб дар рубоии боло бо афсӯси зиёд аз даврони тиллоии фарҳангу маърифати гузашта гуфтааст. Аз сарчашмаҳо маълум аст, рубоӣ аз лиҳози қофиябандӣ ду навъ буда, дар шаклҳои ааба ва аааа офарида шуда, дорои мазмуну мундариҷа ва мавзуи хосси бадеӣ мебошад, ки хонанда зимни

хондан дар мутобиқат ба вазни шеърии он дарҳол, ба жанри рубоӣ хос будани ин шакли шеъриро пай мебарад. Дар ин замина, рубоиҳои Муҳаммад Ғоиб низ амсоли рубоиҳои адабиёти классикӣ дар 24 гунаи вазнҳои суннатии баҳри ҳ**азаҷ** ва ду шаҷараи он (шаҷараи **ахраб** – 12 вазн ва шаҷараи **ахрам** – 12 вазн), суруда шуда, ба тариқи коргирифт аз радифҳои ҷолиб дар мисоли калимоти тақвиятдиҳанда низ қобили эътирофанд.

Дар иртибот бар шакли қофиягузинии шоир метавон изҳор дошт, ки аксарияти рубоиҳои ӯ дар маҷмуаҳои ашъораш дар гунаи aaба дучор меоянд. Чунончи:

Ҷуз ёд аз он фасли тарабнок намонд,
Миқроз бимонду навдаи ток намонд.
Дарёи ғами ишқ ҳама кард хароб,
Эй сел, маё, дар ин замин хок намонд [30, с.672].

Аммо шоир дар сурудани рубоӣ ба қофияи гунаи аааа низ камтаваҷҷуҳ нест, чун қисмате аз рубоиёти ӯ дар ин қолиб эҷод шудаанд. Чунончи дар рубоии зер бо истифода аз вожаҳои қофияшаванда, амсоли “вассоф”, “қоф”, “ноф” ва “соф”, бо радифи “аст” шоир ин навъи қофиябандиро ба кор бурдааст:

Мустаҳкам агар муҳаббати вассоф аст,
Як санги Ватан баҳои кӯҳи Қоф аст!
Хоке, ки дар он нишони хуни ноф аст,
Лойобааш аз оби дигар ҷо соф аст [30, с.696].

Мавзуи рубоиёти Муҳаммад Ғоиб пурвусъат буда, бештар ба паҳлуҳои иҷтимоии зиндагии инсонҳо, тазодҳои рӯзгор, сулҳу осоиштагӣ ва амнияти ҷомеа, ишқу самимияту садоқат ба Ватан, Модар, маҳбуба, обу хоку гулу гиёҳи диёр, дӯст доштани қаламрави кишвар, озодиву ҳақиқатнигарӣ, ҷавонмардиву футувват ва монанди инҳо нигаронида шудаанд. Чунончи, дар рубоии зер мавзуи Ватан ҷилваи хос дорад:

Бар дарди фиреби зиндагӣ тан надиҳам,

Бар хирмани ганҷ гарди Меҳан надиҳам.

Номус матои парчами тақдир аст,

Як ришта аз он ба дасти душман надиҳам [14, с.166].

Яке аз паҳлуҳои мавзуии рубоиҳои Муҳаммад Ғоиб, ки бештар ба каломи “ишқ” иртиботи қавӣ дорад, инсонгароӣ аст. Мавзуи ишқу муҳаббати инсонӣ, ончунонки дар сархатти  мавзуот дар рубоиёти шоирони классикӣ қарор дошт, дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб низ аз ҷойгоҳи воло бархурдор аст. Ишқ  вожаест, ки дар ҳамаи давру замон зебу зевари зиндагии инсон ба шумор рафтааст, он бо лаззати гуворо ва сӯзу сози ноаён инсонҳоро дар ҳоли “ошиқ будан” гарм доштааст. Ин мавзуъ дар ҳамаи давраҳои таърихӣ рушду инкишофи ҳам адабиёти классикӣ, ҳам муосир дар ҳама анвои адабӣ, ба вижа жанри рубоӣ аз мавзуоти марказиву меҳварӣ маҳсуб мешуд.

Метавон қайд кард, ки ҳатто аввалин рубоии батабъ расонидаи Муҳаммад Ғоиб маҳз ба ҳамин мавзуъ  бахшида шудааст, ки ин далели муътамаде бар таваҷҷуҳи хосси шоир ба мавзуи ишқ маҳсуб хоҳад шуд:

Маҳтоб ба хона нур пошида гузашт,

Побанди хаёлҳо маро дида гузашт.

Ҳарчанд назар ба меҳр кардам сӯяш,

Чун дилбари ман, маро нафаҳмида гузашт [30,с.694].

Чунонки дида мешавад, дар нахустин намунаи рубоӣ хаёлбандии шоирона ва то ҷое  парвози ҳунарии адиб мушоҳида мешавад.

Дар  “Садои Шарқ” (соли 1979) рубоии мазкур чоп гардида буд. Баъдан намунаҳое аз рубоӣ, ғазал ва  шеъри сафеди шоир  дар аввалин китобаш “Роҳи деҳа” бо пешгуфтори Лоиқ Шералӣ рӯйи чоп расид, ки аз ҷониби дӯстдорони адабиёт хуб истиқбол гардиданд.

Мавзуи ватанпарастию ватанхоҳӣ, ҳимояи Ватан-Модар  тасвири сафои обу ҳаво ва назокати хоки диёр аз мавзуоти меҳварӣ дар рубоиёти шоир ба шумор меравад.  Шоир дар рубоиёт  “Ҳофизи Ватан” аст, Ватанро  сарбайти

суруду достон, сарномаи ишқ, сангашро ойинаи бахт, чӯбашро сафинаи бахт, хокашро замини бахт меномад, ҳамчунин, ҳастии Ватанро ба умеди сарҷамъии хотир, дунёи умеду армон, оромии дил ба боғ ташбеҳ кардааст:

Бар меҳри Ватан то ҳамаро вола кунам,

Кам хуфтаву дида сурх чун лола кунам!

Боғ аст агар Ватан, чу фарзанди падар

Ҳар нахли диёр ҳифз аз жола кунам! [30, с.184]

Ҳамин гуна мавзуъҳои худшиносӣ ва ватандӯстӣ дар эҷодиёти шоир хеле зиёд ба чашм мерасанд ва дар баробаримавзуъҳоипандуахлоқӣ ва ёд овардан аз  ҳаёти пурпечу тоби худ, ки саропо намунаи ибрат аст, ҷилва менамояд.

Ба ин монанд, бо таваҷҷуҳ ба рубоиҳои ҳаммазмуни шоир, ки бар сифоти ошиқон ва нақши ишқ дар сирату хулқи инсон бахшида  шудаанд,  рӯ меорем, ки ин мавзуъ дар онҳо якҷоя бо образҳои тоза густариш ёфтаанд:

Гандумдаравам, тани маро коҳ хӯрад,

Ман марди раҳам, умри маро роҳ хӯрад!

Эй ишқ, аз он даме ба ман ёр шудӣ,

Нури дили хуршеди маро моҳ хӯрад! [30, с.675]

Шоир дар маврид ба ғаму андуҳи инсон дар зимни гирифтории ҳоли ӯ бар асари “ишқ “ сухан мегӯяд, вале бо истифода аз ташбеҳу киноя ва рамзу истиораҳои дилнишин, амсоли “аз нам фурӯ рехтани гил дар девор” ва ё “аз силсилаи рехтани оби соҳил” таъбиреро ба ёд меорад, ки сифатан ба ҳоли бенавоиву бечорагии ошиқон ва дилбохтагон мемонад:

Нам дар бари девор расад, гил резад,

Аз нармии об хоки соҳил резад!

Ошиқ, ки нагаштаӣ, надонӣ ту чӣ сон,

Аз синаи дилбохтагон дил резад! [30, с.677]

Таровиши тахайюл дар манзари тасвирҳои шоир мисоли ҷолиб аст, чунонки дар ибораи “рехтани дил” дучор омадем. Дар  шифоҳиёти мардумӣ

ибораҳоеро амсоли “рехтани ҷигар” ва ё “сӯхтаи ҷигар” метавон бархурд кард, аммо “рехтани дил” ибораест, ки Муҳаммад Ғоиб онро хеле моҳирона, шоирона ва ошиқона вориди назм ва бавижа ин рубоии хеш кардааст.

Муҳаммад Ғоиб ки ба ирфон бастагии қавӣ пайдо кардааст, ҳамоно аз “хомӯшӣ” дар ишқ ба огоҳӣ расидааст, чун медонад, ки “хомӯшӣ” забони ошиқон аст ва дар робита ҳамин хомӯшист, ки ушшоқро бар сирру румузи сӯзу сози ботин огоҳӣ додааст. Ва мегӯяд:

Пеши ту забону лаби ман хомӯш аст!

Дар сина дили пур аз сухан хомӯш аст!

Фарёд кунад кӯҳу ба пеши Ширин,

Аз хотири ишқ Кӯҳкан хомӯш аст! [30, с.680]

Ва “хомӯшӣ”-и “дили пур аз сухан” низ рамзист, чун шоир хуб медонад, ки дар баробари маҳбуб арзи ҳунар ин камаш беадабист.

Ҷанбае, ки ба тасвирнигорӣ ва умқнигарии шоирона дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб бештар метавонад таъсиргузор бошад истифодаи ҳунармандона аз санъатҳои бадеии тасвир ва коркарди онҳо бо созгорӣ ба мантиқи сухан аст. Чунонки истифода аз ибораҳои “роҳи дил”, “гардҳои қадам”, “хоки дил, “донаҳои алам”, “ҷангали ишқ”, “оҳуи дил”, “гурги ғам” ва ба ин монанд образҳо оробахши тафаккури ирфонӣ ва шеъри орифонаи ӯ гардидаанд. Чунончи мегӯяд:

Дар роҳи дил аст гардҳои қадамат,

Дар хоки дил аст донаҳои аламат!

Афтода миёни ҷангали ишқи туам,

Оҳуи дили маро хӯрад гурги ғамат! [30, с.680]

Мундариҷа ва ғояву мазмуну мавзуъ дар рубоиҳои Муҳаммад Ғоиб бештар воқеънигарона ва нигоришу тасвирҳо дар онҳо воқеӣ ба қалам расидаанд. Ӯ зимни мушоҳидаҳои хеш симои аслро дар тасаввури онҳо ба ҳам мебинад, чунонки тамаллуқ ва номусро дар тазоди ҳам меофарад ва айни истифодаи ҳикмати халқро низ дар корбурди санъатҳои бадеӣ мадди назар

медорад, то ғояву мазмуни офаридааш бо мантиқ ҳамоҳанг ва барҷой бошанд. Дар рубоии зер ҳамин вижагӣ мушоҳида мешавад:

Камнур, ки меҳр шуд, бихонанд маҳаш,
Камдона, ки шуд хӯша, биноманд каҳаш!
Сад айбу гунаҳ агар ки доро дорад,
Чашми тамаъи замон набинад гунаҳаш! [30, с.669]

Муҳаммад Ғоиб дар корбурди вожаҳо ва кор гирифтан аз санъатҳои бадеӣ шоири бо маҳорат ва дар зимни офариниши тасвирҳои мухайяли хеш мушоҳидакор аст. Ҳамзамон, мушоҳидаҳояш мушаххасанд ва айни мушаххасот дар чеҳраи инсони заминӣ, ки дилбастаи меҳру садоқату самимият аст, бештар ҳувайдо мегардад.

Қаҳрамонони рубоиҳо, умуман, ашъори дигари ӯ ҳамеша ҳамдаму ҳамнафаси шоир будаанд, ончуноне ки офаридаи орзу ва ормонҳои ӯ бештар аз мушоҳидаҳояш борвар шудаанд ва, аз ин лиҳоз, тасвирҳояш низ маҳсули мушоҳидоти жарфи ӯянд:

Анҷир ба шаб шукуфтанаш машҳур аст,
Кӯдак ба зиёд хуфтанаш машҳур аст!
Дар даҳр раҳи ба ёд мондан кам нест,
Оина ба рост гуфтанаш машҳур аст! [30,с.184]

Саидраҳмон Саидов дар таҳқиқоти худ роҷеъ ба мавзуъҳои асосии рубоиёти Муҳаммад Ғоиб чунин меорад: “диққати ӯро на танҳо ватандӯстиву ватанпарварӣ, инчунин мавзуъҳои ишқ, ҳаётдӯстӣ, озодандешӣ, ғарибӣ, панду ҳикмат, танқиди беадолатиҳои рӯзгор ва танзимгарии ашхоси гуногун, андешаҳои риндонаву фалсафӣ, маънипардозиҳои шоирона низ ба худ кашидаанд” [120, с.9].

Муҳаммад Ғоиб ҳамдаму ҳамнафасу ҳамдили мардуми хеш аст ва шоирест, ки дар радифи хостаҳои дили ҳамдиёрони худ рози дили башариятро озмудааст ва халлоқияти рубоиёти ӯ низ бар ин гуфтаҳо гувоҳ мебошанд. Шоир дар аксар рубоиёти хеш икроми инсониро аз ҳама боло мегузорад ва

барои расидан ба иззату эҳтиром, ҳаводорони каломи нобро дар роҳи ростин ва дастовардҳои инсонӣ ҳидоят менамояд. Ӯ ба мазмуну мундариҷа ва ғояи аслии мавзуи рубоӣ диққати хос дода, онро бо услуби оҳангу сабки ҷаззоби халқӣ, ки дорои ғояҳои ширин ва ҳикматбору дилкаш мебошанд, оро бахшидааст. Дар рубоии зер ҳамин вижагӣ ҷилваи хос дорад:

Сахт аз ҳама аз маърака берун шудан аст,

Маҳзуншуда маҳрум зи мамнун шудан аст!

Аз теғи ғаму дард ҷигархун шудан аст,

Безор зи шуҳрати Фалотун шудан аст! [30, с.185]

Дар иртибот, бар ин интихоби мавзуъ, усули баён, коргирифт аз васоити бадеӣ, ифода ва баён, нигоҳ доштани қолаб, бавижа рубоӣ, ниҳоят, ҳамоҳангии савту наво дар ташаккули ин навъи шеърӣ аз ҳунари умда ва билохира, дастдода дар кори рубоисароии Муҳаммад Ғоиб маҳсуб хоҳад шуд.

Муҳаммад Ғоиб дар зимни эҷоди рубоӣ, ҳамчунин ба масалу зарбулмасал ва андарзҳои тарбиятбахшу таълимкунандаи мардумӣ такя намуда, шеъри худро бо истифода аз ин ҳикматҳои пуробуранг зевар мебахшад. Аз ҷумла:

Олим гузарад, ҳосили ранҷаш монад,

Золим гузарад, фишорсанҷаш монад!

Дар марги хасис ояд овоз ба гӯш:

Бар шӯи занаш нуҳуфтаганҷаш монад! [30, с.207]

Рубоии болозикр масали маъмули “моли хасисе, ки хайру сахо намекунад, оқибат баъди сари ӯ ба шӯи занаш мемонад”-ро бештар ёдовар мегардад. Аммо дар замони пуртазоди зиндагӣ, ки амали саховатмандӣ ва футувватпешагӣ аз байн рафтааст, шоир онро ба тариқи шеър рӯнамо мекунад. Ӯ талқин мекунад, ки хуб аст, агар инсонҳо амри саховатмандиву ёрии инсонҳо ва моҳияти нафсро шинохта бошанд.

Ҳаммонанд бар ин мавзуъ ва мундариҷа дар рубоии зерин ҳам шоир ба масали халқии “Девона гурез, ки маст омад” ишорат намуда, ин мазмунро хеле моҳирона аз тариқи рубоӣ ба риштаи назм кашидааст:

Раҳгумзанӣ аз ғояти мастӣ бошад,
Бебаҳрагӣ аз лаззати ҳастӣ бошад!
“Девона гурез, маст омад!” – гӯянд,
Маъно-ш гурехтан зи пастӣ бошад [30,с.213] .

Таҳлилҳо нишон доданд, ки баъзе рубоиёти Муҳаммад Ғоиб бо мурури замон тағйир хурдааст ва дар натиҷаи таҳлили матнҳои рубоиёт дар ду китоб - “Девон” [30] ва “Оҳи ашк” [39] чунин тафовут ба назар расид, ки дар ҷадвали зерин барои дарки фарқиятҳо тариқи муқоиса овардаем:

Ҷадвали №2. – Тағйирёбии байтҳои рубоиҳо дар ду маҷмуаи шоир

| “Девон” | “Оҳи ашк” |
|---|---|
| Камнур, ки шуд меҳр, бихонанд маҳаш,<br>**Камдона,** ки шуд хӯша, бигӯянд каҳаш.(с.669) | Камнур, ки шуд меҳр, бихонанд маҳаш,<br>**Донрез,** ки шуд хӯша, бигӯянд каҳаш. (с.19) |
| Маънии китоби умр **будаст ҳамин,**<br>Чанде зи пайи фиреби чанди дигар аст. (с.671) | Маънии китоби умрро **ёфтаам,**<br>Чанде зи пайи фиреби чанди дигар аст. (с. 20) |
| **Осуда, ки нестам, зи** марге, ки марост,<br>Осуда, ки нест ҷони ман, метарсам.(с.673) | **Осудатар аз ҳаёт** марг аст маро,<br>Осуда, ки нест ҷони ман, метарсам.(с.23) |
| **Осон ба ту дил бастани ман мушкил шуд,**<br>Акнун раҳи аз ту дилканӣ омӯзам.(с.671) | **Дил майл ба ҷониби ту кардан нагузошт,**<br>Акнун раҳи аз ту дилканӣ омӯзам.(с.21) |
| Аз ҳам **кунӣ** ту ҷамъи бисёр ҷудо,<br>Созӣ ҳамаро ба ёру ағёр ҷудо, (с.672) | Аз ҳам **бикунӣ** ту ҷамъи бисёр ҷудо,<br>Созӣ ҳамаро ба ёру ағёр ҷудо,(с.21) |
| Хоки ту тар аст, бехтан натвонам,<br>**Чоҳ аст раҳат**, гурехтан натвонам. (с.672) | Хоки ту тар аст, бехтан натвонам,<br>**Пурчоҳ раҳат,** гурехтан натвонам. (с.21) |
| Соҳибҳунари ишқ ба ҷое нарасад,<br>**Бар дард расида**, бар давое нарасад. (с.673) | Соҳибҳунари ишқ ба ҷое нарасад,<br>**Бемор бимонда,** бар давое нарасад. (с.22) |
| Беақл ҳам аз омаданаш шод шавад,<br>**Бо он ҳама** нуқси баданаш шод шавад. (с.672) | Беақл ҳам аз омаданаш шод шавад,<br>**Бад ҳам зи бисоти** баданаш шод шавад. (с.22) |
| Як лаҳза шавам аз ту ҷудо, мемирам,<br>Аз заҳри **ҷудоӣ**, ба худо, мемирам (с.674) | Як лаҳза шавам аз ту ҷудо, мемирам,<br>Аз заҳри **фироқ,** ба худо, мемирам. (с.23) |
| Барфат ба ниҳолам гули бодом шавад,<br>**Барқат ба раҳам ситораи** шом шавад. (с.675) | Барфат ба ниҳолам гули бодом шавад,<br>**Барқи ту ба ҷодаам маҳи** шом шавад. (с.24) |
| **Бишнидани оҳу нолааш** марги ман аст, | **Бишнидани оҳаш асар аз** марги ман аст, |

| | |
|---|---|
| Эй дард, маро монда ба ӯ кор магир. (с.25) | Эй дард, маро монда ба ӯ кор магир. (с.25) |

Дар эҷоди рубоӣ Муҳаммад Ғоиб ба манзари мавзуъ ва мазмуни он бо чашми дил менигарад ва тасвири онро бо чашми ақл менигорад. Аз такрор кардани андешаҳои дигарон худдорӣ намуда, мекӯшад то шеърашро тоза, равон ва дилчасп гӯяд. Ӯ фазилати ҳастӣ ва шарофати инсонро дар меҳнати пайваста, сохтан, ободкардан ва хислати ҳамидаву накуву арзанда дармеёбад ва онро баҳогузорӣ мекунад. Аз рубоии зерини ӯ маълум мегардад, шоир бо такя ба масали гузаштагони худ, яъне "Шерро бо рӯбоҳ ошноӣ нест" саъй кардааст хонандаро бо ҳамчунин мавзуъҳои ҳикматомез ва тарбиявӣ, ки умри ҷовидона доранд, рӯбарӯ намояд:

Хислат зи мароми соҳибаш ҳаст гувоҳ,
Ҳарф аст пайи ҳар қадаме дар хати роҳ!
Сад сол ҳам аз илми вафо дарс диҳад,
Бар шер вафодор нагардад рӯбоҳ! [30, с.210].

Шоир тамоми рубоиҳои хешро дар шакли як китоби алоҳида мураттаб накардааст ва чунонки маълум гардид, дар 14 маҷмуаи шоир теъдоди рубоиҳое гирдоварӣ шудаанд, ки баъзан аз маҷмуае ба маҷмуаи дигар кӯч дода шудаанд ва ин ҳолат дар китобҳои "Девон", "Баҳои ҷон", "Ашки дил", "Дарди номус", "Ҳадиси умр", "Руҷуи нотамом", "Шеъри зиндагӣ", "Қиблаи умед", "Чашмаи саодат", "Каъбаи дил", "Оҳи ашк" ба мушоҳида расид. Ғайр аз ин зикр кардан ба маврид аст, ки дар ду маҷмуаи шоир – "Сукути ашк" ва "Боми сипеҳр" рубоиёти ӯ ҷой дода нашудаанд.

Дар "Девон" 161 рубоӣ гирд оварда шудааст, ки аз ин 32 рубоӣ ба китоби "Оҳи ашк" бетағйир омадааст. 21 рубоии мансуби "Девон" дар "Оҳи ашк"дида намешавад. Дар китоби «Оҳи ашк» рубоиву дубайтиҳои дар солҳои гуногун офаридаи Муҳаммад Ғоиб гирд оварда шудаанд, ки дар он 957 рубоӣ ба назар мерасад. Дар рисолаи диссертатсионии Каримов Ш. ки соли 2025 ҳимоя

гардидааст, теъдоди рубоиёти Муҳаммад Ғоиб 244 ишора гардидааст [160,с.48] .

Яъне, рубоиёти Муҳаммад Ғоиб як паҳлуи асосии ашъори шоирро дарбар мегирад, ки ба талаботи асосии вазни рубоӣ ҷавобгӯй ҳаст. Дар хулоса метавон гуфт, ки аз аввалин рубоии шоир (соли 1979 рӯйи чоп омада буд ва он замон шоир хеле ҷавон буд) мавзуъҳои он аз умқи дилашаш чун инсони баркамол сарчама мегирифт ва аз як рубоӣ то рубоии дигар пухтаву ҳадафмандона ба майдони адабиёт ворид мегардид. Ҳангоми навиштани рисола ба хулосае расидем, ки Муҳаммад Ғоиб яке аз шоирони забардасти даврони соҳибистиқлолии кишвар буда, бо вуҷуди мутахассиси илмҳои дақиқ аз ракони шеърӣ огоҳ аст ва дар суханпардозиҳо маҳорати тамом дорад. Ӯ аз зумраи қаламкашонест, ки анъанаи адабиёти ҳазорсолаи форсу тоҷикро чун дигар шоирон идома дода, дар олами шеъру шоирӣ дастболо гардидааст.

## 2.3. Дубайтиҳои шоир

Дубайтӣ шакли шеърии мураккаби дорои ёздаҳ ҳиҷо буда, аз чаҳор мисраъ иборат мебошад. Ин жанри бадеӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (ё мақсур) иншо карда мешавад. Мавзуи асосии дубайтӣ ишқу муҳаббат, ирфону маърифат, андарз таркиб ёфта, дар замони муосир масъалаҳои иҷтимоию ватандӯстӣ ба ин шакли шеърӣ ворид гардидааст. Қофиябандии дубайтӣ “ааба”, “аааа” ва баъзан “абаб” мебошад.

Баъзе муҳаққиқон намунаи чаҳорпораи муосирро дар эҷодиёти шоирони асри X пайдо кардаанд. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик дубайтиҳои ирфониву ҳасбиҳолии Бобо Тоҳир мушоҳида мешаванд, ки ба мавзуниву шаклёбии қолаб, ба тавсиф аз зумраи беҳтарин каломи тарғибгари муҳаббату садоқату самимият ва баррасии ошиқонаву иҷтимоӣ дар миёни мардум соҳиби шуҳрат гардидаанд.

Яке аз шаклҳои маъмули назми муосир чаҳорпора аст. Ин шакли жанрӣ то садаи бист ривоҷ нагирифта буд: “Дар назми муосири тоҷик ривоҷу равнақ гирифтани ин шакли шеър, пеш аз ҳама, ба рӯ овардани назм ба мундариҷаи тоза ва, сониян, ба таъсири қавии назми рус вобаста аст. Аз шоирони муосир устод Лоҳутӣ махсусан, барои бисёр ба кор андохтан ва маъмул шудани он хизмати босазо кардааст” [162].

Аммо дар ин миён метавон ба дубайтиҳои шоирони асрҳои баъдӣ, бавижа, аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, дубайтиҳои устод Абулқосим Лоҳутӣ ва бархе аз дигар шоирони баъди солҳои 20-30 дар қарни XX низ мутаваҷҷеҳ гардид, ки бештар аз афкори фалсафиву иҷтимоӣ ва башарӣ ор мебошанд.

Анъанаи дубайтисароӣ ва рушди ин навъи шеърӣ дар адабиёти муосири тоҷик маҳз ба солҳои 60-70-уми қарни XX рост меояд, ки дар савтиёту ҳамоҳангии дубайтиҳои халқӣ ва адибони дигари дубайтисарои тоҷик ривоҷ ёфта буд. Дар ин даврон аксар дубайтӣ дар коргоҳи эҷодии шуарое, амсоли Ғоиб Сафарзода, Лоиқ Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло, Гулназар, Ҳақназар Ғоиб, Гулрухсор, Ҷамолиддин Каримзода ба камол расида, дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, дар намунаи эҷодиёти Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Салими Хатлонӣ, Шаҳрия, Раънои Мубориз ва дигарон мавриди корбурд қарор гирифт.

Шоирон дубайтию рубоиётро аз лиҳози маъниву мазмун, тасвир ва мундариҷаи ғоявӣ дар вазни роиҷ ва анъанавии дубайтисароии адабиёти классикӣ, баҳри **ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мафоъӣлун, мафоъӣлун, фаъӯлун) ва қофиябандии ааба ва аааа** хеле муваффақона эҷод мекарданд.

Бояд қайд кард, ки дар ин радиф метавон ба ҳунари дубайтисароии Муҳаммад Ғоиб низ мутаваҷҷеҳ шуд, ки ӯ дар эҷоди ин навъи шеърӣ бо диди тозатару назар икдом кардааст. Шоир дар эҷоди дубайтӣ ба тозакориҳо ва зебонигарии ба худ хоссе тавониста, ки ҳамаи назокати сухан ва истеъдоди шоириашро ба кор барад.

Таҳқиқи мо дар корбаст бо дубайтиҳои Муҳаммад Ғоиб дар такя бар “Девон”-и ашъори ӯ сурат гирифтааст. Шоир дар ин китоб ҳамагӣ 134 дубайтии хешро ҷой дода, илова бар ин дар гунаи ба ном шеърҳои мушаххас ба ҳамин мақолу оҳанг, яъне ҳамвазни дубайтӣ ашъореро низ дар он ҷой додааст, аммо он чизе ки ҷавобгӯйи матлаб бояд бошад, ҳамон 134 дубайтии шоир мебошанд.

Дар китоби “Осмони соф”, ки фарогири рубоӣ, дубайтӣ ва фироқномаҳои шоир мебошад, 302 дубайтӣ гирд оварда шудааст.

Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки дар дубайтиҳои хеш ҳам ба мавзуъҳои иҷтимоиву сиёсӣ, ҳам ишқиву ирфонӣ дахл кардааст. Дубайтиҳои шоир аз нигоҳи мавзуъ ва мундариҷа басо пурғановат мебошанд. Дар нигоҳ ба мавзуоти ирфонӣ дубайтиҳои Муҳаммад Ғоиб мушобеҳ ба ҳамин навъ ашъори классикон мебошанд. Аввалин дубайтии шоир ҳам дар “Девон”-и ӯ аз ҳайси мавзуъ марбут ба андешаи фавқ мебошад:

Вуҷуди хок аз санге ҷудо нест,
Сиришти оҳан аз занге ҷудо нест.
Хатоҷӯён, хатои худ биҷӯед,
Ба дунё бехато ғайри Худо нест [30, с.705].

Шоир дар эҷоди ашъори худ дар шумори корбурд аз мероси пурғановати классикон, ҳамчунин, аз эҷодиёти шифоҳии мардум - фолклор низ бисёр истифода кардааст. Ин таъсирпазирӣ дар ҳамаи анвои шеъри шоир мушоҳида мешавад. Аммо дар дубайтиҳои ишқӣ ҷилваҳои зебо ва услуби мардумӣ бештар мебошанд. Чунончи, дар дубайтии зер мақоли халқии “садо аз ду даст ё каф омадан” басо ҳунармандона мавриди истифода қарор гирифтааст:

Шаби торику маҳ дорад муҳаббат,
Раҳи ҳамвору чаҳ дорад муҳаббат.
Садо аз як каф охир бар наояд,
Муҳаббатро нигаҳ дорад муҳаббат [30, с.707].

Вижагии назарраси мавзуӣ дар дубайтиҳои Муҳаммад Ғоиб иборат аз он аст, ки дар онҳо ҷуз ин ки руҳи мардумӣ сахт махсус аст, шеваи баёни орифона, бахусус навъи баёни ҳамсон ба Бобо Тоҳири Урён низ мушоҳида мешавад, дубайтии фавқ назаре аз он мебошад:

Ҷаҳон монду ҷаҳондорон гузаштанд,

Вафо монду ҷафокорон гузаштанд.

Барои нафъи худ дар зиндагонӣ,

Чи ёроне, ки аз ёрон гузаштанд [30, с.705].

Дар дубайтиҳои Муҳаммад Ғоиб андешаҳои иҷтимоӣ низ бисёр бархурд мешавад. Афкори иҷтимоии шоир, аксаран, ба назари фалсафӣ ва бардоштҳои ӯ ба ҷаҳон дидан, бевафо будани дунё ва амсолашон ба ҳам омадаанд.

Дубайтиҳои ин шоири соҳибсалиқа ва соҳибназар, амсоли рубоиҳо, ғазалҳо ва навъҳои дигари бадеии шоир аз мавзуъҳои лирикии ишқӣ, иҷтимоиву сиёсӣ иборат буд, бо мақсади тарвиҷи некуиву хайрхоҳӣ, пандгирӣ аз андарзҳои гузаштагон, ҳамчунин, дарёфти ҳақиқату ростӣ эҷод гардида, моломол аз самимияту муҳаббат ва тавсифи рӯзгори аҳли ҷомеа мебошанд.

Солеҳ Қосимзода дар мақолаи худ "Вижагиҳои мундариҷавию шаклии шеъри замони истиқлол" дар мавриди сохтори ғоявӣ ва шинохти шеъри Муҳаммад Ғоиб қайд кардааст, ки: "... шеъри Муҳаммад Ғоиб муассир, пӯянда ва пурмуҳтаво мебошад ва қалбу руҳи хонандаро зуд тасхир карда, ӯро ба амалҳои хайр ҳидоят менамояд" [82, с.238-243].

Намунаи чунин тавсифоти пешовардаро, ки бо тобишҳои фалсафию иҷтимоӣ, пандунасиҳатӣ ва ҳамчунин, доро будан бар таҷаллиёти ирфони ошиқона дар дубайтиҳои хеш инъикос намудааст, метавон дар мисоли зер мушоҳида кард:

Ҷавоби умрро дарёб, дарёб,

Шитоби умрро дарёб, дарёб,

Нагардӣ то зи худ рӯзе пушаймон,

Ҳисоби умрро дарёб, дарёб [30,с.712].

Муҳаммад Ғоиб дар миёни аҳли адаб, бахусус, шоирони муосир, ба сифати як шоири ватансаро, дӯстдори диёру обу хоки ин сарзамин шуҳрат пайдо кардааст ва ҳатто, ватанномаҳояш борҳо сазовори ҷоизаҳои баланди гуногун гардида, ҳамзамон, дар маъракаҳои волои ҷумҳуриявӣ аз ҷониби овозхонону ровиёни номдори кишвар мавриди тараннум қарор гирифтаанд. Ватанномаҳои шоир дар бисёр маврид бо андешаҳои иҷтимоӣ такмил ёфта, бад-ин васила воқеитар ҷилвагар мешаванд. Чунончи:

Яке дар зиндагӣ танпарваре буд,
Дигар беланги душманпарваре буд.
Зи баъди рафтани ман ҳам бигӯянд:
Муҳаммад марди меҳанпарваре буд [30,с.729].

Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки ба мавзуъ, мундариҷа ва мазмуни шеъри хеш чун ҳамаи шоирон назари ҷиддӣ дорад. Дар иртибот ба ин бояд қайд кард, ки доманаи мавзуи ишқ дар дубайтиҳои шоир, бо ҳамбастагиҳои ҳиссии ӯ вусъати тозае ёфтааст, монанди ин ки шоир ба ин тариқ бештар дилбанд будани худро ба ишқи маҳбуба, Модар, Ватан, табиат, бо ёру дӯстон ва ғайра бамаврид ба тасвир мегирад.

Дубайтиҳои ошиқонаи ӯ саршор аз муҳаббату арзи вафодорӣ ва тасвири ҳоҷот ва ҳолоти руҳии инсони дилдода буда, дар онҳо нақши ошиқ ва ҳоли музтариби он, ҳамчунин, бо орои андарз ва пандҳои ҳадафмандона бештар инъикос ёфтааст. Бо далолат бар ин гуфтаҳо, шоир дар боби ишқ мегӯяд:

Азоби ишқ гар ширин намешуд,
Касе бар ҷони худ зомин намешуд.
Намефаҳмидӣ гар дарду ғами ишқ,
Ягон дилдода ботамкин намешуд [30, с.706].

Тозагӯйӣ ва навпардозӣ дар сурудани жанри дубайтӣ низ аз корҳои муваффақонаи эҷодии Муҳаммад Ғоиб ба шумор рафта, гувоҳ бар табъи маъниозмо, нигар ва шоиронаи ӯ мебошанд. Шоир бо ҳунари волои худ аз шоирони огоҳ ва пуркорест, ки дар қолаби дубайтӣ метавонад тамоми орзуву

ормони ҳиссиву истидрории инсон ва, дар маҷмуъ, ҷомеаро ҷой диҳад. Ӯ дар арсаи эҷоди ин навъи шеърӣ иқдомоти устувор гузоштааст ва дар баробари корбурди маъниҳои орифона ва ошиқонаи маъмул, ҳамчунон дар кори тасвири ин навъи шеърӣ ба андешаҳои фалсафиву сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ дахл мекунад ва бадеияти маънавии онро бо ибороту гуфтаҳои шевагиву лаҳҷавии мардум шевотару дилнишинтар мегардонад. Масалан, дар дубайтии зерин мебинем, ки аз чанд масали халқӣ, аз ҷумла: "Нони касеро хӯрдӣ, бояд фикри нон додан кунӣ", "Аҳд бастан ва нашикастан", "Ҳар қадар боло, ки рафтӣ, аз пастӣ ҳам бояд ёд оварӣ" ва ба ҳамин монанд, тасвирҳои дилнишин офарида, панди гузаштагонро дар ҳоли сувар оростан дар дубайтӣ хеле бо маҳорати шоирона мавриди истифода қарор додааст:

Лаби ноне шикастӣ, фикри нон кун,
Ҳамон аҳде, ки бастӣ, ёди он кун!
Ба тори боми дунё ҳам, ки бошӣ,
Гаҳу ногаҳ хаёли нардбон кун! [30, с.712]

Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки дар эҷоди дубайтӣ аз ҷиҳати фарогирии вусъатнигар аст ва бо ин роҳ саъй мекунад, ки бо тарзи ифода ва услуби баёни фасеҳи хеш барои болидаруҳ доштани ҳаводорони калом заминаҳои мусоид фароҳам орад.

Дубайтиҳои ин шоири сареҳназар далолат бар он мекунанд, ки ӯ зиндагӣ ва дунёи маърифативу маънавии худро чи гуна тарҳу танзим кардааст. Дар ин амр ба дигарон низ тарзу равиши зиндагӣ ва шоиста будан бар ҳаётро меомӯзад ва бо ҳамон ифтихоре, ки бар миллати хеш ва забони он дорад, ба исрор мефармояд:

Набахшам бар ту муҳри боvариро,
Намонам бар ту ҳукми довариро.
Чӣ сон гӯям туро фарзанди миллат?
Намедонӣ забони модариро [30, с.728].

Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки ҷӯёӣ ва вобастагии хешро бар тахайюли табъозмояш аз муҳиммоти эҷодӣ медонад ва пайваста бар ин мақсад ормонгароияшро низ тобу сайқал мебахшад, то тавонад тасвири нав офаридаашро муҷиби тамошо ва қобили назар, ба ҳаловати хонандагон ороста бинад. Аз ин лиҳоз, саъй мекунад, ки аз падидаҳои руъёӣ, тахайюлӣ ва зеҳнӣ онро қабои бадеият пӯшонад. Бар ин назар аст, ки дид ва таваҷҷуҳи мушоҳидакорашро ба олами руҳониву ботинии худ пайванд медиҳад ва чун ғаввоси моҳир барои ғано бахшидани каломаш аз баҳри маонӣ дурри пурбаҳо меҷӯяд. Бо чунин заҳамоти эҷодӣ ва ҳунарии хеш, барои барҷо дидани шеърияти дубайтии қобили қабулаш, дар ҳоли эҷоди он  тамоми санъату махсусиятҳои бадеиро мавриди назар қарор медиҳад ва аз чунин падидории хосси манзур рангу об меофарад ва бо ҳунари оро додани мавзуъ дар дубайтии худ хаёлоти худро тобиш медиҳад ва муҳтавои дубайтиро аз дарунмояи он тақвият мебахшад.

Ҷиҳати таъсирбахштару мусаввар гаштани тахайюлоти шоирона Муҳаммад Ғоиб аз рамзу тамсилу таҷнис, истиораву устураву кинояву ташбеҳу лутф ва лафзу маънӣ бисёр истифода мекунад. Дар ин раванд, чунонки коргирӣ бар санъатҳои бадеиро муҳим мешуморад, ба маънӣ меёбем, ки бо чӣ асолат суд меҷӯяд. Дар дубайтии зер бо истифода аз санъати мазкур - ва чӣ қадар устокорона дар симои “Рустам” ва “Сом” тасвири шоирона меофарад:

Кӣ оғозе диҳад анҷоми моро,
Сафои субҳ бахшад шоми моро?
Чу Рустам бигзарад аз мо хатое,
Кӣ дорад зинда руҳи Соми моро?  [30, с.708]

Муҳаммад Ғоиб дар  эҷоди шеър бо огоҳӣ бар сабкҳои классикии адабиёти форс-тоҷик бештар иқдом мегирад ва аз ин лиҳоз, барои дилнишин ифода кардани назари хеш дар дубайтӣ ва умуман, дар шеър, ки каломи мавзун аст, ифодаро мувофиқи мақсад ва бо таассурот бар ҳиссиёти ботинии хеш,

илҳомбахш ва шоирона мавриди истифода қарор медиҳад. Бахусус, дар миёни ашъори дигаре, ки сурудааст, шояд эҷоди дубайтӣ ба ӯ ба осонӣ даст надода бошад, зеро ҳамин аст, ки ғунҷонидани маънии баланд ва тасвири зебо дар ин қолаби кӯҳан ва санҷидашуда кори саҳл нест.

Метавон изҳор дошт, ки Муҳаммад Ғоиб дар кори тасвири мазмуну мундариҷа ва мавзуоти эҷодиёти хеш дар ҳамаи анвои шеърӣ, аз ҷумла осори дубайтӣ чи дар мавзуи сиёсиву иҷтимоӣ ва чи ишқӣ аз нуқтаи назари тоза ва навгароёна муносибат мекунад.

Дар дубайтиҳои шоир низ тафовут дар "Девон" [30] ва маҷмуаи шеърҳои "Оҳи ашк" [39] ба назар мерасад ки дар ҷадвали зер барои муқоиса ва исботи фикр овардаем:

Ҷадвали №3. – Тағйирёбии мисраҳои дубайтӣ дар ду маҷмуаи шоир

| "Девон" | "Оҳи ашк" |
|---|---|
| Зи ту бечоратар инсон надидам,<br>**Ҳама дориву аммо** дил надорӣ. (с.706) | Зи ту бечоратар инсон надидам,<br>**Ба сад дороии худ** дил надорӣ.(с.204) |
| Ба пастият баландӣ ҷӯста умре.<br>Заминро зери по **боре** набинӣ. (с.706) | **Баландӣ пастии худро шумурда,**<br>Заминро зери по **гоҳе** набинӣ. (с.205) |
| **Чун Рустам бигзарад аз мо хатое,**<br>Кӣ дорад зинда рӯҳи Соми моро?(с.708) | **Агар созем чун Рустам хатое,**<br>Кӣ дорад зинда рӯҳи Соми моро? (с.207) |
| **Ҳазорон кӯҳу санг ояд гар аз пеш,**<br>Вале осуда чун дарё равонанд. (с.709) | **Ҳазорон сангу сад ҳам пеш ояд,**<br>Вале осуда чун дарё равонанд. (с.208) |
| Чу доне тирамоҳам кишт карданд,<br>**Ки то бошад фаровон ҳосили ман.** (с.710) | Чу доне тирамоҳам кишт карданд,<br>**Ки то бисёр гардад ҳосили ман.**(с.208) |
| Ниҳоли умр доим бар наорад,<br>Туро маргу маро фикри абад кушт. (с.713) | **Самар орад дарахти умр ҳар ранг,**<br>Туро маргу маро фикри абад кушт. (с.212) |
| Ба боғат омадам, маъво накардам,<br>**Туро дидам, вале ово** накардам. (с.714) | Ба боғат омадам, маъво накардам,<br>**Туро бо лофи худ шайдо** накардам. (с.213) |
| Нигин ангуштаринро **мекунад шод**,<br>Ду дастат остинро **мекунад шод**. (с.717) | Нигин ангуштаринро **шод созад,**<br>Ду дастат остинро **шод созад**, (с.215) |
| Бигирям аз ғамат, **бар ғамгусорон,**<br>Худо ҳам беғамӣ фармудагӣ нест. (с.717) | Бигирям аз ғамат, **бар одамизод**<br>Худо ҳам беғамӣ фармудагӣ нест.(с.215) |
| **Даме, ки бингарам бар чеҳраи ту**,<br>Ҷаҳон дар чашми ман як гӯша бошад. (с.718) | **Чу вақте бингарам бар дидаи ту,**<br>Ҷаҳон дар чашми ман як гӯша бошад.(с.216) |
| **Бубин зарро зи нон боло гузоранд,**<br>Ки қадри тоҷир аз деҳқон баланд аст. (с.719) | **Гаҳе боло зи нон зарро гузоранд,**<br>Ки қадри тоҷир аз деҳқон баланд аст. (с.217) |
| **Нишони сӯзи ҷонашро чӣ ҷӯӣ,**<br>Алови ишқ хокистар надорад.(с.719) | **Раҳи санҷиш надорад сӯзи ҷонаш,**<br>Алови ишқ хокистар надорад.(с.217) |
| **Натонӣ гар раҳе равшан намудан,** | **Туро гар қудрати равшангарӣ нест,** |

| | |
|---|---|
| Чароғи хеш гарду роҳи худ ёб.(с.720) | Чароғи хеш гарду роҳи худ ёб.(с.218) |
| **Надида дарду доғе, ғамкаҳакро**,<br>Баробар бо ғами садсола кардем. (с.720) | **Зи бетобӣ гаҳе, ки ғамкаҳакро**<br>Баробар бо ғами садсола кардем.(с.219) |
| Ду чашмони сиришколуд моем,<br>**Ҳаёт аст оташу чу уд моем.** (с.724) | Ду чашмони сиришколуд моем,<br>**Ба лаб афғон ба мисли рӯд моем**.(с.219) |
| **Зи ӯ ҳаргиз маҷӯ** ширинии умр,<br>Дарахташ меваи ширин надорад.(с.727) | **Чӣ меҷӯӣ аз ӯ** ширинии умр,<br>Дарахташ меваи ширин надорад.(с.226) |

Муҳаммад Ғоиб дубайтиро барои осоиши дили ҳаводорони каломи мавзун месарояд ва бар ин назар сараввал вазн, баъдан мусиқии онро барои оромиши руҳи хонанда ба танзим медарорад ва дар ҳоле қаноат ҳосил мекунад, ки мисраъҳои офаридааш ба маъниву мазмун созгор бошанд. Барои мисол бояд зикр кард, ки Муҳаммад Ғоиб “дил”-ро ба сифати мармузи “хона” ва бахусус, хонаи ишқ тасаввур кардааст ва бар оташи ин ишқ хонасӯз шудани худ ва ё касеро пеши назар дидан натиҷаи ҳунари шоирии ӯст, ки менигорад:

Дили ман аз ғами ҷононае сӯхт,
Ба зери хоки бенам донае сӯхт.
Зи бедардии ёрон дар хаёлам,
Нишони зиндагӣ дар хонае сӯхт [30, с.708].

Дар “Девон” -и шоир 126 дубайтӣ ва дар китоби “Оҳи ашк” 302 дубайтӣ гирдоварӣ гардидааст. Аз ин, дар мисраъҳои 24 дубайтӣ дигаргунӣ ба назар меарсад ва ҳамагӣ 7 дубайтӣ аз “Девон” ба “Оҳи ашк” интиқол нагардида, 100 дубайтӣ ҳам дар “Девон” ва ҳам дар “Оҳи ашк”дида мешавад. Дар рисолаи диссертатсионии Каримов Ш. теъдоди дубайтиҳои Муҳаммад Ғоиб 170 нишон дода шудааст[160, с.48] .

Хулоса, дубайтиҳои Муҳаммад Ғоиб равону дилнишин буда, бо саршорӣ бар ҳиссиёти отифӣ, тарзи тафаккуру ангезаҳои хаёлоти шоирона дар заминаи корбурди санъатҳои бадеӣ ва офаридани тасвирҳои назаргир шоистаи истиқбол мебошанд. Бо баррасӣ бар муҳтавиёт ва мундариҷаи чунин дубайтиҳо, ки шоир эҷод намудааст, метавон онҳоро чун дастовардҳои эҷодӣ ва ҳунарии шоир эътироф кард.

## 2.4. Чаҳорпора

Яке аз навъҳои тозаи шеъри муосир, ки ҳоло аз навъҳои дигари шеър бартарӣ дорад, чаҳорпора аст. Чаҳорпора дар ашъори аксарияти шоирони муосири тоҷик, бахусус шоирони замони истиқлол дида мешавад.

Чаҳорпора дар қолаби қаблан рехтаи назм арзи вуҷуд кардааст, аммо баҳрагирӣ бар маънии он ки аз дарунмоя ва тасвирҳои андарунии он боровар мегарданд, хонандаро метавонад ба мундариҷаву мазмун ва мавзуи интихобшуда бештар ошно гардонад ва дарёбад, ки муҳтаво дар шеъри чаҳорпора низ чун дар нимоиву озод, ҳамчунин, дар назми суннатӣ, аз қабили рубоиву дубайтӣ вобастаи ҳунари маъниофарӣ ва тасвиргароии худи шоир бошад.

Дар адабиёти муосири тоҷик, шуруъ аз устод С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, ба М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, А. Қаҳҳорӣ, Ғ. Мирзо, А. Шукуҳӣ, М. Қаноат, Ғ. Сафарзода, М. Шералӣ, А. Сафар, Л. Шералӣ, Ҳ. Ғоиб, С. Ҳакимзода, Гулназар, Г. Сафӣ, Қ. Кином, С. Айюбӣ, Ҳ. Мурод, Ҳ. Шанбезода, К. Насрулло, Р. Назрӣ, С. Хатлонӣ, Ф. Хуҷандӣ, С. Аюбзодаи Маҳзун ва дигарон дучор мешавем, ки чаҳорпора дар осори онҳо мақоми назаррас дорад. Дар ин миён метавон аз чаҳорпораҳои Муҳаммад Ғоиб низ ном гирифт, ки дар маҷмуаҳои ашъори ӯ ҷойгаҳи хосса доранд. Хато нахоҳем кард, агар гӯем, ки шоирии Муҳаммад Ғоиб аз ин жанр ҳукми оғоз пайдо кардааст.

Агар дар робита ба мавзуъ, бо таваҷҷуҳ ба сароғози маҳорати эҷодии Муҳаммад Ғоиб дар ҷодаи адабиёт дарвоқеъ диққат дода бошем, маълум мешавад, ки ӯ дар иншои шеър, ки барои калонсолон шуруъ карда буд, нахуст бо сурудани шеъри чаҳорпора иқдом намуда, китоби “Роҳи деҳа”-и хешро, ки дар он замон бо шавқи тамом қобили қабули хонандагон гардида буд, ҳамчунин, баъдан маҷмуаҳои дигари ашъорашро ҳам, дар баробари анвои мухталифи шеърӣ бо чаҳорпораҳои ҷолиб оро бахшидааст.

Нахустин шеъри ин маҷмуа, яъне “Субҳи деҳа” дар қолаби чаҳорпора хеле моҳирона суруда шудааст. Барои мисол банди шеъри мазкурро, ки дар ҳама бандҳои дигари он бо назокати ҳамрангиву ҳамсадоӣ ва тобишҳои тасвирӣ ва мантиқӣ дар ифодаи ибораҳои “бархостан”-и “охирин пораи шаб”, “аз хами раҳ, чу оҳ” ва “рехтани нур, чун барчош, бар сари деҳа” дар иртибот қарор дорад, мисол меорем:

Охирин пораи шаби торик

Аз хами раҳ чу оҳ мехезад.

Ҳамчу барчош бар сари деҳа

Нур аз ҳар канор мерезад [2, с.5].

Ба ҳамин монанд, ба шаклҳои шеърӣ ва мазмуну муҳтавои чаҳорпораи ашъори Муҳаммад Ғоиб дар шеърҳои “ҳамқишлоқ”, “Меҳр”, “Ҳавас”, “Кӯҳистон”, “Асрори сангҳо”, “Кабкбозон”, “Хатти роҳ”, “Абр мегиряд...”, Баъди чанде сафар...”, “Ба модарам”, “Китоби даштҳо”, “Деҳқон”, “Ҳифзи нон”, “Ҳамдард”, “Эътиқод”, “Суруде хон!”, “Гаҳворасоз”, “Дарди тифлӣ”, “Шеъри ман”, “Эҳсос”, “Бори қисмат”, “Бруно”, “Мисраи гумкарда”, “Дарё”, “Рӯзҳои боронӣ”, “Баҳор”, “Шаби туй”, “Тарҳи рӯям шавад фаромӯшат!”, “Боғи шаҳр”, “Борон”, “Интизорӣ”, “Хоҳиш”, “Нома”, “Дидор”, “Пайванд”, “Афсунгар”, “Роҳи шинос”, “Ғуруб”, “Гуреза”, “Ба ёди ту”, “Ҳар чизе, ки дар ҷаҳон...” ва ба ин навъ дар китобҳои дигари минбаъда ба табъ расонидаи ӯ метавон фаровон дучор омад, ки ҳамаи банду басти онҳо пур аз тасвирҳои тоза ва афкори дилнишину ҷалбкунанда мебошанд.

Чаҳорпораҳои Муҳаммад Ғоиб дар саросари осори манзуми ӯ, умуман, аз се навъи қофиябандӣ иборат мебошанд:

- қофиябандии якҷонишиниён (абаб, вгвг):

Боз пурсида маро омадаанд аз раҳи дур,

Ғуссаву дард чу ёрони вафодори куҳан.

Ҳамчунон соҳиби кошона зи шодиву сурур

Ашки шодӣ бадар омад зи дари дидаи ман.

Омадам бар дари кошонаи ту бо дили пур,

Бо ҳамон дар, ки шиносанд ба шодиву ғамам.

Дар паси панҷараи равшанӣ чун сояи дур,

Лек симои туро дида, гиристам ба алам. [2, с.35];

- қофиябандиҳои маъмулӣ (ааба, ввгв):

Ҳамдилу ҳамнафаси қишлоқем,

Дар хаёлу ҳаваси қишлоқем.

Ошноем ба кишту ба дарав,

Ошиқи хору хаси қишлоқем.  [2, с.6];

- қофиябандиҳо бо навъи (абвб, гдед):

Бигзаранд аз миёни боғи шаҳр,

Ҷуфт-ҷуфт ошиқони хушиқбол.

Дар паси ҳар дарахт бӯсобӯс,

Бехи ҳар гулбун аст ҷои висол.  [2, с.29];

Ин навъи шеъри ӯ, ба хотири озодона ва сареҳу пурмаънӣ, ҳамчунин, пурратар ифода кардани мазмуну мундариҷаи мавзуъ ва ҷозибу дилнишину руҳнавоз суруда шудани он бештар эҳсос мегардад. Ба ин маънӣ, чунонки дар ашъори мухталифи шоир монанди рубоиву дубайтиву ғазал, то ба намунаҳои шеъри озодаш, ки бештар ба инъикоси  вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва ё лирикаи ошиқона, ки ҷиҳати ба зудӣ дар дили хонанда маъво пайдо кардани онҳо нигаронида шудаанд, шоир дар чаҳорпораҳои худ низ иқдомоти ҷиддие гирифтааст.

Тарзи корбурди ботаносуби лафзу маъниро дар ашъори чаҳорпораи шоир, ки дар китоби “Меҳри Ватан” ҷой дода шудаанд, метавон бештар дучор омад. Дар шеъри “Зиндагибахш”-и шоир, ки дар радифи он суруд низ сохта шудааст, муроҷиат дошта бошем, ки фармудааст:

Чашми бедори ту ҳастам кишварам,

Номбардори ту ҳастам, кишварам.

Умрҳо дар зери гардун сарбаланд,

Мисли кӯҳсори ту ҳастам, кишварам.

Дӯст дорам парчами боми туро,

Нури субҳу сояи шоми туро.

Аз миёни номҳои мулкҳо,

Дӯст дорам аз ҳама номи туро [14, с.15].

Дар ин шеър таваҷҷуҳи шоир бештар ба аҳамияти иҷтимоӣ ва мансубияти маънии он бо дарки ҳувийяти миллӣ, худшиносӣ ва ҳаёти ҷомеа равона шудааст. Дар ин чаҳорпора, ба услуби офариниши шоир шоистаи зикр аст, зеро тарзи ифода ва ҳунари баёни шоир, пеш аз ҳама, дар ин маврид корагару чорагар аст, ки шеърро дилнишину ҷаззоб мегардонад.

Ҳолати воқеии дигар он аст, ки шоир бо истифода аз санъати такрор ва қобили қабул овардани радифҳо на фақат барои ширингуворoии оҳангу ҳамнавоии мисраъҳо ва мусиқии шеър, ҳамчунин, барои дарку махсусият ва пуртаъсиру дилрас гардонидани маънову мазмуни он саъй кардааст. Барои мисол метавон чунин боровaрди маъниву мазмунро дар чаҳорпораҳои бо такрори радифи “Ватан аст”, дар шеърҳои “Мафҳум”, “Набарди меҳр”, “Сарнома”, “Мардумак”, “Сарҳисоб”, “Умедбахш”, “Баҳо” ва беш аз ин дар ашъори дигари ӯ дучор омад, ки ба унвони ашъори ватанпарваронаи ин шоир, пешкаши хонандагон гаштаанд. Дар шеъри “Баҳо” ин вижагиро метавон дучор шуд:

Он ҷо, ки сароб об тобад, Ватан аст!

Чун чашм агар ҳубоб тобад, Ватан аст!

Хуршед ба дидаи ғариб аст чу шамъ,

Шамъе, ки чу офтоб тобад, Ватан аст! [7, с.129]

Ин ҷо таносуби маънӣ дар мисраи аввал аст, ки бо нисбияти мазмун ва такрори ибораи радифшудаи “Ватан аст” ҳамбастагии маънавии тамоми шеърро таъмин кардааст ва ҳамин фикри маънисоз аст, ки бевосита аз ҳар ҷиҳат мисраъҳои баъдиро вобастаи мақсади шоир ба тариқи ҳамин радифи

батакроромада гардонида, фикри шоирро дар сурати як шеъри асил шакл додааст.

Мавриди тазаккур аст, ки Муҳаммад Ғоиб дар баробари гуфтани ашъори суннатӣ, аз қабили рубоиву ғазалу дубайтӣ ва ё маснавипораҳои кӯтоҳ, ки дар сартосари осораш ба чашм мехӯранд, бештар дар сурудани навъи чаҳорпора муваффаку комёб аст ва ҳам гуфтан ҷоиз аст, ки чаҳорпораҳои ин шоир чун анвои дигари ашъораш ба таҳқиқи бештар аз ҷониби аҳли назар ниёз доранд.

Тафовути вижа аз муосирин ин аст, ки шоир табиатро бо истифода аз воқеият тасвир намуда, зимни тараннуми он монандиҳои ғайритабиирo ҷустуҷӯ намекунад. Диданиҳои фаросӯйӣ дар эҷоди Муҳаммад Ғоиб нестанд ё худ кам мушоҳида мешаванд ва омили комёбиҳои ӯ низ дар ҳақиқатнигориҳо буда, ба дилхоҳ навъи шеъри ӯ умри дубора бахшидаанд. Кӯшиши ба касе монанд шудан аз нигоҳи шоир марг аст ва ҳатто ин маониро метавон дар шеъри “Марги саг” бозҷӯ намуд, ки ҳадаф аз эҷоди он тавассути ҷонкоҳии чаҳорпое ошкор сохтани ҳақиқати башар маҳсуб мешавад. Ҳамчунин, агар баъзан монандиҳо ба тарзи андешарониҳои бархе аз нозимон чун Иқболи Лоҳурӣ мушоҳида шавад ҳам, Муҳаммад Ғоиб зимни тасвири дилхоҳ воқеият алайҳи Муҳаммад Иқбол ҷилва намуда, дар ягона таблиғе, ки таҳия сохтааст, ба Ватан қаноат мекунад ва дар осори ӯ эҳсоси манфиатҷӯйӣ ба кулли ҳаммеҳанон ихтисос пайдо кардааст. Бинобар ин, Муҳаммад Ғоиб зидди қолабнигорӣ ва мутлақбаёнӣ буда, ширинии гуфторро дар тасвирҳои воқеӣ дидааст.

## 2.5. Шеъри озод

Новобаста ба фаровонии қолабҳои суннатии шеър, бархе аз адабиётшиносон, ҳамчунин, иддае аз шуаро барои баёни фикр ва нигориши тасвирҳои зебо дар шеър, бо истинод ба ақидаи хеш, истифода аз қолабҳои арӯзи озод, яъне мавзунӣ дар шеъри озод, ё ба қавли дигар шеъри “сафед”,

“шикаста” ва ё “нимоӣ”-ро барои инъикоси андешаву назари хосси иҷтимоиву сиёсӣ ва лирикаи ошиқона барҷову муносиб дарёфтаанд ва бо ин роҳ мехоҳанд, худро ҳам ба навгароӣ шуҳратёр гардонанд ва ҳам нишон диҳанд, ки қолаби шеъри озод барои гунҷонидани тасвир ва рӯнамоии образҳои тасвирии ба мазмуну муҳтаво ҷолиб созгортар аст.

Дар солҳои шастуми асри гузашта шакли дигари шеъри сафед ва шеъри озод аввал дар эҷодиёти шоирон Муъмин Қаноат ва баъдтар дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Бозор Собир ва шоирони дигар истифода шуд.

Чунин андеша низ ҳаст, ки шеъри нави тоҷик аз адабиёти мосири Эрон таъсир гирифтааст ва дар ин маврид Асозода Х. тазаккур медиҳад, ки: “ Агар (шеъри нав) дар муҳити фарҳангии Эрону Афғонистон дар даҳ соли аввали асри XX мавҷудият дошта бошад, дар адабиёти форсии тоҷикӣ,дертар, яъне солҳои 60-ум арзи вуҷуд намудааст” [60,с.132].

Шеъри озоди муосири тоҷик дорои вазни арӯзи озод аст, ки дар асоси баъзе қонуниятҳои арӯзи анъанавӣ сохта шуда, барои табиӣ садо додани шеър хидмат мекунад.

Умар Сафар дар мавриди “шеъри нав” ё шеъри озод таъкид мекунад, ки “...омӯзишу таҳқиқи ҳар як ҷараёни тозаи адабӣ дар сурате мукаммал мегардад, ки агар осору навиштаҳои намояндагони маъруфи ин ҷараён ба таври алоҳида омӯхта шаванд” [129, с.3].

Дар шеъри озод аксаран, қофияи мисраъҳо ба тасвири хаттӣ вобаста нест, яъне аз рӯйи хат ба охир расидани мисраъ аломати бо қофия тамом шудани он набуда, мисраъҳо бештар, ҳамин ки аз ҷиҳати маънӣ тамомият ёфтанд, қофия баста мешаванд. Вале баъзан, барои обутоб додани сухан, барои таъсири ҳиссиву ҳаяҷонии шеър, мисраъҳо паиҳам бо қофия меоянд.

Дар мавриди шеъри озод адабиётшинос Хуршеда Отахонова навишта буд: “Онҳо мисраъҳоро мешикананд, дар дохили ҳар як баҳр рукнҳоро каму зиёд мекунанд ва ё дар як шеър чанд баҳри гуногуни ба ҳам наздикро истифода

мебаранд. Аз ин ҷиҳат, онҳо ҳамон кореро, ки устод Айнӣ бо “Марши ҳуррият” сар карда буд, давом дода истодаанд [104, 135].

Бо таваҷҷуҳ бар ин ақида, бояд қайд кард, ки зуҳуроти ашъори чи сиёсиву иҷтимоӣ ва чи лирикии ошиқона, ки хоҳ ба услуби озодбаёнӣ дар шеъри сафед болои кор омада бошанд, хоҳ дар қолабҳои суннатӣ, дар ҳар сурат пайвандгари услубу асолати маънавӣ ва ҳамчунин, таҷассуми мазмуни шеър ба шумор меравaнд.

Дар баробари чунин ақида мо ҳамчунон ба шеъри бо ном “озод”-и Муҳаммад Ғоиб, ки аслан, дар эҷодиёти ӯ камшуморанд, таваҷҷуҳ зоҳир намудем, ки метавонем, аз намунаи ин навъ дар эҷодиёти ӯ ин ҷо далелҳо дошта бошем. Чунончи, худи шоир дар шеъри “Сару савдо”, ки иборат аз як байти қофиядор ва саропо мазмуну маънӣ, аммо мармуз ва муаммост, бо ёдоварӣ аз шеъри сафед қайд кардааст:

Марде ба алам шеъри сафедаш гӯяд,

Бо рег занаш деги сияҳ мешӯяд [30, с.531].

Бо таваҷҷуҳ бар ин метавон қайд кард, ки шоир дар гуфтани шеъри озод хеле моҳирона икдом кардааст ва бо ин ки кам гуфтааст, хеле аз хеш дар гуфтани ин навъи шеър соҳибназариву соҳибхабарӣ нишон додааст. Барои тақвияти фикр дар сурати рӯнамоии тасвир дар шеъри озод, Муҳаммад Ғоиб дар гуфтани нахустин шеърҳои сафеди хеш саъй кардааст, ки бо истифода аз санъатҳои бадеии рамзу ташбеҳ ва қиёс, шево ва суварбор намудани аҷзои шеъри иншонамудаашро тасвирбор нишон диҳад:

Дар ниҳоди ман нишони кину найранге набуд,

Дар хаёлу нийяти ман мақсади ҷанге набуд...

Лек, ҳайфо,

Зумраи дунёпарасте ҳосили ранҷи маро

Сарфи доро гаштани худ кардаанд,

Сарфи давлатманди дунё гаштани худ кардаанд [14, с. 20].

Аз нахустин падидаҳои шеъри сафедаш, ҳанӯз дар китоби “Роҳи деҳа”-аш дар аввали солҳои 80-уми асри гузашта дарҷ намудааст, маълум мегардад, ки мехоҳад, ин навъи шеъраш аз лиҳози бадеият ва лафзу маънӣ бештар рангину шево бошад. Дар шеъри “Дар хаёли рӯзгорон”, ки ифодакунандаи лаҳазоти ширини тахайюлии шоир бар таъбири хоби ӯ будааст, метавонем ба чунин манзараи эҳсосотӣ ва бархостаи хаёлу назари шоир аз мушоҳидаҳое ор шуд, ки хеле марғубу андешаофар мебошад:

Хоб дидам, хонае бунёд кардам,
Хотири озурдаеро шод кардам.
Бар каси бечорае имдод кардам...
На!
Надорам бовар асло бо чунин таъбирҳо!
То тавонам, умри худро сарфи ҳамдардии ёрон мекунам,
Ман на танҳо вақти бедории хеш,
Балки вақти хоб ҳам фикру хаёли рӯзгорон мекунам [7, с.16].

Ин маънӣ ва мазмунро, бо ҳамон таровату тобишҳои маънавӣ метавонем дар нахустин шеъри озоди шоир, ки дар китоби мазкур бо номи “Эйнштейн” ба табъ расидааст, пайдо кард:

Ман, чу донистам, ки ин тоифа рӯзе, ногаҳон,
Бар сари инсон ҷафо меоваранд,
Худ ба худ гуфтам:
-Чаро ман омадам бар ин ҷаҳон?
Кош мемурдам, намедидам ба чашми хеш марги одамон!
Дар Хиросима  чу бори аввалин
Он даме ки бомба таркид,
Панҷаи дарду ғам он гаҳ аз гулуи ман гирифт,
Бо ҳамин дард аз ҷаҳон бигзаштаам  [14, с.20].

Муҳаммад Ғоиб шоири тараннумгари ишқу зебоӣ, сулҳофариву ваҳдатгароӣ ва ватанпарвариву ормонҳои миллист ва шоирест, ки дар ҳоли

қабул доштани навъи шеъри озод назари хешро дорад ва ҳам, шояд сурудани шеъри “сафед” ва ё “озод”-ро барои гунҷо додани маъниву мазмуни бавусъат мехоҳад таҷриба карда бошад. Чунончи, намунаи онро дар пораи “Шеъри сафед” мехонем:

То ба ҷо бошад сутуни сулҳ дар рӯйи замин,
Нашканад андар фазо то болҳои оҳанин,
Мисраҳоро шоирон бишкастаанд,
Байтҳое бо радифи чархи гардон бастаанд,
Байтҳое бар радифи шеъри кайҳон бастаанд.
Мисраҳое, ки дарозу кӯтаҳанд,
Рамзи наздикиву дурии раҳанд.
Шоирон дилогаҳанд.
Аср дигар, шоирон дигар шуданд,
Бар ҷаҳони шоирӣ ҳам инқилоб овардаанд,
Шеърро озод мисли зиндагонӣ кардаанд,
Шеърро  шеъри замонӣ кардаанд [7, с.24].

Муҳаммад Ғоиб дар маҷмуаи “Роҳи деҳа” ду шеъри дигареро низ дар вазни озод бо номҳои “Хаёл” ва “Данғара” дар силсилаашъори унвонии “Бунёдкорон” бахшида ба заҳмати коргарони нақбсози Данғара ҷой додааст, ки аз нигоҳи услуб ва шаклу мазмун хеле бо маҳорати баланди шоирона эҷод шудаанд.

Шеърҳои озоди шоир чун  намунаи дигари ашъораш дар мавзуъҳои гуногун мазмунҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва самимияти ошиқонаву саршор аз сифатҳои зебоишинохтии табиату диёр ва ғайра мавриди тасвиру танзим қарор гирифтаанд. Ба ин монанд, метавонем дар шеъри “Абрҳо” ифодаҳои зебошинохтии шоирро ба як навъ ҳамнавоиву ҳамвазнӣ ва ҳам дар шикасти мисраъҳо бо дарозиву кӯтоҳӣ, чун намунаи мушоҳидакории ӯ дарёбем. Дар мисоли:

Пуштаҳои абрҳои осмон
Киштзоронро ба хотир оваранд.
Қатраҳои резаборон, гӯиё
Донаҳои хӯшаҳои пурбаранд.
Он ҳама ранге, ки доранд абрҳо,
Хокро бар ёд оранд абрҳо.
Дар хаёлам қитъаи гумноми хоканд,
Тифлаки нокоми хоканд.
Аз замин, то дур афтоданд, чун бечораанд,
Ҳамчу мардоне, ки рафтанд аз Ватан,
Кӯ ба кӯву дар ба дар овораанд.
Аз ҷудоӣ ашкрезон мешаванд,
Аз ғаму дарди замин ҳар гоҳ гирён мешаванд,
Резаборон мешаванд! [14, с.80]

Чунин шакли тасвирофариҳо дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб, бавижа дар шеъри озоди ӯ, ба ҳар рангу намо ҷилвагарӣ кардаанд, дар он навъи шеър тамоми гардишҳои маънавӣ ва тасвирии ӯ ҷолиб ва ба фасоҳати дигар болои кор омадаанд. Ба навъе ки далолатгари услуби ин шоир бошанд, чунин шакл додани маъниву мазмунро дар обуранг додани мавзуъ равшан мебинем. Чунончи, дар шеъри "Ишқ" мефармояд:

Ишқ гуфтам,
Монд пушти абрҳо хуршеди ман,
Қатраҳои поки шабнам
Монд ҳамчун обила рӯйи гули уммеди ман.
Ишқ гуфтам,
Даст кардам синаи садпораам,
Бар кафам чизе наомад, ҷуз дили садпораам! [30, с.123]

Ва ё дар шеъри "Занҷир" тасвири зебое меофарад, ки ҳар мисраъ ва байти он манзараи ҷолиберо дар хотироти хонанда рӯнамо мегардонад. Чунонки

арзи “занҷир”-ро бо нишон додани ҳар ҳалқаи пайванди он дар мақтаъ бо каломи “ҳама тан дидааму дидаи бе мардумакам” ба забон меорад ва бо ҳасрат мегӯяд:

Даст бар ман марасонед, ки ман
Дасту пойи чи қадар ҳақталабонро бастам.
Балки аз гуфтани ҳақ роҳи забонро бастам.
Даст бар ман марасонед, ки аз дасти фиреб
Ҷабр бар бегунаҳе карда, гунаҳгор шудам.
Ба ғаму нола гирифтор шудам! [30, с.256]

Ба ин монанд метавон ба шеърҳои дар шакли озод сурудаи шоир дар маҷмуаҳои баъдиаш низ дучор омад, ки агарчи дар теъдод камшуморанд, аммо пуробу ранг ва тасвирборанд. Шеърҳои дар шакли озод сурудаи шоир, “Ёдбуди деҳқон”, “Бегуноҳӣ” “Оворагард”, “Неруи меҳр”, “Бӯи табассум” аз ҷумлаи ҳамин гуна ашъоранд, ки дар онҳо нақши тасвир ва корбурди ҳунармандонаи орояҳои калом барҷаста аст.

Дар хулосаи ин фасл зикри ин нукта низ мусаллам аст, ки Муҳаммад Ғоиб шоири пухтакор аст ва бо доштани салиқаи баланди шоирӣ метавонад, кори тасвир ва бори маъниро дар ҳамаи навъҳои шеърӣ аз ҷумлаи жанрҳои ғайри суннатии чаҳорпора бо маҳорати нотакрор мавриди истифода қарор диҳад. Аслан ҳангоми таҳқиқ ба ҳар жанре, ки рӯ ба рӯ гардидем маҳорати ҳунару истеъдоди беҳтареро дарёфтем, ки воҷеан ва бемуҳобот қобили пазириш аст.

## 2.6. Мавқеи шеъри бачагона дар эҷодиёти шоир

Муҳаммад Ғоиб нахустин иқдомот дар кори эҷодии хешро бо навиштани ашъори рангине барои кӯдакону наврасон оғоз намуда, комёбии ӯ низ дар ин самт, дар радифи гӯяндагони дигар шеър барои бачагон бо ашъори

пурмуҳтаво ва гуногунпаҳлу, ҳамчунин, созгор ба руҳия ва завқи хонандагони наврас бештар ба назар расидааст.

Бархе аз ин ашъор, агар дар шакли маҷмуа ё китобҳои алоҳида ба нашр расида бошанд, намунаи бештари онҳоро ҳамчунон метавон дар сурати силсилаҳо дар китобҳои дигар, аз ҷумла дар "Девон" ва дар шакли комил, дар китоби тозанашри ӯ бо номи "Афсонаи нав", ки соли 2024 аз ҷониби нашрияи "Ирфон" ба табъ расидааст, дастрас намуд.

Нахустин маҷмуаи ашъори бачагонаи Муҳаммад Ғоиб дар китоби "Турнаҳо" соли 1980 дар нашриёти "Маориф" ба табъ расидааст ва мураттиби он Убайд Раҷаб мебошад [1].

Худи шоир низ бо арзи эҳтиром аз икроми ин устоди шеъри бачагона дар пешсухани "Девон"-аш, дар мақолаи унвонии "Тарҳи роҳ" ёдовар шуда, қайд кардааст, ки "Турнаҳо" – аввалин нишонаи (шоирии Ш.Р.) маро, аввалин мурғакони баҳори пур аз умеду афсонаи маро осонкунандаи мушкил, шоири дарёдил, равонаш шод бод, устод Убайд Раҷаб ба чоп тайёр карда буданд" [30, с. 9].

Баъдан, ҳаводорони шеъри кӯдаконааш китобҳои дигари ӯро бо номҳои "Пойгаҳ" ва "Роҳи Каҳкашон" истиқбол намуданд. Дар ин радиф, ҳамчунин, маҷмуаи нави ӯ бо номи "Тути Дара" ба табъ расид ва бояд таъкид кард, ки намунаи чунин ашъори балеғи бачагонаро дар китоби "Баҳои ҷон" дар шакли силсила ё гулчин зери унвони "Олами кӯдакон" метавон дучор омад, ки гунаи ин ашъор дар китобҳои пешинаш низ силсилабандӣ гардида, дар нашрҳои баъдӣ бо таҳриру иловаҳои тоза ба нашр расонидааст.

Ба ин далел, бо таваҷҷуҳ бар мазмуну мундариҷа ва муҳтаво, инчунин салосату шевоии забони шеъри бачагонаи ӯ метавон ба хулосае расид, ки шоир тамоми ашъори аввалин ва минбаъдаи бачагонаашро ба фарогирӣ дар китоби "Афсонаи нав" мураттаб намудааст. Ва чунонки қайд кардем, дар пешсухани "Девон"-аш, ба ёд овардааст, ки "Турнаҳо"-и аввалинамро ҳамчун оғози парвози бобарор дар фазои эҷод медонам..." [30,с.9] ва онро бо ҳамон шеъри

машҳури бо ном “Меҳмон” оғоз бахшидааст ва ин шеърро қариб дар ҳама силсилаҳои минбаъдаи ашъори нашрнамудаи бачагонааш кӯч дода, ҳамаи силсила ва маҷмуаҳои минбаъдаи ашъори бачагонаашро бо ҳамин шеър оғоз бахшидааст, ки ин аст:

Ба хона доя омад,
Зани ҳамсоя омад.
Як деҳа бохабар шуд,
Муборакбодӣ сар шуд.
Хурду калон омаданд,
Пеши меҳмон омаданд,
Меҳмон дар гаҳвора буд,
Ба гиря овора буд [1, с.4].

Пас аз таҳрир ва таҳлилҳо, дар китоби “Афсонаи нав” ба ин шеър як байти нав илова карда, шоир онро бо ҳам комил гардондааст:

Қанду мавиз оварданд,
Ҳар гуна чиз оварданд [40, с.3].

Абдулқодири Раҳим бобати шеърҳои кӯдаконаи шоир чунин зикр мекунад: “Дунёи зебои кӯдаконро хуб медонад, ба онҳо эҳтироми махсус қоил мешавад. Забони шеърҳояш равон, фаҳмо ва дилрасанд. Андешаву тасвирҳояш офаридаҳояшро чунон зебову таҳрикдиҳанда мегардонанд, ки бо як хондан на танҳо писанд меафтанд, балки зуд аз ёд мешаванд” [165].

Ашъори барои бачагону наврасон таълифнамудаи Муҳаммад Ғоиб, ки дар маҷмуъ, ҷавобгӯйи хислату табиат ва падидаҳои равонии атфол мебошанд, аз ҷиҳати интихоби мавзуъ, устухонбандӣ, сохтор ва гуногунмавзуӣ ва ҷанбаҳои фикриву фитрӣ ба завқи дунёнигарӣ ва шинохти олами кӯдакон мутобиқати қавӣ дошта, мувофиқи мақсад, орзуву омол, ҷаҳоннигарӣ ва қабули табъи хонандаи хурдсол эҷод гардидаанд.

Муҳаммад Ғоиб дар ҳоли иншои шеъри кӯдакон, пеш аз ҳама худро дар олами кӯдакон мебинад ва бо олами ботиниву зоҳирӣ, ҳамчунин, бо табиати хулқу атвори кӯдакон меомезад ва тамоми назокати дунёи тифлону наврасонро дар мушоҳидаҳояш мувофиқ меёбад ва тарзи баёнашро бо алфози кӯдакон мувофиқ ва мутобиқ месозад, то ки шеъраш бо як хондан зеҳнгир бошад. Барои мисол дар шеъри "Кӣ хоҳару кӣ додар?", ки бо суолгузории қолиби кӯдакона анҷом мепазирад, ҳамин хусусият ба мушоҳида мерасад:

Болишти лӯла дорад,

Назди ҷевон гузорад.

Ба рӯи он бароял,

Шоду хандон бароял.

Баланду пасташ кунад,

Дароз дасташ кунад.

Қанду набот гирад,

Бе мушкилот гирад [42, с.341].

Яъне, тибқи тасаввуру тафаккури шоир дар зеҳни кӯдак ҳукумат доштани андешаҳои бузургсолон минбаъд дар густариши фикри инфиродии онҳо таъсири манфӣ мегузорад. Бинобар ин, шоир ҳар гуна таҳмили фикриро ба кӯдак қобили қабул намебинад ва хурдсолонро чун калонсолон нигариста, барояшон ибтикору ҳаҳди вижаро иқрор мекунад.

Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки дар олами рангини кӯдакон худро ғарқи хаёлоти кӯдакӣ дигаргуна ва ҳамсони кӯдакон мебинад. Кунҷкобиву нозукназарии кӯдаконро бо эҳсосоти кӯдакона ба мушоҳида мегирад ва бо ҳамон ҳиссиёт аз мушоҳидаҳояш шеър меофарад, ки дар дили хонандаи хурд роҳ меёбад ва бо шевогии хос вирди забонҳо мегардад. Шеъри "Савора" бо чунин нозукназарӣ бо назокати хос тасвир ёфтааст:

Гашта дар гирди сарам,

Ёфта раҳ додарам.

Мекашад аз доманам,

Нишинад бар гарданам.

Гӯяд: -Аз ту баландам!

Чу-чу, аспи самандам! [42, с.342]

Осори бачагонаи шоир дар маҷмуаҳои “Турнаҳо” ( 62 шеър), “Баҳои ҷон” (13 шеър), “Девон” (46 шеър), “Афсонаи нав” (166 шеър) ва “Пойгаҳ” (38 шеър) гирд оварда шудаанд. Дар вақти муқоиса намудан дар мисраъҳои алоҳидаи баъзе шеъри бачагона дигаргунӣ маълум гардид, ки бо мурури замон ва чопи такрорӣ дар маҷмуаҳои оянда ин шеърҳо тағйир ёфтаанд.

Ҷадвали №4. – Тағйирёбии калима ва ё ибораҳо дар шеърҳои бачагона

| “Девон” | Маҷмуаҳои “Пойгаҳ” ва “Турнаҳо” |
|---|---|
| “Ҳавопаймо”<br>Камтари дигар давам,<br>Аз замин боло шавам.<br>Якбора бигзарам ман<br>Аз байни **абру туман**. (с.789) | Ҳавопаймо”<br>Камтари дигар давам,<br>Аз замин боло шавам.<br>Якбора бигзарам ман<br>Аз байни **абр фавран. (с.3)** |
| “Қаламча”<br>Ду анору як себак,<br>Ҳар кадоме базебак.<br>**Се ниҳоли бар ба** бар,<br>Дидаҳо чун барги тар. (с.785) | “Қаламча”<br>Ду анору як себак,<br>Ҳар кадоме базебак.<br>**Чун гул нишон пеши** бар,<br>Дидаҳо чун барги тар.**(с.5)** |
| “Бодом”<br>Сап - сафед аст он аз дур,<br>Чун риши **бобои Нур.** (с.787) | “Бодом”<br>Сап - сафед аст он аз дур,<br>Чун риши **бобо банур.(с.10)** |
| “Абрҳо”<br>**Хоки худро бехтанд,**<br>**Борон шуда рехтанд.** (с.792) | “Абрҳо”<br>**Ҳарду гирёну нолон**<br>**Афтоданд аз осмон.** (с.27) |
| Барчош<br>Ба яке **қоқи мурут,**<br>Ба яке мерасад қанд. (с.783) | Барчош<br>Ба яке **мавизи тут,**<br>Ба яке мерасад қанд. (с.5) |

Муҳаммад Ғоиб ҷаҳони кӯдаконро бо падидаҳои табиат ва олами асрори парандагону ҷонварон, унсурҳои олами мавҷуд, раъду барқу борон, дидани шукуфтани гулҳо ва рӯйидани сабзаҳо, расидани фаслҳо ва бороварди рӯзҳову ҳафтаҳо дар робита меёбад ва ба ин монанд ҳама ҳастиро ба мушоҳида мегирад ва аз ин пешомадҳо мавзуъ месозад ва мазмун меофарад. Вижагии хос ба кӯдак

ин аст, ки онҳо мисли калонсолон барои ҷомеа зиёновар нестанд ва шояд аз ҳамин хотир аст, ки шоир онҳоро ба парандагону махлуқоти дигари маҳрум аз фасоди иҷтимоӣ шабеҳ медонад.

Мисоли равшани чунин тасвирсозӣ ва бо каломи равшан офаридани шеъри кӯдаконро дар гунаи ашъори бачагонаи ӯ ба ҳар навъ метавон дучор омад. Дар шеъру қиссаҳои "Туман", "Шамол", "Борон", "Абрҳо", "Маҳтобшаб" ва ғайра, агар аз боровардҳои табиат ҳарф мезанад, аммо дар шеърҳои тамсилии "Парасту", "Мусича", "Мушаки зирак", "Калбуз", "Сагча", "Гурба ва саг", "Хорпуштак", "Чилпо", "Калтакалос" ва ё афсонаҳое чун "Рӯбоҳ чаро бадном шуд?", "Харгӯш", "Чаро муш ба тӯй нарафт?" ва монанди инҳо аз забони ҳайвонот роз мегӯяд ва таваҷҷуҳи кӯдаконро ба олами рангин ва пурғановати вуҳуш ҷалб менамояд, ки албатта, нишонаи ҳунари волои шоирии ӯ мебошанд.

Дар ин ҳол, метавон гуфт, ки шоир ҳам афсона мебофад ва ҳам хотираҳояшро пеши назари хонанда ба тариқи ёддошти кӯтоҳ қисса мекунад. Барои намуна чунин манзараро метавон дар шеъри "Хорпуштак" ёдовар шуд, ки мегӯяд:

Ба сари палак рафтам,
Ба назди амак рафтам.
Хорпуштаке бидидам,
Валекин натарсидам.
Ногоҳ ӯ ҳам маро дид,
Бечора, андак тарсид.
Наҷунбида, лунда шуд,
Дар ҷо мисли кунда шуд.
Ман озораш надодам,
Дуртар рафта истодам.
Баъд ӯ ҳар сӯ назар кард,
Магар аз ман ҳазар кард?!

Оҳиста аз палак рафт,

Нахӯрда ҳандалак рафт [40, с.51].

Маврид ба зикр аст, ки Муҳаммад Ғоиб шоири ҳассос ва мушоҳидакори нуктасанҷест, ки ҳар шеъри ба ҷаҳони ботиниву зоҳирии бачагон бахшидааш мутобиқ ба салиқа, истеъдод ва ҳунари баланди шоирӣ ва масъулияти суханварии ӯ ба тасвир омада, аз ҳар ҷиҳат дорои хусусиятҳои таълимӣ ва тарбиявии хос мебошанд.

Дар хулосаи ин фасли "Мавқеи шеъри бачагона дар эҷодиёти шоир" метавон гуфт, ки кори тасвир дар шеъри бачагонаи шоир шоистаи дастовардҳои адабию бадеӣ аст, зеро дар сурудани чунин ашъор ӯ дар баробари шоирони дигари ҳамқаламаш ва ҳатто бештар муваффақу комёб гардидааст. Шоир дар хотираҳои худ борҳо таъкид кардааст, ки эҷоди шеъри бачагона нисбат ба эҷоди шеър бари калонсолон душвортар аст, бо вуҷуди ин Муҳаммад Ғоиб дар иншои шеъру, қисса ва муаммою чистонҳо барои бачагон муваффақ гардидааст. Дар шеърҳои шоир андешаву тахаюл ва эҳсос баробар зуҳур мекунад. Дар ин урат наметавонад ҳеҷ кас онҳоро бе хушҳолӣ напазирад ва ба хондани асарҳои дигараш рағбат пайдо накунад.

# БОБИ III. ҶАНБАҲОИ АДАБӢ ВА ҲУНАРИИ АШЪОРИ МУҲАММАД ҒОИБ

## 3.1. Корбурди ороя҄ҳои адабӣ дар ашъори шоир

Дар коргоҳи адабиёт, ҳам дар офаридани назм ва ҳам наср, барои шахси эҷодкор, пеш аз ҳама, ҷиҳати пурра ва расо кардани мазмуну мундариҷа ва ғояи мавзуъ дар осори асил ва бахусус, офаридани тасвир ва маънии ба мантиқ созгору ҷолиб, ки ғанобахши асар ба шумор меравад, тарзи истифода аз санъатҳои бадеӣ зарурӣ ва ҳатмӣ ба шумор меравад. Бояд мутазаккир шуд, ки санъатҳои бадеӣ он калимаю ибора ва ё тарзи баёне мебошад, ки барои дар шакли нав гуфтани матлабе истифода шудаанд. Санъатҳои бадеӣ дар ҳар як забон ҳастанд ва барои ифодаи бадеии матлаб хидмат мекунанд.

Дар адабиёти хаттиву даҳонии халқи тоҷик шумораи хеле зиёди санъатҳои бадеӣ мавҷуд аст ва диққати адабиётшиносони моро хеле барвақт ҷалб карда буданд. Санъатҳои бадеӣ, аз муҳимтарин муайянкунандаи шаклу маънӣ дар мавзуъ ба шумор рафта, дар тасвири калом ва маънирас гардонидани сухани шахси маъниофар нақши зиёд дошта, бо ёрии онҳо шоир ва ҳар чеҳраи эҷодкор фикр, ғояву мақсад ва мазмунеро дар офаридаи хеш метавонад бар шакли муъҷазу таъсирбахш ифода намояд.

Санъатҳои бадеӣ воситаи муҳимми оробахш ва тасвирсози маънӣ дар сухан ба кор рафта, дар адабиёти форсу тоҷик ҳамчун унсури сохти нисбатан, устувори анъанавӣ барои офариниши осори манзум ва мансури бадеӣ аҳамияти бузург доранд. Аз ин ҷост, ки санъатҳои бадеиро дар адабиётшиносии гузашта ба сифати мушаххаси онҳо муаррифӣ карда,

истифодаи онҳоро дар ҷузъҳои сегонагии илми балоғат, яъне маонӣ, баён ва бадеъ далели расоии мантиқ ва мазмун арзёбӣ кардаанд.

Дар робита ба навъҳои санъатҳои бадеӣ дар адабиёти классикӣ ва ҳам муосири тоҷик осори чашмгири таҳқиқӣ ва таҳлилие таълиф гардидаанд, ки ҳар кадом дар шинохту муаррифии ин рукни муҳимми адаб дорои аҳамиятанд. Чунончи, дар ин маврид метавон "Тарҷумон-ул-балоғат"-и Родуёнӣ, "Ҳадоиқ-ус-сеҳр"-и Рашиди Ватвот, "Ал-Муъҷам"-и Шамси Қайси Розӣ, "Бадоеъ-ул-саноеъ"-и Атоуллоҳи Ҳусайнӣ, "Эҷози Хусравӣ"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, "Бадоеъ-ул-афкор фи саноеъ-ил-ашъор"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, "Маҷмаъ-ус-саноеъ"-и Сиддиқӣ, "Санъати сухан"-и Турақул Зеҳнӣ, "Арузи тоҷикӣ"-и Баҳром Сирус, "Фарҳанги истилоҳоти арузи Аҷам"-и Урватуллоҳи Тоир ва монанди инҳоро зикр кард, ки аз зумраи маъруфтарин осори тахассусӣ дар адабиётшиносии классикӣ ва муосири тоҷик маҳсуб мешаванд.

Шамсулҳақи Ориён зимни ҷустуҷӯи таркибҳо аз шеъри Муҳаммад Ғоиб чанд нуктаро зикр намуда, аз ашъораш байтҳои зеринро овардааст:

"Шоирон ва нависандагон нақши азимеро дар ғанобахшӣ ва тавсеаи вожагониву таркибсозии забон ба дӯш доранд. Ин шоир аст, ки бо истифода аз шигардҳои забон ва тавоноиҳои адабии хеш, таркибҳои наверо вориди забон мекунад. Таркибсозию навоварӣ кори шоирони сутург аст. Шоирони радаҳои поёнӣ ҷуз такрори мафоҳим ва таркибҳои гуфташуда коре намекунанд. Дар шеъри Муҳаммад Ғоиб таркибҳои наверо дучор мешавем, ки баёнгари тавоноиҳои адабӣ ва шоиронаи ӯст" [105, с.47-55].

**Хуфтабахти** оламем, аз **ғафлатободем** мо,

**Зиндамаргони** ҷаҳони **умрбарбодем** мо.

Ва ё:

Синаи чоки ҳадафро тир донад роҳи бурд,

**Додхоҳони** хамӯши даври бедодем мо" [105, с.47-55].

Аҳли адаб, бахусус адабиётшиносон, бештар ба се шохаи санъатҳои бадеӣ таваҷҷуҳ карда, ба маънавият, лафз ва муштаракоти онҳо, ки дар лафзу

маънӣ инъикоси бештар ёфтааст, ба ташбеҳу истиора, киnoяву маҷоз, ташхису муболиға, талмеҳу рамз, лутфу тазоду муқобала ва ғайра такя намуда, мураддафиву мувозанат ва мусаҷҷаоти онҳоро дар муштаракоти сифатии бадеият нишон дода, дар таҷнису муроoти назири онҳо барои таъкид ва рӯнамоии мақсади офарандаи асар ё тасвир дар асари бадеӣ ба кор мебаранд.

Бадриддин Мақсудов нисбат ба санъатҳои бадеӣ чунин андеша дорад: “Санъат намаки калом аст, вале санъат бояд сода, равон, фаҳмо, бетакаллуф ва аз ғайри ирода ба зуҳур ояд” [89, с.11].

Дар миёни аҳли адаби тоҷик, бавижа адибони муосир, метавон ба ашъори ғиноӣ ва шеъри суннативу навгароёнаи Муҳаммад Ғоиб аз назари таҳқиқӣ ва таҳлилӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуд ва ин бар он далел аст, ки шоир дар корбурди санъатҳои бадеӣ ҳунари шоиставу воло дорад.

Бояд зикр кард, ки Муҳаммад Ғоиб бо истифода аз санъатҳои бадеӣ барои ҷаззобу хотирмон намудани шеърҳои худ кушиши зиёд ба харҷ додааст, аз онҳо ҳамчун воситаи ифодаи дорои маънии амиқ ва шакл додани маъно, ҷиҳати дар айни замон мухайялу зебо рӯйи кор овардани тафаккури эҷодии шоирона муваффақу комёб гардидааст. Мувофиқи мақсад ва хеле назаррас истифода кардани санъатҳои бадеӣ асоси шеъри ин шоирро ташаккул додаанд, зеро дар ашъори шоир қариб ҳамаи санъатҳои маъруфи бадеӣ, ба мисли ташбеҳ, истиора, талмеҳ, киноя, тазод, муқобала, иғроқ, ирсоли масал ва ғайра бамавриду фаровон истифода шудаанд.

Маълум аст, ки ташбеҳ калимаи арабӣ буда, маънояш монанд кардан мебошад. Ҳар як эҷодкор барои равшантар тасвир кардани чизе баъзан онро ба ягон чизи дигар ташбеҳ мекунад. Вале дар миёни монандшаванда ва монандкунанда аз рӯйи сифат, хусусият, кирдору атвор бояд як навъ монандӣ мавҷуд бошад. Ташбеҳ дар роҳи барҷаста, равшан ва зебо ифода намудан хидмат мекунад. Саид Нафисӣ роҷеъ ба ташбеҳ андешаи ҷолибе дорад: “Бузургтарин маҳорати ҳар шоире дар ташбеҳот аст. Шеъри беташбеҳ чун ҳусни ноороста ва чун гули нопероста аст. Шоири бузург он аст, ки мушаббаҳи

худро ба чизе ташбеҳ кунад, ки дар ҳама ҷо ва ҳар замон битвонад ёфт ва ҳар кас лутф ва шевоии онро дарёбад” [122, с.444].

Дар ашъори Муҳаммад Ғоиб санъати ташбеҳ нақши назаррас дорад. Ин орояи адабиро ҳам дар анвои суннатӣ ва ҳам дар ашъори ғайрисуннатӣ метавон мушоҳида кард. бархурди ҳунармандонаи санъати ташбеҳ дар эҷодиёти ҳар шоир, пеш аз ҳама, бар маҳорат ва қудрати тасвирофарии ӯ далолат мекунад. Чунин маҳоратро дар тасвирҳои ҷолиби қитъаи зерини Муҳаммад Ғоиб метавон мушоҳида кард, ки дар он ташбеҳоти рангине дар сифату сурати ҳамрангӣ бахшидани “мавҷи дарё” ба “саҳифаи китоб”, “мӯйи устод” ба “кафки дарё” ва “шишаи айнаки устод” ба “ҳубоб” истифода гардидааст. Чунончи:

Монанди саҳифа ҳар қабат мавҷ
Дарё ба нигоҳ чун китоб аст
Кафк аст чу мӯйи устодам,
Чун шишаи айнакаш ҳубоб аст [15, с.91].

Пуртаъсиртарин воситаҳои тасвироти бадеӣ дар адабиёт тазод буда, барои муқобил гузоштани ду фикр ба ҳамдигар хизмат мекунад. **Тазод** вожаи арабӣ буда, маънояш зиддият, мухолифат, ихтилоф мебошад ва дар истилоҳи адабиёт фикри махсуси шоирро гӯянд. Дар байти зерин ифодаи “хуфтан” ба вожаҳои “бедорӣ” ва “хоб” чун тазод корбурд шудааст:

Барои **хуфтани** худ халқи олам хона месозад,
Биное баҳри **бедорӣ** зи хишти **хоб** месозам [30, с.43].

Ба ҳамин монанд, шоир саъй кардааст, ки ба тариқи корбурди ин санъат ашъори зиёд офарад ва муваффақияти ҳунари офариниши хешро ҷиҳати тасвиркорӣ дар шеър бештар ба намо бигзорад. Дар байтҳои зерини “Муноҷот”-и шоир айни тазодро дар баробари вожаҳои “дарду даво”, “гармию сардӣ”, “баҳору хазон”, “сабзу зард”, ки хеле ифодаҳоро ҷаззобу дилчасп намудаанд, дучор меоем:

Ишқ омаду аз баҳри **даво дард** гузашт,

Аз **гармии** бебақо дили **сард** гузашт.

Аз лутфи **баҳоре**, ки **хазон** аз пайи ӯст,

Бе пираҳани **сабз** гули **зард** гузашт [30, с.44].

Шоир барои рангин кардан ва ҷаззобияти шеъри худ, дар баробари корбурди санъатҳои мухталифи бадеӣ аз санъати тазод бештар ва фаровон истифода кардааст ва бо ин роҳ мехоҳад, хонандаи шеърро ба зиддиятҳои ҳаёт, манзараҳои мутақобила ва ё суду зиёни лаҳзаҳои зиндагӣ бештар ошно гардонад.

Шоир дар кори офаридани тасвирҳо ба тариқи санъатҳои бадеӣ дасти расо дорад, чунонки дар шеъри "ҳамдард"-и хеш рангомезиҳои хаёлашро бо саҳнасозиҳои фитрӣ пуртароват ва музайян мегардонад. Масалан, манзарае бо "пора" шудани "синаи афлок" бо "ханҷари барқи баҳор", тамошои "гиряҳои абрҳои хору зор", ки ёдовари "ғуссаву дардҳои ятимӣ"-и шоир ба шумор меравaнд, метавонанд баёнгари ҳунари волои тасвирофарии ӯ бошанд, ки бо обуранги зебое санъатҳои бадеиро ба ороиҳои шеърсоз мубаддал гардондааст. Дар байте аз ин шеър шоир калимаи "абрҳо"-ро ба "кӯдакони бепадар" шабоҳат додааст, дар баробари истифодаи санъати ташбеҳ ӯ ҳамзамон бо роҳи кор гирифтан аз санъати тазод, дар тарзи корбурди сифати исмсози "ҷамъу парешон" ин мушобиҳатро рангину тасвирбор ва боз ҳам хонданбоб гардондааст. Дар мисоли зерин:

Гоҳ **ҷамъу** гоҳ **парешон** мешуданд

Абрҳо чун кӯдакони бепадар [30, с.59].

Ба ҳамин монанд, шоир аз тариқи санъати тазод, дар зимни корбурди калимаҳое монанди: "ғаму шодӣ"**, "**мурда ва зинда", "хушкию тарӣ", "бе пову бе сар, "гум кардану дарёфтан", "тирагиву равшанӣ" ва ғайра, ки дар баёни муқобалаи мафҳумҳо сайъ карда, бад-ин роҳ дар анвори сохтани андешаҳо эҳтимом варзидааст. Чунин намунаро дар ифодаи "гумкарда" ва "ёфтан", дар порае аз шеъри "Дар зери борон"-и шоир ба мушоҳида мегирем:

Дар паси пуштаи ғуборолуд

Тарҳи хурдест зору саргардон

Оҳ! **Гумкардаро** ба рӯзи ҷут,

Нест **дарёфтан** дигар осон  [30, с.88].

Шоир дар офаридани тасвир, пеш аз ҳама, ба мушоҳидаҳои хеш аз зовияи хаёлҳои рангин менигарад, гардишҳои манзари пеши назар овардаашро дар гардишҳои хаёл ба тасаввур мегирад, то тасвири офаридаашро дар шеър ба шаклу сурати зебое тавонад мавриди диду назари ҳаводорони каломаш гардонад.

Ба ҳамин маънӣ, Муҳаммад Ғоиб дар истифода ва коргирӣ аз санъатҳои бадеӣ бештар маҳорат нишон дода, аз мадҳу кинояву таҷнис ва  навъҳои дигари санъатҳои бадеӣ, дар корбурди муштараки онҳо ашъори хешро ғановати маънавӣ ва лафзӣ мебахшад ва аз ин лиҳоз ҳам шеъраш салису ноб ва пурмуҳтаво эҷод мегардад. Чунонки ба назар мерасад, шоир дар байти зерин ҳам аз санъати тазод ва ҳам бо истифода аз санъати таҷнис тасвири худро таъсирноктару ҷолибтар гардонидааст:

Теғи ҷарроҳ кунд, мо тезем,

Аз гапи **сахт сахт** парҳезем  [30, с.100].

Маълум мегардад, шоир ба мақсуд аз “теғи ҷарроҳ” сухан мегӯяд, аммо дар кори тасвир, албатта, ҳадафи дигар дорад, ҳадафе ки муайянкунандаи мақсади ӯ бошад. Яъне, ба ҳадде “теғи ҷарроҳ”-ро, ки асбоби бурранда аст, “кунд” ва инсонро дар шахси дуюми ҷамъ, дар сурату симои ҷонишини “мо” ба сифат “тез” мавриди назар қарор медиҳад. Ва дар ҳоле ки маълум аст, “тезӣ”-ро метавон ба чанд маънӣ қабул кард, чунонки ба “тезии дами корд”, ба “тезии лаззатбахши филфил ё қаранфул” ва ё дар ҳоли шинохти вақт “зуд, дарҳол”, инчунин ба хӯву хисолу хилқати инсон дар амри ғазаб, ки онро “тунд ё тез” мегӯянд ва ғайра таваҷҷуҳ намуда, дар мисраи дуюм ду маротиба калимаи “сахт”-ро кор фармудааст, ки нахуст ба маънои сухани ба қавле нешдор, тунд, тез, сангин ва “сахт”, дуюм ба маънои “батамом”, яъне беҳад ва ё “ниҳоят” омадааст, ки дар асл тазод ва таҷнисро ба ҳам суратгари тасвир

нишон додааст. Агар ба ин маънӣ амиқтар назар афканем, мебинем, ки калимаи “сахт” аз қавли дигар ба маънои устувор, дар муқобили “суст” низ истифода мешавад, ки Муҳаммад Ғоиб дар кори ин гуна маънибозӣ ва маънисозӣ муваффақона иқдом кардааст.

Талмеҳ калимаи арабӣ буда, маънояш ишора, нигоҳи сабук ба сӯйи чизе ё касе мебошад. Шоирон дар шеъри худ ба воситаи санъати талмеҳ ба қисса ё масали маъруфе ишора мекунанд. Туракул Зеҳнӣ дар “Санъати сухан” овардааст: “Талмеҳ дар луғат нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизест… Аммо дар адабиёти бадеӣ, ишорат кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ба ягон шеъри маъруфи яке аз саромадони сухан талмеҳ номида мешавад [75, с.100].

Кӣ оғозе диҳад анҷоми моро?
Кӣ бар субҳе расонад шоми моро?
Агар созем чун Рустам хатое,
Кӣ дорад зинда рӯҳи Соми моро? [39, с.207].

Дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб метавон ҳар сари назар ба кор гирифтани ӯ аз санъати талмеҳро дучор омад, ки бо овардани онҳо шоир ишороте баъзан ба нукоти таърихиву фарҳангӣ ва асосии онҳо мекунад.

Раҳо то ёбам аз пайкони найранги сиёсатҳо,
Чу Ҳурмуз чанд худро сояи як Аҳриман кардам [41, с.247].

Тибқи маълумоти фарҳангҳои адабиётшиносӣ “талмеҳ” аз калимаи арабӣ гирифта шуда, як навъ санъат дар кори тасвиру тақвият додани мавзуъ шумурда мешавад. Дар мавриди дигар, “талмеҳ” дар адабиёт ба маънои “ҷастани барқ” “оташпора”, “ламъаи оташ” ва ғайра низ ба кор рафтааст, ки дар маврид дар адабиёти классикии форс-тоҷик осори зиёде дар ин замина эҷод шудааст.

Сӯзад оташ оҳанро, сӯзи ҳар писар танро,
Морпарваре то ҳаст, Коваам, алам дорам.
Ман зи дасти худ мирам, хунбаҳо зи кӣ гирам,

Дар Аҷам адам дорам, дар адам Аҷам дорам[41, с.266].

Аммо ба ҳар ҳол, “талмеҳ” ба сифати санъати бадеӣ дар осори адабиёт, бахусус адабиёти муосир, нақши муайянгарӣ бар ному номаҳои таъриху атиқаро низ дорад, чунонки намоди онро дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб метавон манзур дошт. Ин шоир, чунонки аз муҳтавои девони ашъораш бармеояд, аз санъати бадеии талмеҳ дар ашъори хеш хеле бамавқеъ ва фарвон истифода намудааст:

Эй субҳ, марав, ки шом хоҳад омад,

Торикии бардавом хоҳад омад,

Хуршед, ки тифли туст аз ӯ магузар,

Бар ҷустани Зол Сом хоҳад омад [39, с.264].

Талмеҳоти истифоданамудаи Муҳаммад Ғоиб дар ашъори гуногунмазмуни ӯ, аслан, дорои хусусиёти асотирӣ ва ҷанбаҳои таърихӣ буда, ифодагари хӯву хисол, кирдору рафтори инсон мебошанд. Агар ба ашъори ин шоир таваҷҷуҳ кунем, пеши назар симоҳои мусбате, чун: Ҳурмузд, Кӯруш, Ҷамшед, Доро, Кова, Сом, Зол, Рустам, Ковус, Эраҷ, Таҳамтан, Дастон, Таҳмина, Сӯҳроб, Сиёвуш, Спитамон, Аржанг, Монӣ, Шерак, Исмоили Сомонӣ ва симоҳои манфие монанди Аҳриман, Деви Сафед, Заҳҳок, Искандар, Қутайба, Чингиз ҷилвагар мегарданд:

Оҳе накунад суроғ хомӯшиям,

Бар ёд намерасад фаромӯшиям.

Оташ, ки накушт, кушадам нанги баланд,

Донанд ҳама хуни Сиёвушиям [39, с.117].

Ё дар ҷойи дигар:

Дар гиряи мард аз фалак хун ояд,

Об аз дили сахти санг берун ояд.

Заҳҳок зи хашми Кова андеша бикун,

Фарёд агар занад, Фаридун ояд [39, с.117].

Истифодаи талмеҳ марбут ба номи макону ҷирмҳои осмонӣ, аз ҷумла Моҳу Зуҳраву Миррих, Хуросон, Самангон, Тоҷикистону Эрон, Ҳамадону Бухоро, Кӯлоб, Хатлон, Хуҷанд, Дарвоз, Бадахшон, Зарафшон, Самарқанд, Даҳбед, Панҷшер, Балх, Шарқ, Ғарб, Амрико, Чин, Ҳинд, Ганг, Сайҳун, Фон, Панҷ, Вахш, Омӯ низ дар шеъри шоир кам истифода нагардидаанд:

Тарҳи аслии Ватан пайдо шавад аз ин китоб,
Сарҳади мулки кӯҳан пайдо шавад аз ин китоб.
Шаҳри Балху ҳам Самарқанду Бухорову Ҳирот,
Чашмсурхи анҷуман пайдо шавад аз ин китоб [14, с.11].

Ва ё:

Қатраҳои ҷамъ аз абри парешонем мо,
Аз Бадахшону Ҳисору Суғду Хатлонем мо.
Дӯстдори пораи мулки Хуросонем мо,
Номбардори бузурги Тоҷикистонем мо [7, с.20].

Қаҳрамонони водоркунандаи ибрати инсонӣ дар кори караму саховат ва ишқу матонат аз қабили Ҳотами Той, Маҷнун, Лайлӣ, Фарҳод, Ширин ва ғайра, ки дар саҳифаҳои таърих бо аъмоли хеш сабти ном ва бо корномаҳои хеш собит шудаанд, дар шеъри Муҳаммад Ғоиб мақоми хосса доранд:

Бад нек нагардад, нашавад душмани кас дӯст,
Ҳуш дор, ки Заҳҳок Фаридун шуданӣ нест.
Эй бод, Бадахшон нашавад пастии Қипчоқ,
Бар сар макун он хок, ки гардун шуданӣ нест.
Нанги ҳама бошад пайи ҳифзи насабу ном,
Сино, ки шавад зинда, Фалотун шуданӣ нест [14, с.145].

Бояд зикр кард, ки ифодаи ҳар номе, ки ба сифати талмеҳ аз ҷониби шоир мавриди истифода қарор гирифтааст, албатта ифодагари рамзу розе низ ба ҳисоб меравад, чунонки калимаи Ҳотам далели саховатпешагиву футуввату ҷавонмардӣ, Юсуф – ифодагари ҳусну нуру зебоӣ, Фарҳод - рамзи фидокорию ҷоннисорӣ ва ғайраро метавон аз ин қабили талмеҳот маҳсуб донист.

Додаанд илҳоми фарҳодӣ маро ширинвашон,

Санги маъниро зи кӯҳи Бесутун овардаам [41, с.143].

Масалан, дар мисраъҳои зерини шеъри “Бузург” шоир барои рамзӣ намудани каломи худ, калимаи “хомӯшӣ”-ро дар тавсифи бузургворони миллат мавриди истифода қарор медиҳад, ки албатта ин калом ирфонӣ ва далолат бар пурдонӣ мебошад, аммо забони бастаи аҳли фитратро, ки муҷиби одобу маърифат ба шумор меравад, бо таносуб ба сифатҳои ҳамида ва мутафаккиронаи орифи баркамол “Шоҳи Хомӯш” мавриди тасвир қарор медиҳад:

Ба хомӯшии худ овозадоранд,

Ба он ранге ба дунё Шоҳи Хомӯш  [30, с.45].

Ҳамчунин, ба ин маънӣ номи Рустами Дастон ё Таҳамтанро барои музайян намудани ин калима дар ин байти ба қавле даъватгаро, бо нисбият ва таносуби  унвон ба ӯ насб кардани “Рахшдор”, яъне “соҳиби Рахш”-ро, ки мансуб ба паҳлавоне дар асл чун ӯ мебошад, муҷиб мешуморад ва ин манзарро тавассути санъати талмеҳ чунин ба кор мебарад:

Аз нажоди Ориё ҳастем, ори мо куҷост?

Мерасад бонги саворон, Рахшдори мо куҷост  [7, с.46].

Ин нуктаро  бояд қайд кард, ки байти фавқуззикр падидаи илҳомии шоир аст, ки аз байти машҳури Хоҷа Ҳофиз пайравӣ намудааст, ки фармуда:

Сӯхтам дар чоҳи сабр аз баҳри он шамъи чигил,

Шоҳи туркон ғофил аст аз ҳоли мо, ку Рустаме? [47, с.278].

Муҳаммад Ғоиб дар шеъри дар поён овардашуда бо истифода аз санъати талмеҳ дар таносуб бар парчами  Коваи Оҳангар ва нақши Таҳминаву Суҳроб, ки аз қаҳрамонони “Шоҳнома”-и безаволи ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба шумор мераванд, ба гунаи возеҳ кор бурдааст, ки метавонад намунаи ҷолиб бошад:

Аз аламҳои Коваи хундор

Дидагони ту пур шаванд аз об.

Бо ҳама мард буданат гирйӣ,

Мисли Таҳмина аз ғами Сухроб [30, с.82].

Шоир дар идомаи ин шеър хулқу хисоли шахсиятҳои таърихиро бо истифода аз санъати талмеҳ ва санъатҳои дигари бадеӣ хеле бамавқеъ ва ҳунармандона мешиносонад. Чунонки бо овардани номҳои “Оли Сомон”, “Тоҷик”, “Рӯдакӣ”, “Айнӣ”, “Мирзо” (Қаҳрамони Тоҷикистон, шоир устод Мирзо Турсунзода аст дар назар аст Ш.Р.), “Варзоб” ва ғайра давом медиҳад:

Боз сомони Оли Сомонро,

Хоҳӣ бахшӣ чу ворисе оғоз...

Хоҳӣ аз хок хезаду бинад

Давлату тахти тоҷиконро боз.

Захми Айнӣ даво кунӣ бо шеър,

Чӯбзан мирад аз қаламчӯбат.

Панҷаи ёду ғуссаи Мирзо,

Ҳар дақиқа дари дилат кӯбад...

Чашмаи шеър мешавад ҷорӣ,

Шоире дар канори Варзоб аст.

Рӯҳи Мирзои меҳрубон хурсанд,

Рӯдакӣ низ шодмон хоб аст [30,с.82-83].

Муҳаммад Ғоиб чун дигар шоирони ҳамзамонаш дар шеър аз ирсолу масал истифода намудааст. Ирсолу масал аз санъатҳои хеле муҳим дар ашъори шоир мебошад. Дар ростои эҷоди шеъри шоир истифода аз ирсолу масал хеле муҳим аст. Ин масалҳо аксаран хусусияти миллӣ буда, истифодаи он байни мардум бештар маълум аст. Дар онҳо ҳикматҳои кӯҳнашудаи мардумӣ чун хазинаи бебаҳои таҷрибаҳо истифода ёфтааст:

Хурд аст агарчи хасм, мадонаш кам аз бузург,

Фарёди кунда аз ғазаби фона мерасад [41,с.68].

Зи фарёди баланди мурғаки бечора фаҳмидам,

Ба гирди лонаи пурчӯҷа доим мор мегардад.

Кунад бар гурба сагро эҳтиёҷи зиндагонӣ дӯст,

Гаҳи дармондагӣ душман ба душман ёр мегардад [41,с.100].

Аз таҳлилу баррасии ашъори Муҳаммад Ғоиб маълум мегардад, ки мавсуф аз кори тасвир ба тариқи санъатҳои бадеӣ дар адабиёти классик ва муосири тоҷик хуб огоҳ буда, чун ғаввоси моҳир бо истифода аз ҳунари шоирӣ ба қаъри уқёнуси беканори шеър ғӯттавар шуда, дурдонаҳои гаронбаҳоро дар эҷодиёти худ баҳри бардошти ғизои маънавӣ ва тарбияи ахлоқию зебопарастӣ ба наслҳои имрӯзу оянда мерос мегузорад.

Аз баҳри тахти шуҳрати дурӯза чун нигин

Худро ба доми маҳбаси Ҳотам намезанам [41,с.241].

Ҷойи дигар гуфтааст:

Фарзандкуш ғубор ба роҳи ситоиш аст,

Ҳарф аз мақому шуҳрати Рустам намезанам [41,с.241].

Аз зовияи дигар назар андозем, ҳамин гуна шеърҳои дар заминаи корбурди санъатҳои бадеӣ моҳирона болои кор овардаи шоир аст, ки забони ашъори ӯро тасвирбор ва садоқату самимияташро дар ҳамбастагии тасаввуроти ӯ ва хонанда бештар борвар гардондаанд. Чунин сидқу дилбастагӣ дар кори истифодаи барҷо ва мутаносиби васоити тасвирҳо ба тариқи санъатҳои бадеӣ, амсоли рамзу ташбеҳ, лутфу фахрия, таснифу таҷнис, киновяву муболиға, мутоябаву истиора, талмеҳу тазоду такрор ва ғайра дар шеъри асили ин шоир, бо тобишҳои маънавӣ хеле моҳирона истифода гардидаанд, ки далолат бар ҳунари волои ӯ дар шинохти санъатҳои бадеӣ ва бадеияти каломи пурмуҳтавояш мекунанд. Албатта, чунин ҳунар аст, ки самти асосӣ ва хосси шоирии ӯро дар шеъри муосир матраҳ кардааст.

Барои ошноии бештар ба осори ҳар шоир ва ё нависанда, нахуст ба маром дарёфтан ва мушаххасу муайян намудани авлавият ва асолати забони асарофарӣ ва ё услуби кор дар шеваи эҷодии ӯ муҳим ба шумор меравад.

Шаклгирии забони адабии муосири тоҷик, ки сароғоз аз эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ аз шавқу шӯри тоза ор гардид, баъдан

бо тобишҳои суханпардозиҳои шоирон: Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Аминҷон Шукуҳӣ, Ғаффор Мирзо ва дигарон бо ҷилваҳои тоза дар тасвиркориҳои бештар мавриди ҳунар болои кор омад ва дар зимни ба майдони адабу шеър ворид шудани адибоне амсоли Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор, Ҳақназар Ғоиб, Ашӯр Сафар, Аскар Ҳаким, Мавҷуда Ҳакимова, Қутбӣ Киром, Ҳадиса Қурбонова ва Саидҷон Ҳакимзода ин раванд рушд кард, ки минбаъд масъалаи коргирӣ ба мантиқ ва навоварӣ ба забони адабӣ, минҷумла забони назму наср, шоирони ҷавонро бештар ба масъулиятшиносӣ ва ҳифзи равонии он водор намуд.

Муҳаммад Ғоиб ҳам дар назм ва ҳам дар насри хеш бо комёбӣ бар чунин шеваи эҷодӣ ва бавижа моҳияти коргирифт аз тамоми ҷанбаҳои забонии осораш хеле муваффақ аст. Агар ба таҳқиқ бар осори ӯ назар андозем, аён мегардад, ки ин шоир, ҳамчун суханвари хушсалиқа, эҷодкори асил ва қаламкаше шинохташуда дар адабиёти муосири тоҷик чеҳра намудааст. Эҷодиёти ӯ бо сермаъноӣ ва гуногунпаҳлуӣ на танҳо дар Тоҷикистон, ҳамчунин, дар ҳавзаи адабиёти форсизабонон шинохта шуда, бо дарбаргирии масъалаҳои ҳасбиҳолӣ, лирикаи ишқӣ ва иҷтимоӣ, ифшогарии нуқсони рӯзгори инсонӣ ва дардҳои ҷомеа,мавзуъҳоифарҳангу тамаддуну таърихӣ, бо бадеияти хос болои кор омада, ҳамзамон, бо тарзи нигориш ва услуби баёни махсус ба боргоҳи сухан дар адабиёт роҳ гирифтааст.

Ашъори Муҳаммад Ғоиб аз ҷиҳати интихоби мавзуъ, тарзи баён ва забон салису равону пурмуҳтаво буда, фарогири ҷанбаҳои ахлоқӣ, афкори худшиносӣ, миллатдӯстӣ ва ватанпарварона, инчунин дар васфи дастовардҳои замони истиқлолият, ишқу муҳаббат, озодӣ, ваҳдати миллӣ, эҳтироми модар, худогоҳӣ ва амсоли чунин паҳлуҳои тасвиркунанда ва таҷассумгари адабиёт офарида шудаанд.

Низом Қосим аз диди худ ва дигарон таъкид менамояд, ки “ашъори мавсуф аз ватанхоҳонатарин шеъри имрӯз аст, ки пайваставу пайгирона ва

қатъитару баландтар садо медиҳад. Бидуни хавф аз такрори мазмуну мавзуъ шоир аз Ватану моҳияти ватандорӣ мегӯяд ва мекӯшад ин мафҳуми имрӯз забонзадаро (чун "ҳама доди ватанхоҳӣ мезананд" имрӯз!) бо ифодаву тасвирҳои тозаи заминӣ бори дигар ба дилҳо бирасонад. Муҳаммад Ғоиб деҳзода аст ва шадидии эҳсоси пайванд бо Ватан ва ҳамватанон аз ҳамин махсусияти сарнавиштиаш бармеояд. Ҳанӯз модарро мебинад пеши чашм, ки куртаи сарбозии писари бузургашро танг мекунад, то фардо писари кӯчакаш урён набошад" [84,с.26-35]. Ба гуфти ӯ: "Ин лаҳзаи барои солҳои баъдиҷангии деҳот хосро бисёриҳо дидаву мушоҳида кардаанд, вале шеърашро Муҳаммад гуфтааст: модар бо танг кардани қабои аскарӣ ҷои ҷангро дар дунё танг мекунад" [84,с.26-35].

Мусаллам аст, ки шоирону нависандагон дар ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ, хусусан сохтани таркибу ибораҳои нав нақши бориз доранд. Албатта сохтани ибораю таркибҳои тоза ба ҳар шоир муяссар намегардад. Дар ин маврид Доктор Шамсулҳақи Ориён дар мақолаи хеш "Муҳаммад Ғоиб шоире аз гунаи дигар" овардааст: "Дар шеъри Муҳаммад Ғоиб таркибҳои наверо мувоҷҷеҳ мешавем, ки баёнгари тавоноиҳои адабӣ ва шоиронаи ӯст. Шоир дар ин замина навгароиҳои зебое дорад" [105, с.51].

Асосузори адабиёти реализми сотсиалистӣ - Алексей Максимович Горкий мавқеи забонро дар офариниши осори бадеӣ аз ҳар ҷиҳат муҳим шуморида, онро ба "аслиҳаи асосӣ", "ташаккулдиҳандаи адабиёт" ташбеҳ дода ва дар маҷмуъ, қайд кардааст, ки "Нахустунсури адабиёт забон мебошад" [70, с.221].

Бар ин асос, метавон афзуд, ки Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки бо чунин шеваи эҳтиром ба забон, шеъри комилу расо ва пурмуҳтаво офаридааст. Бо дарназардошти ҷанбаҳои лафзиву маъноӣ дар забони ашъори шоир, дар мавриди офаридани тасвир аз ҷониби шоир калимаҳое бештар истифода мегарданд, ки писандидаи завқи ӯ ва хонандаи каломаш маҳсуб мебошанд ва дар асл, ороишгари ҳар мисраъ ва байт дар шеъри ҷозибаш мебошанд. Аз

ҷумла, дар шеъри “Мероси падар” иборот ва калимаҳое ба мисли ташбеҳ ё монанд шудани “хати шудгор” ва “пешонии дашт” дар баробари “чин” ва “ожанг”, “қомати чанг”, ки ба “сояи роҳи хамгашт”, қатори ҷӯяҳо” ба “байти мавзун”-и “ашъор”, ёдовари “маҳи нав” гардидани “дос” ва ғайра, аз чунин қабил воситаҳое ба шумор рафтаанд, ки шеъри шоирро пурмаъниву боз ҳам бештар ҷолиби диққати ҳаводорони каломаш гардонидаанд. Чунончи, дар қитъаи шеърии зерин ба офаридани тасвири зебое бо чунин калом мефармояд:

Хати шудгор дар пешонаи дашт
Ба ҷойи чину ожанги ту мондаст.
Ба чашмам соя тобад роҳи хамгашт,
Ки он аз қомати чанги ту мондаст...
Қатори ҷӯяҳо чун байти мавзун
Зи ашъору зи фарҳанги ту мондаст...
Маҳи навро ба хотир оварад дос,
Бари раҳ наҷмсон санги ту мондаст [30, с.260].

Дар шеъри чаҳорпораи “Шаб” бошад, шоир барои офаридани манзараи баъди мотаму андуҳ, аввал ин ки бо забони табиат роз мегӯяд ва аз таркибҳои забоние монанди “дар кӯбидани бод, чун ошно”, “ангушт задани бед бар шиша”, дидани тасвири “шаб” чун “мусофир”, ки “халтаи сафар дар пушт” дорад, ё ин ки чун “савдогар”-е, ки дар “халта”-и хеш “сурма” овардааст, ё “сиёҳии шаб”-ро ба “дудаи кабоби дил” ба тасвир кашида, ҳамчунин, дар рӯнамоии симои “шабкӯр”, “чирчирак” “сӯзани нур”, “ғирбол”, “сояравшан”, чодари пурахтари осмон”, “гулхонаи арусӣ”, “хоби моҳ” чун “хоби духтар”, “сатини сиёҳ” ва “сони сиёҳ”, ки рамзи сияҳпӯшиву азодорист, дар сурати тасвири “шаб”, бо тозакориву сареҳназарӣ дар бандубасти ҳар пораи он ҳам тасвир ва ҳам мазмуни онро хеле ҷолиб ва барои фаҳму дарки хонанда дилнишин кардаанд:

Бод чун ошно дарам кӯбад,
Бед бар шиша мезанад ангушт.

Шаб ба мисли мусофире тобад,
Дорад ӯ халтаи сафар дар пушт.
Омадаст аз диёри дури рӯз,
Сурма дорад ба халта савдогар.
Сурма не, дудаи кабоби дил,
Он сиёҳӣ, ки резадаш бар сар.
Ҳаст шабкӯр тифли нобино-ш,
Чирчирак кӯдаки ғашаш бошад.
Ҳамчу модар ҳазор ғам дорад,
Чун падар сад кашокашаш бошад.
Сӯзани нурҳо занад нешаш,
Пайкари ӯ ба мисли ғирбол аст.
Қад-қади роҳ сояравшанҳо,
Селаи мурғакони бебол аст.
Абрҳо – рӯймоли пероҳан,
Чодарест осмони пурахтар.
Байни гулхонаи арусиаш,
Моҳ хоб аст, хоб чун духтар.
Омадаст аз диёри дури рӯз,
Дар каф аз марги духтараш нома.
Аз сатини сиёҳу сони сиёҳ,
Бар танаш курта дораду ҷома [30, с.263].

Бо чунин усули коргирӣ аз калимаву ибора ва таркибҳои забонии мувофиқи мақсад, шоир ҳам ба маъниву мазмун ва ҳам санъати шеърсозии худ аҳамияти ҷиддӣ қоил мешавад ва ҳамчунин, бо истифодаи гунаи калимоту таркибҳои шево саъй мекунад, ки забони ашъорашро салису равон нигоҳ дорад ва ҳамзамон хонандаро ба умқи андешаву назари хосси худ бештар ошно гардонад.

Масалан, ин матали "аз гап, гап баромадан"-ро, ки мардум ба маънии "ба забон овардани калом, забони сухан ва ё суҳбатро идома бахшидан", ё "кушодани розҳо" истифода мекунанд, дар байти ғазали худ хеле моҳирона ба кор бурдааст:

Аз гап, ки гап барояд, накшода худ кушояд,

Дорад зиён ба судаш, бисёр ҳамнишастӣ [30, с.530].

Ба ин монанд, бо истифода аз калимаҳои зидмаънои "сиёҳӣ", "нур", "дег", "равшанӣ" ду ҳикмат ё макони мардумонро басо хубу баҷо дар баёни андешаи шоиронаи худ корбаст мекунад:

Сияҳӣ меравад аз синаи дег,

Лек нур аз дили равшан наравад [30, с.562].

Муҳаммад Ғоиб шоири нозукназар ва печидахаёл аст, ки тамоми назокату латофатро бо қубҳи сухан ба қиёс мегирад ва шеъри назифу лутфомез мегӯяд. Ӯ тамоми таваҷҷуҳ ва ҳиссиёти шоиронаашро низ аз мушоҳидаҳои барҷояш обишхӯр медиҳад ва дар тамоюл додани калимаҳо барои офаридани як фикри сара ва зеҳнгиру тасвирсоз, ки бар асари дарки равониву мавзунии калом ва забон ба кор меояд, пайваста ҷаҳд мекунад, то ки комёб бошад. Барои мисол дар ин шеъри чаҳормисраъ, ки дар "Девон"-и шоир бо номи "Дилмонда" ба табъ расида, дар тасвири "бевафо"-ии "баҳори рафта", "нигори рафта", ҳамчунин, дар робита бо садоқати "ҷон" бо "тан" мехонем:

Баҳори рафтаи худро наҷӯям,

Вафо мекард агар, аз ман намерафт.

Нигори рафтаро ҳам ҷон нагӯям,

Вафо мекард ҷон, аз тан намерафт [30, с.359].

Шоир дар ашъори худ, ҳамчунин, бо тарзи истифодаи маъниҳо, ки ба расо будани мантиқи забонӣ мусоидат мекунанд, ба забони шевои халқӣ, бахусус, бо зарбулмасалу мақолҳои дар гӯишҳои мардумони маҳалҳо ҷорӣ, таъбирҳои муҷазу назаррас меофарад.

Мақоли “Девор муш дорад, муш гӯш” миёни мардум зиёд маъмул аст ва шоир ин гуфторро дар ғазале моҳирона мавриди ситифода қарор додааст:

Ман боми умеди ҳама чун боми сипеҳрам,

Эй мӯш, макун гӯш, ки девор надорам [41, с.144].

Шоир дар ғазали дар зер овардашуда таносуби “ҷаҳонбин” шудани “одамӣ” аз таассуроти “фикри дунёӣ”, дарки “талх”-иву “ширин”-ии умр дар баҳои “зиндагӣ” ва “марг”, пур аз “чин” гаштани “пешона” бар асари мушкилоти “рӯзгор”, “омин” гуфтани “пирон” бар саодати “ҷавонон”, “болин” гаштани “санг” ҳангоми “хоби ноз”, “рангин” кардани “хонаи дил” бо “хуни меҳр” дар бадали “рангбозии ҷаҳон”, пирӯзӣ ба “аспи гарданнофари бахт” ва ғайра, ки бештар ба масалу мисолҳои таъбирофари халқӣ тааллуқ доранд ва барои шевоии забон ва баёни шеъри шоир хидмат кардаанд, мегӯяд:

Одамиро фикри дунёӣ ҷаҳонбин мекунад,

Зиндагӣ талх аст, онро марг ширин мекунад.

Рӯзгор, охир чу деҳқоне ба испори хаёл,

Пуштаи пешонии моро пур аз чин мекунад.

Мардро созад гузашти умр неку хайрхоҳ,

Ҳар ҷавонеро бубинад пир, омин мекунад.

Рангбозии ҷаҳонро дида ошиқ, бо умед,

Хонаи дилро зи хуни меҳр рангин мекунад.

Бар хумори нарм метобад дуруштиҳои ёр,

Сангро сар вақти хоби ноз болин мекунад [30, с.594].

Истифодаи андарзҳои мардумӣ дар ашъори шоир шаҳодати равонии забон ва пуробуранг гардонидани мавзуи интихобнамудаи ӯ ба шумор рафта, ҳамзамон, ҳар ҳарфу ҳиҷо ва ибора ба сифати ҳикматҳои забонӣ дар шеъри ӯ, бо орои бадеияти хос, хонандаро бо дарёфти дурустии маънӣ, ба ростиву накуӣ, инчунин шинохти ҳақиқати зиндагӣ ҳидоят мекунанд.

Оқибат мастӣ ба пастӣ мебарад,

Бодакӣ аз бода моро мекушад [41, с.31].

Ва ё ҷойи дигар гуфтааст:

Ҳар чиз, ки корем, ҳамонро даравем,

Аз дону каҳи мақсади мо бохабар аст [39, с.64].

Бояд гуфт, ки Р. Тағоймуродов бар он андеша аст, ки : “.... шеър ҳунар ва санъатест, ки маншаи фавқуттабиӣ дошта, авотиф, ҳиссиёт, ҳаяҷон, тахайюл, тафаккур, дониш, ҷаҳонбинӣ, тасаввурот, нафрат, илтифот ва дигар вокунишҳои олами анфусиву зеҳнии офаринандаи хешро тавассути калимоти махсус ва оҳанги гӯшнавозу таъсиргузор таҷассум мекунад. Ҳамзамон дар ин замина бояд ёдовар шуд, ки муассиру хушоянд ва дархурди аҳли завқ таҷаллӣ додани маънӣ, сувари хаёл, оро, афкор, ғоя ва дигар дарёфтҳое, ки шоир аз табиат, воқеот, ҷомеа ва дигар падидаҳои иҷтимоӣ дар зеҳни хеш фароҳам овардааст, ба завқ ва ҳунари офаринандагии ӯ иртибот мегирад”[135, с.5-12].

Аксари ташбеҳоти бакорбурда аз ҷанбаи қавии тасвирӣ бархурдоранд ва дар мунаққаш кардан нақши назаррас доранд:

Хати пайроҳа сатри ёдгорӣ,

Зи абёти умеди нонавишта.

Хаёлам қуллаҳои барфпӯшанд,

Варақҳои сафеди нонавишта.

Дами фарёд аз ҳар санги кӯҳсор,

Ҳамон сон мерасад бар гӯш фарёд,

Ки он фарёду бонги рафтагон аст,

Шавад такрор дар овози авлод [30, с.261].

Чунонки маълум аст, дар ин бандҳои чаҳорпораи шеърӣ “хати пайроҳа” ба “сатри ёдгорӣ” аз “абёти нонавишта”, “қуллаҳои барфпӯш” ба “варақҳои сафед”, “фарёди инсон” ва “фарёди санги кӯҳсор”, “бонги рафтагон”-у “овози авлод” шабеҳ гардидаанд.

Ҳамчунин, дар байти шоир, ки аз калимоти чида, ба тариқи корбурди рамзу киноя истифода кардааст, шоир гуфтааст:

Аз чоҳи ноумедӣ, имдод мебарорад,

Маҳбусро зи маҳбас, озод мебарорад [30, с.261].

Агар ба дарунмояи ин байт бештар таваҷҷуҳ шавад, маълум мегардад, ки калимаҳои “имдод” ва “озод” ба сифати рамз, дар сурати шахс ифода ёфтаанд, ки сармояи ба “уммед” расонандаи инсон ба шумор меравconfiganд.

Ва ё дар идомаи ин мисраъҳои ғазали хеш, бо истифода аз санъати талмеҳ, ки бо таваҷҷуҳ бар ҳунари наққошии Беҳзод нигаронида шудааст, тасвири айни муддао меофарад:

Тақдирҳо гуногун, тасвирҳо гуногун,

Ҳар давр бахри нақшаш, Беҳзод мебарорад [30, с.261].

Бо ин ки лутфи тахаллус на дар ҳамаи ғазалҳои шоир мушоҳида мешавад, аммо корбурди худи тахаллус дар аксари онҳо дида мешавад.

Ҳамчунин, дар байти зер низ шоир таваҷҷуҳи хешро дар мақтаъ ҷиҳати фахрияи матн басо хуб истифода кардааст:

Ғайрати чобуксавори ту, Муҳаммад, оқибат,

Аспи гарданнофарори вақтро зин мекунад [30, с.594].

Мусаллам аст, ки корбурди воқеии воситаҳои бадеӣ дар ҳамаи навъҳои шеърии Муҳаммад Ғоиб, чи дар дубайтиву рубоиву ғазал ва чи дар чаҳорпораву ашъори нимоӣ ба мушоҳида мерасад.

Шоир дар ҳар маврид саъй кардааст, ки бо дарёфти таносуби сухан забони шеърашро гӯётару сареҳтар ба завқи хонанда расонад, яъне шеъре офарад, ки мақбули диду назару дарки маънавии ҳаводорони каломаш бошад. Бо чунин иқдом, бештар саъй мекунад, ки бо дарназардошти салосат, асолат ва шевоии забон дар мутобиқат ба маъниву мазмуни тозаву ноб шеъри пуртасвир ва ҷолиби диққат офарад. Чунончи, дар порае аз ин ғазали шоир, ки дар он осори тозагӯйӣ ва жарфбаёнӣ машҳуд аст, ҳамин вижагиро метавон мушоҳида кард:

Зи абрӯҳо ҷабин бар хеш таҳдеворҳо дорад,

Сари мо, чун сари девор, аз мӯ хорҳо дорад.

Ба пилки меҳр ҳар касро диҳӣ ҷо, мекунад ҳифзат,

Ба худ дар шакли мижгон чашми мо ҳушёрҳо дорад.

Гудози бенишону ранҷҳои бефароғат нест,

Дарахти ишқ аз сӯзу аламҳо борҳо дорад.

Наметобад муаллақ ҳеҷ чизе дар нигоҳи ақл,

Ба ранге то замин боми фалак деворҳо дорад [30, с.537].

Дарвоқеъ, Муҳаммад Ғоиб бо ифодаи сареҳи сухан ва нигоҳ доштани асолати забониву услубӣ дар шеъри хеш бо маҳорати воло кор мегирад ва комёб аст, ки мазмуну муҳтавои онро бо тарзи баёни рангин ва коргирифт аз санъатҳои бадеӣ ва ифодаҳои равону возеҳ мавриди истифода қарор диҳад. Бо таваҷҷуҳ бар чунин тарзи шакл додани сабки шоирона, ӯ бештар тасвирҳои зебову назаррабоеро дар офаридаҳои манзуми хеш ба намо мегузорад, ки барои ҷозибу мондагор гардидани шеъраш дар ҳар ҳолат муҳим мебошанд.

Хулоса, Муҳаммад Ғоиб бо тамоми ҳиссиёти эҷодгарона ба ҷанбаҳои услубӣ ва хусусиёти забонии каломи мавзуни хеш бештар таваҷҷуҳ карда, аз манобеи таркибот ва калимоти нишонрас дар кори офаринише шеър ба мавқеъ истифода мекунад ва барои ба сароҳат болои кор овардани мазмунҳои шоиста, дар борвар кардани каломи пурмазмун аз ҳар назар муваффақона иқдом менамояд.

## 3.2. Муҳаммад Ғоиб - шоири ҷӯянда ва навгаро

Ҳунари шоирӣ, ки нақши адибонро барои поянда нигоҳ доштани асолати адабиёт ва таъриху фарҳанги ҳар давру замон ба василаи навҷӯйиҳо дар маъниву мазмун ва шеъри мондагори онҳо муаррифӣ нашудааст, пеш аз ҳама, ба ҳисси баланди худшиносӣ ва самимияту садоқати онҳо ба ин шеваи эҷодии пешакардаашон алоқамандии зич дорад. Дарвоқеъ, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар шеър бештар ба шаклпазирии нав ва дигаргун кардани доираи тамоюл пайдо кард. Дар ин маврид беш аз ҳар мавзуъ ба мавзуоти дорои ҷанбаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, мавзуи Ватану ватандорӣ,

ҳувийяти миллӣ, худшиносӣ ва рӯ овардан ба сарнавишти таърихии миллат, дастовардҳои миллати тоҷик дар тули қарнҳо, ҳамчунин, ба тариқи шеър зинда гардонидани сувари муқаддасоти миллӣ, амсоли забону парчаму нишон, нишонаҳои урфу одат ва расму оинҳо ва ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Наврӯз руҷуъ карда, дар иртибот бо ин мавзуъ тасвирҳои ҷолибу мондагор офаридаанд. Бад-ин тариқ хидмати арзандаи хешро дар назди адабиёти миллӣ ва ҳаводорони каломи бадеъ бар ҷой гузоштаанд.

Дар ҳамин давраи пуртаҳаввули адабиёт буд, ки тафаккури бадеӣ бештар моил ба офаридани образҳои дорои хусусияти ватандӯстӣ ва миллӣ гардида, як идда адибони хушсалиқаро дар баробари сурудани ашъори дорои чунин мазмуну мундариҷа бештар ба хонандаи тоҷик муаррифӣ намуд. Аз ҷумла: Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукуҳӣ, Муъмин Қаноат, Ғоиб Сафарзода, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Ашӯр Сафар, Ҳабибулло Файзулло, Саидҷон Ҳакимзода, Қутбӣ Киром, Ҳақназар Ғоиб, Аскар Ҳаким, Мавҷуда Ҳакимова, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳадиса Қурбонова, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Низом Қосим, Салими Хатлонӣ, Фарзона ва дигар шоирон дар эҷоди ашъори ватандӯстона ва марбут бар ҳувийяти миллӣ шуҳрат ёфтааст. Мусаллам аст, ин зумраи шоирон дастовардҳои замони соҳибистиқлолии Тоҷикистонро бамавзуъҳоиарзишманди шеъри хеш табдил дода, дар ин ҷода муваффақ низ гардиданд.

Дар ин радиф Муҳаммад Ғоиб аз қабили он шоирони хушсалиқаву нозукбаёнест, ки охирҳои соли 70-уми асри гузашта нахустин бор бо рӯнамоии ашъори бачагонаи хеш вориди арсаи адабиёт гардид ва минбаъд бо тараннуми ашъори хонданибоби хеш пайваста аз тавсифи Ватан, меҳанпарастӣ, худшиносӣ, бедории миллӣ, ваҳдат, истиқлол ва ба ин монанд дар ашъори барои синни болиғ тасвирҳои ҷолиб офарид ва маҳбуби дили хонандагон гардид:

Хислати тоҷик аз рӯзи азал мардона буд,

Ғасби мулку моли ғайр аз баҳри ӯ бегона буд.

Ғайри иаври Ғурриён ки ёд дорад ҳамлааш,

Ин ҳақиқат баҳри дигар халқҳо афсона буд [7, с.9].

Ковишҳои пайвастаи эҷодӣ ва андешапарварӣ ба шоир имконият дод, ки дар эҷоди ашъор тарзу равиши хоссаи сухангустарии худро дарёфт, ки минбаъд ҷилои ахтари шеъраш дар осмони адабиёти даврони соҳибистиқлолии кишвар дурахшон шуд ва ҳунари шоириаш аз шеър то шеър сайқал ёфту заминаи мустаҳкаме пайдо намуд.

Муҳаммад Ғоиб шоири комил ва соҳибмактаб аст. Ҳарчанд хатмкардаи факултети физикаю математика аст, аммо аз тамоми қонуну қоидаҳо ва сохтори адабиёт, шеър ва умуман поэтика огоҳии хуб дорад.

Шоир ҳангоми эҷоди шеър дар қатори истифодаи адабиёти ғановатманди халқи тоҷик аз маводи фолклорӣ низ хуб истифода намудааст. Мутолиаи ғазалиёт, рубоӣ ва дубайтиҳои шоир дарак аз он медиҳад, ки Муҳаммад Ғоиб аз хазинаи пурсарвати эҷодиёти шифоҳии халқ худ хуб бархурдор будааст. Дар мисоли:

Ҳарфе, ки расад ба сина мутлақ бошад,

Тире, ки хато равад, муаллақ бошад.

Гуфтӣ, ту ҷураи манӣ ё аз хирс,

Ман ҷураи хирсам, агар ӯ ҳақ бошад [14, с.34].

Дар баробари ин, бо дарназардошти китоби нахустинаш барои калонсолон, “Роҳи деҳа” минбаъд овозаи шоирӣ ва мазмуну мундариҷаи шеъраш ба самъи хонандаи тоҷик бештар расид ва истеъдоду ҳунари шоириаш зина ба зина сайқал ёфта, завқи ӯро дар коргоҳи шоирӣ ва майдони адабиёт афзунӣ бахшид. Аз ин ҷост, ки бо нахустин падидаҳои ашъораш Лоиқ Шералӣ баҳои сазовор додааст: “Умуман, таассуроти ман аз машқҳои Муҳаммад Ғоиб умедбахш аст” [148, с.3].

Баъд аз ноил гардидан ба чунин баҳои сазовор ва уммедворкунанда Муҳаммад Ғоиб барои сайқал додани ҳунари шоирии хеш бо ҷидду ҷаҳд

машғул гардида, барои содиқ мондани хеш дар кори шоирӣ рӯ бамавзуъҳоиишқиву иҷтимоӣ овард ва тавсифи обу хоки диёр ва муҳаббат варзидан бар Ватан оғози онро ташаккул дод.

Шоир дар як шеъри худ бо ҳамин самимият ба таваҷҷуҳи хонандагони сершумори каломи мавзуни худ баён карда буд, ки:

Сар мешавад дарди сухан аз меҳру номуси Ватан,

Дилро қалам кардам, ки фарқ аз беқаламҳоям кунед! [30, с.623]

Муҳаммад Ғоиб новобаста ба ҳидояти бузургон, ба тарзу шева, услубу роҳу равиш ва усули хосси эҷодии худ вориди майдони адабиёт гардид ва ба ҳамин салиқаву сиёқи шоирӣ бо ҳаводорони калом унс гирифт. Бо назардошти камол бахшидани ҳунари шоирии худ, рӯз то рӯз ба сабки хосси шоирии худ роҳ ёфт ва шеъраш бештар бо ҳамин мазмуни тозаву шево мавриди таваҷҷуҳи мунаққидон ва аҳли таҳқиқ қарор ёфт.

Ҳарчанд, ҳунари шоирии Муҳаммад Ғоиб дар робита ба сабку услуби ҳунарии ӯ ҳамсозиву ҳамнавоиро дар пай дошта бошад ҳам, дар ин робита адабиётшиносон дар нигоштаҳои хеш бо таваҷҷуҳ бар шеъри ин шоири сареҳназар, ӯро яке аз пуркортарин ва сермаҳсултарин шоири муосири тоҷик қаламдод кардаанд, ки шеъраш бештар ба мавзуъҳои истиқлолу ватандорӣ, Модар, ишқи Ватан, ваҳдат ва озодиву ҳақиқатшиносӣ, ҳамчунин, тасвири обу хок ва унсурҳои дигари табиати диёр нигаронида шудааст:

Мактуби Ватандор хати тақдир аст,

Дар бурдани он такя ба кафтар накунед [14, с.3].

Бо ташвиш аз ҳаводиси рӯзмарра чунин гуфтааст:

Бипӯшам бо матои чашмсерӣ гушнаҷисмамро,

Хатои як бадомафтода бар меҳан хатарнок аст. [с.41. 159]

Шоир дар ҳеҷ давру замон аз мушкилоти ҷомеаи Тоҷикистон ва ҷаҳон дар канор набудааст ва бо боварӣ дар рубоии зер гуфтааст, ки ноормии олам аз тасарруф ва тақсимоти давлатҳо аст:

Тарҳи раҳи умрро дигаргун созем,

Дилро зи ғами фикри абад хун созем.

Носозию ҷанги олам аз тақсим аст,

Ислоҳ хатоҳои Фаридун созем. [39 с. 44]

Таҳқиқи шеър ва баррасиҳо дар атрофи сабк ва ҳунари шоирии ӯ пайваста мавқеъ пайдо кард ва андешаи яке аз муҳаққиқони ашъори шоир Саидраҳмон Саидов низ дар ин давраи таърихӣ бар ин асос буд, ки таъкид кардааст: “Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки шеваю тарзи хосси эҷодии худро дорад. Мавзуи Ватан  дар мағз андар мағзи қалбаш ҷойгузин буда,  меҳри Ватанро эътимодбахш таъкид ва тасвир намудааст ” [120,  с.3].

Ҳамин андешаву иқдом буд, ки пешнигарии онро дар шеъри “Ман наметарсам аз он мушкил, ки пеш ояд маро” худи шоир низ ошкор карда буд ва байти мақтаи онро чунин хулоса намуда, бо далолат мегӯяд:

Бо умеду ормонҳо хома бигрифтам ба каф,

То ба фардоҳо расонад шеъри ман бояд маро  [2,  с.16].

Яъне, умеду ормонҳои дар дил парвардааш, ки бояд роҳу равиш ва номи шоирии ӯро то ба “фардоҳо” расонад, пайваста дар амал ба муваффақияти шоирии ӯ меафзуд ва ин таассурот буд, ки дастовардҳои шоирии ӯ ба асоси садоқати беҳамтояш ба мардуми диёр ва Ватан, ҳавову хаёлоти шеърофараш бар таровати боду борони ин сарзамин ба ҳунари шоириаш рӯз то рӯз таъсиргузору амиқтар реша давонд, ки пеш аз ҳама, тасаввуроти бардоштааш ба боздидҳояш дар ҳавои мавзуи дӯстдоштании “деҳа” ӯро бештар ба худ ҷазб медод.

Беш аз ҳар назаре, дар нахустин иқдомоти шоирии хеш Муҳаммад Ғоиб саъй карда буд, ки оғози эҷодиёти худро дар кори тасвир аз диду боздидҳои хаёлбарангез, бо бардоштҳои маънавӣ бар падидаҳо ва аносири табиат бештар ҳамсозу ҳамранг офарад ва ин ҳиссомезӣ ҳам бо ҳамон таровати обу ранги табиидошта дар аввалин шеъри китоби “Роҳи деҳа”-и ӯ муҷассам гардидааст, ки бо номи “Субҳи деҳа” хеле таъсирбахш ва бо манзараи диданбоб болои кор омадааст:

Мерасад аз даричае овоз,

Гиряи кӯдаке расад бар гӯш.

Мӯсафеде баланд месулфад,

Дар дили деҳи хуфтаву хомӯш.

Дар назар чун ситораи субҳ аст,

Тоқа-тоқа чароғи ҳар хона.

Зинда аст он чи хезад аз хобаш,

Пайи рӯзи дигар, ба шукрона.

Аз сари шиғу аз сари девор,

Мурғакон карда дам ба дам парвоз

Гӯшаи боғу бому майдонро

Боз пур мекунанд аз овоз.

Охирин пораи шаби торик

Аз хами раҳ чу оҳ мехезад.

Ҳамчу барчош бар сари деҳа,

Нур аз ҳар канор мерезад [2, с.5].

Аз ин шеър бармеояд, ки шоир бо мақсади рӯнамо кардани ҳунари шеърофарии хеш новобаста ба ҷолиб будани ҳиссиёти хаёлӣ, балки нахуст ба хостаҳои ботиниаш таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва тамоми нозукиҳои самарбори хаёлоташро дар зимни пурра кардани тасвир, ба мавзуи интихобкардааш бор медиҳад ва дар шеъраш ҳунари шоириашро сарфарозона ба намо мегузорад.

Вобаста ба ин андеша метавон афзуд, ки ӯ дар кори тасвир пеш аз ҳама, ба манзара, боздидҳо ва ҳосили мушоҳидоти хеш таваҷҷуҳ кардааст, чунонки “овози дарича”, “гиряи кӯдак”, “сулфаи мӯсафедон”, “чун ситораи дами субҳ дидани чароғи ҳар хонадон”, “шукронаи пайи рӯз ва рӯзии нав”, “парафшонӣ ва нағамоти ширини мурғакон аз сари шиғу аз сари деворҳо ва дар боғу майдон”, “чун оҳ бархостани шаби торик” ва “барчош гардидани нур бар сари деҳа”-ро аз таассуроти худ ба манзари тамошои хонанда ҳаволат кардааст. Ин

ҳам аз тозакориҳои  шоир дар эҷодиёти ӯст, ки барои офаридани тасвири пурназофат ва нигаҳ доштани латофати ҳарфу ҳиҷои расову барҷои хеш дар гуфтани шеъри асил комёб шудааст.

Мавриди дигар, ҷавобгӯйи масъала метавонад таассуроти Муҳаммад Ғоиб бар асари бардоштҳои шоирона аз рӯзгори пурмашаққати даврони тифливу наврасии ӯ бошад, ки минбаъд дар сурати тасвирҳои хаёлбарангез ва ё дар сувари падидаҳои хаёлии ҷолиб болои кор омадаанд ва сирри ҳунари шоирии ӯро равшантар ва ошкоро ба намо гузоштаанд.

Масалан, дар шеъри "Ёди тифлӣ" ба мушоҳида мерасад, ки шоир тамоми манзараҳои ҳаётии басарбурдаашро чи қадар ҳунармандона ба тасвир мегирад:

Ҳар гаҳе фарзанди ман гӯяд: -Падар!
Дил пур аз ғам гардаду ду дида тар.
Тарзи хӯрди кухнапӯше бигзарад,
Чархаке дар даст, аз пеши назар.
Ғози хасрав оварад бар хотирам,
Риштаҳои ҷомаву пироҳанаш.
Меҳри фарзанду падар меҷуст ӯ,
Гӯӣ аз оҳанрабову оҳанаш.
Аз миёни ғамгусорони зиёд,
Меҳрубониҳои бод ояд ба ёд.
Буд шамъи бахти торам моҳу меҳр,
Момаи барчошрези ман сипеҳр.
Қанди рӯзи шодии ман жола буд,
Парчами идонаи ман лола буд.
Баҳри ман ҳамқисмату фарёдрас
Абри гирён, тундари дар нола буд.
Майли тифлам дида бар пуштораам,
Мекунад дарди ятимӣ кораам.
Ман надидам роҳати пуштораро,

Дидаам пуштораи ҳар бораро [30, с.185].

Дидани манзараҳои ба тавсифрасидае дар мисоли “хурди кӯҳнапӯш”, “чархаке дар даст”, “ғози хасрав”, “риштаҳои ҷомаву пироҳан”, ҷустани василаву пайвандӣ дар мисоли “оҳанрабову оҳан”, дарёфти “шамъи бахти тор” дар сурати “моҳу меҳр”, “меҳрубониҳои бод” ва ё ба сифати “момаи барчошрез”, дидани “сипеҳр”, “жола” ба сифати “қанди рӯзи шодӣ”, “лола” ба сифати “парчами идона”, “ҳамқисмату фарёдрас” дар сурати “абри гирёну тундари нолон”, “майли тифли дар пушти падар нишаста” таъсирпазирӣ, ёди “дарди ятимӣ”, надидани “роҳат” дар “пушти падар” ва дидани пуштаҳо ё “пуштораи бораҳо”, тасвири “шафақ” чун “хуни ҷигар” ва “абри гузар” чун “соябони болои сар” ва ё чун “меш” дидани худ ва шабеҳи “гург” дидани “қисмат” ҳамаи калимаву ибораҳои маънибору тасвирсозе ба шумор меравад, ки ранг аз сарнавишти инсони азияткашида ва ятиме бурдаанд ва дар кори тасвирсозӣ дар шеър созгор ва мувофиқи мақсади шоир ҳунарпардозӣ шудаанд.

Чунин тасвирбориҳо фаровон ба назар мерасанд, ки метавон ҳар кадоме ба мазмуну мундариҷа, услуби коргирӣ аз санъатҳои бадеӣ, таносуби мантиқӣ додан ба ибораву ифодаҳо ва ғайра баёнгари ҳунари шоирӣ ва истеъдоди баланди эҷодкории Муҳаммад Ғоиб бошанд. Дар ин маврид андешаи Низом Қосимро меоварем, ки мувофиқи мақсад аст: “Гумон меравад, ки Муҳаммад Ғоиб осон шеър мегӯяд ва сабаби ин заминаи маҳками ашъораш ҳаст... Воқеан, рухдоди андаке Муҳаммадро мутаассир мекунад ва думболи шеър мебарад. Хулосаҳои шеърҳои Муҳаммад шоиронаанд ва ин ҳам аз ҳунарҳои шоирист”[14, с.18].

Ва албатта, ин фикри шоир асос дорад, зеро шеъри Муҳаммад Ғоиб аз нигоҳи аввал фаҳмову осон ба назар мерасад, аммо ҳар каломи он аз дарунмоя маънибор гардидааст. Чунонки худи ӯ мегӯяд:

Ба ҷои айби мардум дида айбам,

Зи худ мардона домангир гаштам...

Ба оҳ омехта ашкам, Муҳаммад,

Ба тасвири сухан таъсир гаштам [30, с.565].

Бояд таъкид кард, ки ҳунари шоирии Муҳаммад Ғоиб рӯйидаи табъи худододи ӯст ва ӯ дар рафти мушоҳидаҳо бар асари саргузашти хеш ва дарёфти маънии сарнавишти мардуми диёраш тавъам шеър меофарад, ки дар ин ҳамбастагии назар ва мантиқ барои дарёфти маънӣ бештар муваффақ мегардад.

Алиасғари Шеърдӯст дар пешгуфтори "Девон"-и шоир навиштааст, ки "Муҳаммад Ғоиб – Шоири халқии Тоҷикистон ба шаҳодати офаридаҳои манзуму мансураш бегумон яке аз фаъолтарин чеҳраҳои адабии муосир ва муассир дар ҳаёти фарҳанги Тоҷикистон аст" [30, с.3].

Ин иқтибос аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир дар ин роҳи пуршебу фароз нафари тасодуфӣ нест. Ва худи Муҳаммад Ғоиб низ бар ин гуфтаҳо сазовор буда, бо доштани ҳунар ва салиқаи шоирӣ, ҳамчунин, гиромӣ доштани бедорхобиҳову дарки машаққати роҳи эҷодии хеш ифтихорманд аст, ки мефармояд:

Гардад, Муҳаммад, аз шом оғоз субҳи шоир,

Моро ба арсаи ном, эҷод мебарорад [30,с.595].

Эътибори ҳунари баланди шоирии Муҳаммад Ғоиб, дар боло таъкид гардид, хеле барвақт ва саривақтӣ аз ҷониби мунаққидон ва адабиётшиносон ба мушоҳида ва ба таҳқиқу таҳлил расидааст.

Соҳиб Табаров арзиши шеъри ин шоирро дар замони шуравӣ баҳогузорӣ карда, худро "ихлосманд ва иродатманд"-и шоир унвон мебарад. Ин адабиётшинос бо таваҷҷуҳ ва ихлосмандӣ бар як ғазали Муҳаммад Ғоиб, ки сабабгораш ин байт аст:

Зи урён гуфтани худ шарм медонад қалам имрӯз,

Сарираш оҳ мегардад ба сина аз алам имрӯз [30, с.541].

Бо як ҳиссиёти баланди иродатмандӣ фармуда буд, ки "Банда аминам, ки ҳоло аксари ҳамзабонони имрӯза, ки даст ба сина зада, дар бораи миллат,

худшиносии миллати тоҷик гап мезананд, “Сӯхтан кард баланд оташи истеъдодам”-и Шуморо нахондаанд!” [30, с.19].

Офаридани тасвирҳои зебо дар қабои шеър ва ифшо кардани ҳунари шоирӣ дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб ҷилваи зиёд дорад ва шоир дар сайқал додани ин ҳунари хеш бо рӯнамоии тасвирҳои чашмрас устувор аст ва ин ҳам дар зимни густариш додани салиқаи шоирӣ, бахусус, дар шеъри асили ӯ ба сурат равшан гардидааст. Ин маънӣ дар корбурди мушоҳидаҳои тозаи шоирона, ки саропои эҷодиёти ӯро зевар бахшидаанд, пайдо мегардад.

Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки дар баён кардани сухан ҷасорати зиёд дорад ва саросари ашъораш аз ғояҳои тарбиявӣ, маърифатӣ, панду андарз ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ иборат аст. Ҷанбаҳои шеъри шоир фасеҳназарона ва гуногунмаъноянд, аммо мавзуъҳои муҳҳаббат ба тақдиру қисмати инсон миёни ҳамаи мавзуъҳои интихобкардаш мақоми махсус дорад. Ба андешаи Сипеҳри Ҳасанзод: “Як бурди Муҳаммад Ғоиб дар он аст, ки масъулияти суханро назди ҷомеа хуб эҳсос мекунад. Шеъри ӯ ҳадаф дорад. Шоири маҳбуб солҳост, ки ташнагони шеърро аз чашмаи илҳомаш нӯшонидаву аз пайи хомаи хеш дар хотираҳо нақш мондааст”[60, с.71].

Воқеан Муҳаммад Ғоиб шоири андешаҳост ва бемуҳобот, дар ин роҳи шебу фароз ба дарёфти дурри мақсуд муваффақ низ шудааст. Чунончи, дар шеъри зер гуфтааст:

Рози дил соҳибватан берун насозад аз лабаш,
Дар ҳузури ғайр бояд ӯ нагӯяд матлабаш.
Бояд аз гармии мақсудаш надонад кам табаш,
Ҷонфидо дорад нишони рӯзи рӯшан дар шабаш [14, с.8].

Ашъори шоир моломол аз муҳаббату садоқат ба Ватан, вафодорӣ ба ёру диёри хеш ва меҳрпарварист. Дар аксари шеърҳои шоирмавзуъҳоитаърихи пурифтихори миллат, рӯҳи тавоно ва шикастнопазири фарзандони барӯманди тоҷик, аз ҷумла мутаҳҳидсозии миллат, созандагию ободкорӣ, ташаббусҳои мондагори Қаҳрамони миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикос ёфтааст:

Ман шоми тори мулкро чун субҳ нуронӣ кунам,

Тақдим умри хешро дар роҳи инсонӣ кунам.

Ғамхорӣ ҳар маҳзун шавам, дилсӯзи ҳар дилхун шавам,

Тифли падаргумкардаро умре нигаҳбонӣ кунам.

Ҷамъ оварам ҳар хӯшаро, хирман кунам ҳар гӯшаро,

Номи диёри хешро "Мулки фаровонӣ" кунам [14, с.52].

Як ҷиҳати дигари ҷолибу фарқкунандаи ашъори шоир дар он аст, ки мазмун ва тасвир дар шеъраш сохтаву бофта нест. Ӯ дар шеър зиндагӣ мекунад. Ин яке аз сабабҳои фарқкунандаи шеъраш аз шоирони дигар аст. Камол Насрулло дар яке аз мақолаҳояш нигоштааст: "Муҳаммад Ғоиб, ки аслан физик аст, пешааш дуртар аз филология мебошад, бо тақози дил ва кашиши завқу табъ ба олами шеър омадааст. Аз ин рӯ аст, ки ӯ мавзуъ намекобад, он чиро ба тасвир мегирад, ки мебинаду меандешад [99, с.37-38].

Муҳаммад Ғоиб чун физик медонад, ки наг воҳиди ченак надорад, яъне нангро бо клограмм ва ё сантиметр чен кардан нашояд. Аз ин рӯ, дар ғазали зер ибораи "як зарра нанг"-ро хеле моҳирона истифода бурдааст.

Гарди Ватан ба хирмани гавҳар намедиҳам,

Хоки раҳи диёр ба мар-мар намедиҳам.

Як зарра нангро ба ҳама зар намедиҳам,

Дунёи нангу ор манам, ориёиям [41 с.44].

Мафҳуми нанг категорияи ғайримоддӣ буда, аз зарраҳо низ иборат нест, аммо шоир мисраъҳои шеъриро хеле моҳирона ва оссонбаён иншо намудааст, ки аз ҷониби хонанда ва шунаванда хеле хуб пазируфта мешавад.

Ҷоиз ба тазаккур аст, ки дар саросари ашъори Муҳаммад Ғоиб чунин мисраъҳо ва абёти ҳунармандона сурудашуда хеле зиёданд, ки ҳанӯз мавриди баррасӣ ва таҳқиқоти мукаммале аз ҷониби адабиётшиносон қарор нагирифтаанд.

# ХУЛОСА

Натиҷагирӣ аз бобҳо ва фаслҳои таҳқиқотро, дар маҷмуъ, метавон дар бандҳои зерин чунин хулоса кард:

1. Бо назардошти баррасии вижагиҳои шеъри Муҳаммад Ғоиб дар боби аввали диссертатсия ҷиҳати осор ва падидаҳои ҳунарии ашъори шоир таҳқиқот ба анҷом расида, давраҳои омӯзиш, муҳити таҳсил, доираҳои адабӣ ва лаёқати адабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Эҷодиёти шоир дорои мундариҷаи фарох буда, танҳо дар як навъи шеърӣ маҳдуд намемонанд. Дар ин замина, бо тарзи корбурд аз санъатҳои бадеӣ ва анвои мухталифи жанрӣ тамоми мавзуъҳои ба кор бурдааш таҳкиму камол ёфтаанд [4-М].

2. Муҳиммияти мавзуи диссертатсия дар муайян намудани доираи мавзуоти ашъори Муҳаммад Ғоиб бештар инъикос ёфта, ҷанбаҳои халлоқияти ҳунари шоирӣ ва эҷодгаронаи ӯ бештар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мавзуъҳои асосии ашъори Муҳаммад Ғоибро ҷанбаҳои ватанпарварона, ишқу самимияти инсонӣ, лирикаи иҷтимоиву сиёсӣ, гузаштаи таърихӣ ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолии кишвар, ҳамчунин, таҷассуми симоҳои барҷастаи мардуми тоҷик ташкил дода, ӯро дар кори эҷодӣ муваффақ гардонидаанд [3-М].

3. Мавзуи муҳим ба таҳқиқи тавсифи чеҳраҳои мондагор ва номҳои таърихӣ дар шеъри Муҳаммад Ғоиб нигаронида шуда, бо таваҷҷуҳ ба чеҳраҳои мондагори таърихиву устуравӣ ва шахсиятҳои шинохташудаи замони муосир бинобар пайгирӣ аз ашъори шоир таҳлилҳои назаррас анҷом дода шуданд. Таваҷҷуҳ ба чеҳраҳои таърихӣ дар саросари ашъори шоир бо рангу тобишҳои мухталиф ҷило медиҳад ва натиҷаи пажуҳиш ҳам марбут ба чунин ҷузъиёти муҳимми таҳқиққунандаи ҳунари шоирии Муҳаммад Ғоиб мебошад [1-М].

4. Дар диссертатсия хусусиятҳои жанрии ашъори Муҳаммад Ғоиб баррасӣ гардида, навъҳои суннатии шеър аз лиҳози сабку маҳорати тасвиророӣ муқоиса мешаванд ва иқдомҳои навоварии шоир дар навъҳои

суннатӣ (ғазал, рубоӣ, дубайтӣ) мушоҳида мегарданд. Ҷойгоҳи ғазал дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб бештар ҷой дошта, як навъи баёни арзи ҳол дар ишқу самимият маҳсуб мегардад. Шоир дар ғазалҳои хеш ба мавзуъҳои инсонгароӣ, меҳру муҳаббат, ҳамдилӣ ва ҳамгироӣ таваҷҷуҳи зиёд намудааст [2-М].

5. Шоир дар эҷоди рубоӣ ба тозапардозӣ бар талаботи эҷоди ин навъи шеъри кӯҳан, бо иқдомоти пайгирона бар равияву мактабҳои рубоисароии классикони адабиёти форсу тоҷик ва ҳам бо таҷриба аз бардоштҳои маънавӣ дар заминаи рубоисароии шоирони муосири тоҷик хеле муваффақона кор гирифтааст [3-М].

6. Муҳаммад Ғоиб дар рушди шеъри суннатӣ, ба вижа эҷоди дубайтиҳо дар адабиёти тоҷик ҷойгоҳи хос дорад ва ба сурудани навъи дубайтӣ тавонистааст, ки сабки фардии худро муаррифӣ кунад. Дар ин жанри суннатӣ низ комёб буда, онро дар эҷодиёти худ пайваста такмил додааст. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки шоир дар дубайтиҳо эҳсосоти баланди аз нигоҳи шоирона ҷолибро бо истифода аз санъатҳои бадеӣ бо ҳусни баёну назокати гуфтор ва ҳунари шоирӣ тасвир намудааст [7-М].

7. Дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб шеъри чаҳорпора низ ба назар мерасад, ки ба мавзуи арзишҳо бар ифтихори милливу ҳисси ватандӯстӣ, ҳамчунин, дастовардҳои фарҳангиву таърихӣ, бахусус дастовардҳои Истиқлолии кишвар ташкил додаанд. Дар ин самт ӯ тавонист, бо дарки маъниҳои сиёсиву таърихӣ ва адабӣ, ҷой додани маъниҳои лирикӣ, бахусус лирикаи иҷтимоӣ ва ошиқона ба тозаҷӯйиҳои пайваста бирасад [3-М].

8. Муҳаммад Ғоиб дар сурудани шеъри озод низ маҳорати баланди шоирӣ нишон дода, ин навъи шеъри худро бо тозакориҳои тасвирӣ, нигоҳи шоирона, шеваи баён, риояи оҳанг дар дарозиву кӯтоҳии мисраъҳо, равонии вазну мураттабии ҳиҷоҳо дар вобастагӣ ба мавзуъ ва мазмуни шеър бештар мураттаб намудааст. Ӯ дар корбурди санъатҳои бадеӣ ва андешаҳои тахайюлбор дар офаридани шеъри озод, ки ба миқдор кам, аммо ба сифат хуб

гуфтааст, комёб гардида, дараҷаи шоирии хешро дар ин самт низ возеҳ нишон дода тавонистааст. Шеърҳои озоди шоир бо нозукбаёнӣ, тасвиркорӣ ва навҷӯиву тозагӯйиҳо аз ашъори суннатиаш ба маъниву мазмун ҳам тафовут доранд, зеро дар шеъри озод бештар доманаи мавзуъро вусъат мебахшад ва ба ин тариқ мазмун меофарад [8-М].

9. Шоир дар робита бо шеъри бачагона нахустин падидаҳои хаёлӣ ва мушоҳидоти хешро дар сурати назм болои сафҳа оварда ва аз комёбтарин шоирони бачагона аст, ки шеъраш саропо ба дунёи зоҳириву ботинӣ ва хостаҳои ормони кӯдакон рост меояд. Шоир бо роҳҳои дарку эҳсоси дунёи кӯдакон огоҳона заруриёти ҷаҳоннигарии ин зумраи ҳаводорони каломаш шеърашро ба тариқи корбурди воситаҳои бадеӣ калимаҳоро суфта ва ба дунёи онҳо наздику ҳамсон меофарад ва бо дарназардошти чунин ҷанбаҳои отифӣ ва омӯзанда роҳи тарбия ва таълими ин қишри ҷомеаро дар шеъраш, пеш аз ҳама, бо муъҷазбаёнӣ матраҳ мекунад. [2-М].

10. Нуктаи муҳим дар шинохти ашъори Муҳаммад Ғоиб назари возеҳ доштан бар ҷанбаҳои усулӣ ва тарзи истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори ин шоир ба шумор меравад. Муҳаммад Ғоиб дар тарзи корбурди санъатҳои бадеӣ ва  воситаҳои дигари тасвирсоз дар шеър ҳунари воло нишон дода, тавонистааст, ки ашъори хешро аз нигоҳи санъатӣ ва бадеияти хос бештар ғановатманд гардонад. Дар ин миён коргирии ӯ бештар бо санъатҳои тазоду муқобала, такрор, ташбеҳ ва рамз, киноя, руҷуъ, таҷнису тамсил, масал, лутф, муаммо ва ғайра рӯ оварда, ба шеъри худ тобишҳои бадеӣ зам намудааст [6-М].

11. Шоир дар ин замина, бо таваҷҷуҳ ба корбурди воситаҳои бадеӣ, доираимавзуъҳоихешро дар зимни эҷоди шеър вусъат дода, ба ин восита таҷриба ва салиқаи шоирии худро низ камол бахшидааст. Ӯ дар шеъри худ аз тасвирпардозиҳои тоза кор гирифта, ба доираимавзуъҳоиинтихобнамудааш дар бор овардани шеър ба ҳар васила роҳ мекушояд. Пажуҳиш нишон дод, ки марҳилаҳои фаъолияти эҷодии Муҳаммад Ғоиб, бо фарогирии ошкор

намудани ҳунари шоирии ӯ, сабки эҷод ва дарёфти роҳи эҷодӣ, заминасозӣ бар шаклу сохтор, мазмуну мундариҷа, вусъати нигоҳи шоирона, такомули ҳунари шоирӣ ва бархурдориву бардоштҳои маънавӣ бар таҷрибаҳои ӯ дар коргоҳи шоирӣ аз тақвият ёфтани ҳунари шоирии ӯ дарак медиҳанд [5-М].

12. Дар диссертатсия бо назардошти ҷанбаҳои бадеият ва хусусиятҳои забонӣ, ба тамоми паҳлуҳои бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб рӯ оварда, бо фарогирии мундариҷа ва мазмуни ҳамаи навъҳои шеърии ӯ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба натиҷае расидем, ки маъниву муҳтаво дар ҳар шеър, аз маҷмуа то маҷмуаи дигараш боз ҳам ба вусъат густурдатар шуда, хосатан ҷанбаҳоимавзуъҳоисиёсӣ, иҷтимоӣ ва лирикии шеър дар эҷодиёти ӯ бештар ба тозакориву тасвирборӣ таҳким ёфтааст [4-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Омӯзиши масъалаҳои мавриди назари диссертатсия таҳқиқи хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори Муҳаммад Ғоиб аст. Аз ин хотир, истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқикро метавон ба тариқи зайл пешниҳод кард:

1. Хулоса ва натиҷаҳои бадастовардаро ҳангоми таълифи китобу дастурҳои назарии адабиётшиносии тоҷик мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

2. Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб яке аз қисматҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб рафта, барои тарбияи ғоявӣ, бадеӣ, ватандӯстӣ ва зебоишиносӣ нақши созгор мебозад.

3. Таҳқиқоти мазкур барои омӯзиши хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори Муҳаммад Ғоиб барои муҳаққиқони ҷавон ва пажуҳишгарони оянда раҳнамои хуб буда метавонад.

4. Адабиётшиносонро зарур аст, ки бо дарназардошти масъалаҳои назарӣ ва амалии мавҷуда ин унсури муҳимми илми адабиётшиносиро дар асарҳои марбут ба мавзуи таҳқиқгардида дар адабиёти имрӯзаи тоҷик мавриди пажуҳиш қарор диҳанд.

5. Натиҷа ва хулосаҳои диссертатсия дар муайян кардани равишҳои услубу сабки асари бадеӣ, бахусус, ашъори ғиноӣ, назми эпикӣ ва арзёбии ҷанбаҳои сиёсиву ғоявӣ ва иҷтимоию ошиқонаи шеъри муосир метавонад муфид бошад.

## Рӯйхати адабиёт

## I. Сарчашмаҳо:


1. Ғоиб, М. Турнаҳо [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Маориф, 1980. – 44 с.
2. Ғоиб, М. Роҳи деҳа [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 48 с.
3. Ғоиб, М. Тути дара [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Маориф, 1984. – 59 с.
4. Ғоиб, М. Меҳргиёҳ [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 143 с.
5. Ғоиб, М. Сад ғазал [Матн] / М. Ғоиб. – Кӯлоб: Сада, 1991. – 103 с.
6. Ғоиб, М. Лолаи чашм [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 1993. – 173 с.
7. Ғоиб, М. Як шаби танҳоӣ [Матн] / М. Ғоиб. – Кӯлоб: Шуъбаи адибон, 1993. – 44 с.
8. Ғоиб, М. Хирмани моҳ [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 1989. – 165 с.
9. Ғоиб, М. Шоҳи Ҳамадон [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Ирфон, 1995. – 100 с.
10. Ғоиб, М. Ашки қалам [Матн] / М. Ғоиб. – Кӯлоб: Сада, 1996. – 91 с.
11. Ғоиб, М. Дидор [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Шарқи озод, 1997. – 223 с.
12. Ғоиб, М. Фироқнома [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Ганҷина, 1998. – 24 с.
13. Ғоиб, М. Фарёди ёдҳо [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 1998. – 224 с.
14. Ғоиб, М. Меҳри Ватан [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Эр-граф, 2023. – 104 с.
15. Ғоиб, М. Хоки Ватан [Матн] / М. Ғоиб. – Кӯлоб: Сада, 1999. – 32 с.
16. Ғоиб, М. Суруди ишқ [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Бофанда, 2001. – 80 с.
17. Ғоиб, М. Гавҳари меҳр [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 48 с.
18. Ғоиб, М. Гумгаштапайдо [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 126 с.
19. Ғоиб, М. Роҳи каҳкашон [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 31 с.

20. Ғоиб, М. Боми сипеҳр [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 111 с.
21. Ғоиб, М. Каъбаи дил [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Матбуот, 2003. – 316 с.
22. Ғоиб, М. Сукути ашк [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Матбуот, 2004. – 47 с.
23. Ғоиб, М. Пойгаҳ[Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе, 2004. – 40 с.
24. Ғоиб, М. Наврӯз [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Собириён, 2007. – 32 с.
25. Ғоиб, М. Қиблаи умед [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 2002. – 111 с.
26. Ғоиб, М. Фархундапай [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 96 с.
27. Ғоиб, М. Поси ошноӣ [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 2008. – 255 с.
28. Ғоиб, М. Имоми Аъзам [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 56 с.
29. Ғоиб, М. Ватани Наврӯз [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 2010. – 61 с.
30. Ғоиб, М.  Девон [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 1015 с.
31. Ғоиб, М. Мавҷи нур [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Ватанпарвар, 2010. – 156 с.
32. Ғоиб, М. Чашмаи меҳр [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 208 с.
33. Ғоиб, М. Ифтихор [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 2011. – 223 с.
34. Ғоиб, М. Дарди номус [Матн] / М. Ғоиб. – Хуҷанд: Ношир, 2014 – 228 с.
35. Ғоиб, М. Сояи нур [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 2014. – 472 с.
36. Ғоиб, М. Рӯҷӯи нотамом [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Андалеб Р, 2015. – 123 с.
37. Ғоиб, М. Дарди ҳастӣ [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Русская литературия, 2015. – 238 с.
38. Ғоиб, М. Тоҷикистон ватани наврӯз аст [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2015. – 10 с.
39. Ғоиб, М. Оҳи ашк [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 2009. – 264 с.

40. Ғоиб М . Афсонаи нав [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Ирфон, 2024. –144 с.
41. Ғоиб, М. Сесаду шасту шаш ғазал [Матн] / М. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 2017. – 383 с.
42. Ғоиб, М. Баҳои ҷон [Матн] / Ғоиб Муҳаммад. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 353 с.
43. Турсунзода, М. Осори мунтахаб. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. Шеърҳо. Дар бораи худам. / Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 318 с.
44. Шералӣ, Л. Дасти дуои модар.-Душанбе: Адиб, 1990. -112 с.
45. Шералӣ, Л. Мо тоҷиконем [Матн] / Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Нашри анвор, 2015. – 40 с.
46. Шералӣ, Л. Куллиёт [Матн] / Лоиқ Шералӣ // – Китоби якум. –Хуҷанд: 2001. – 724 с.
47. Шерозӣ, Ҳ. Куллиёт /Мураттиби китоб ва муаллифи сарсухан Ҷамшед Шанбезода. Муҳаррир М. Шералӣ. – Д.: Ирфон, 1983. – 672 с.

**II. Адабиёти илмӣ:**

48. Абдулло, З. Шеъри зиндаи зиндагӣ//Маҷмуи мақолаҳо. Чароғи андеша [Матн] / З. Абдулло. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.54-58.
49. Абдулло, З. Нолаи найи устухон. //Маҷмуи мақолаҳо.Чароғи андеша [Матн] / З. Абдулло. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.58-60.
50. Абдулло, З. Баёзи гардани Ватан// Маҷмуи мақолаҳо Чароғи андеша [Матн] / З. Абдулло. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.60-62.
51. Абурайҳони Б. Осорулбоқия [Матн] / Б. Абурайҳон – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.
52. Абубакр М. Таърихи Бухоро [Матн] /. М. Абубакр – Душанбе: Дониш,1979.
53. Акбаров, Ю. Мулоҳизаҳо оид ба ашъори ҷавонон. Шеъри эҳсос ва тафаккур [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С. 157-189.

54. Акбаров, Ю. Ҷустуҷӯҳои эҷодию ахлоқӣ [Матн] / Ю. Акбаров. –Душанбе: Ифон, 1990. – 260 с.
55. Акбарзода, Ю. Рисолати шоир ва шеър [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2009. – 376 с.
56. Акбарзода, Ю. Адибон ва ноқидон [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 498 с.
57. Акбарзода, Ю. Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 196 с
58. Асозода, Х. Саргузашти устод Лоҳутӣ.-Душанбе, 2009.
59. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.
60. Асозода, Х. Адабиёти садаи бисти форсии тоҷикӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Сино, 1996. – 161 с.
61. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) [Матн] / Х. Асозода // Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
62. Аҷамӣ, М. Сухан покист, танҳо он бимонад [Матн] / М. Аҷамӣ. – Садои Шарқ. – № 4, 2018. – С.149.
63. Аҷамӣ, М. Фурӯғи чароғи андеша. Маҷмуи мақолаҳо// Чароғи андеша [Матн] / М. Аҷамӣ. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.36-53.
64. Аҷамӣ, М. Ҷилваҳои мавзуни андеша. Тафаккур ва ҳис дар шеър [Матн] / М. Аҷамӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 284-294.
65. Аҷамӣ, М. Шоире бо китобу сабки худшиносӣ [Матн] / М. Аҷамӣ. – Душанбе: Паёми ошно, 2013. – 158 с.
66. Боев, Ш. Андешаҳо роҷеъ ба маншаъ, пайдоиш ва баъзе вижагиҳои жанри рубоӣ [Матн] / Ш. Боев // Паёми Донишгоҳи забонҳо. –Душанбе: 2024. – №2 (54). – С. 163-164.
67. Баҳодур, Б. Шоире, ки одами наҷиб ҳам ҳаст [Матн] / Б. Баҳодур // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2024. – №3. – С. 3.

68. Брагинский, И. С. О возникновении газели в таджикско-персидской литературы [Текст] / С. И. Брагинский. – Советское востоковедение. – 1958. – №2. – С. 100-102.
69. Ваҳҳоб, Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик [Матн] / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 200 с.
70. Горький, М. О литературе [Текст] / М. Горький. – Москва: 1953. – 690 с.
71. Горький, М. Собрание Сочинений в 30 т. Т. 27. [Текст] / М. Горький. – 1953. -589 с.
72. Ғоиб, М. Маҷмуаи мақолаҳо ва китобномаҳои шарҳиҳолӣ [Матн] / Ғоиб Муҳаммад. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2023, 264 с.
73. Ғоиб, Ҷ. Қадру манзалати Ватан аз нигоҳи Муҳаммад Ғоиб [Матн] / Ҷ. Ғоиб// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: 2020. №5. С.203 - 207.
74. Зуфнунбӣ, С. Зиндагиномаи Муҳаммад Ғоиб [Матн] / С. Зуфнунбӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: 2020. – № 6. – С. 217.
75. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 328 с.
76. Зеҳнӣ, Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1960. – 259 с.
77. Имомзода, М. С., Мисбоҳиддини Н. Қаробати авзони арузӣ бо муҳтавои ғазал дар ашъори Муҳаммад Ғоиб [Матн] / М. С.Имомзода ва Н. Мисбоҳиддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №1. – С.196-202.
78. Имомзода, М., Нарзиқулов, М. Ғазал дар коргоҳи эҷодии Муҳаммад Ғоиб [Матн] / М. Имомзода, М. Нарзиқулов // Садои Шарқ. – 2019. – №10. – С. 142-143
79. Кадканӣ, Шафеъи, Муҳаммадризо. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. –732 с.

80. Кӯчаров, А. Лолаи чашм амиқ менигарад// Маҷмуи мақолаҳо. Чароғи андеша [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.18-25.
81. Кӯчарзода, Аламхон. Абармарди роҳи омӯзишу пажӯҳиш [Матн] / А. Кӯчарзода. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024. – 252 с.
82. Қосимов, С. Вижагиҳои мундариҷавию шаклии шеъри замони истиқлол [Матн] / С. Қосимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбааи ДМТ. – 2018, № 8. – қ. 2. – С. 238-243.
83. Қосимов, С. Рӯзгор ва осори Салими Хатлонӣ [Матн] / С. Қосимов. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 192 с.
84. Қосимзода, С.С. Мабоҳис ва масоили равишҳои шинохти сабки фардии шоир / С.С. Қосимзода // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмӣ). - Душанбе, 2022. -№2. -С. 63-70.
85. Қабул, М. Ҳафт қулзум, ҷ. 9. -Чопи ҳинд, 1203 ҳ.- с. 40-43.
86. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.
87. Маҳмадаминов, А. Корномаи Сомеи Одиназодаи Хатлонӣ [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 2004. – С. 6-163.
88. Маҳмадшоев, М. Масъалаҳои нақду сухансанҷӣ дар адабиѐти тоҷику форс (асрҳои XYI-XYII) / М. Маҳмадшоев. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. - 243 с.
89. Мақсудов Б.Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Б. Мақсудов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 166 с.
90. Мирзоев, А.Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. – Сталинобод,1947.
91. Мирзоев, А.Мулҳами Бухорӣ. –Сталинобод, 1948.
92. Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV [Матн] / А. Мирзоев // Нашри сездаҳ мақола. – Душанбе: 1977. – С. 286.
93. Мирзо, М.Адабиёт. Фарҳанг [Матн] / Муллоаҳмад М. – Душанбе: Адиб,1998. – 336 с.

94. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Х. Мирзозода // Аз давраи қадим то асри XIII. – Китоби якум. – Душанбе: Маориф, 1987. – 488 с.
95. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Х. Мирзозода // Аз давраи қадим то асри XIII. – Китоби дуюм. – Душанбе: Маориф, 1989. – 424 с.
96. Муваҳҳид, З. Дирӯз ва имрӯзи шеъри форсӣ [Матн] / Зиё Муваҳҳид. – Теҳрон: Интишороти ҳермиз, 1394. – 288 с.
97. Мусаффо, М.Посдорони сухан [Матн] / Мазоҳир Мусаффо. – Теҳрон:1335. – 483 с.
98. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.
99. Насрулло, К. Фарзанди замони хеш [Матн]// Маҷмуаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ. – Душанбе: 2023. – С. 37-38. К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 8 август.
100. Насрулло, К. Оташам аз озарахши сангҳост [Матн] / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 8 август.
101. Нарзиқул, М. Муқаддимаи шеършиносӣ [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2004. – 80 с.
102. Низом, Қ. Тани зебои маънӣ орзуи пираҳан дорад [Матн] / Қосим Низом // Ҷавонони Тоҷикистон.– Душанбе.– 03.09.2024. – С. 3.
103. Низом, Қ. Ман боми умеди ҳам чун боми сипеҳрам [Матн] / Қ. Низом // Маҷмуаи мақолаҳо. Чароғи андеша. – Душанбе: 2007
104. Отахонова, Х. Падидаҳои навҷӯӣ [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1972. –176 с.
105. Ориён, Ш. Муҳаммад Ғоиб шоире аз гунаи дигар [Матн] / Шамсулҳақ. О. Маҷмуаи мақолҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ [Матн] // Шамсулҳақ О. – Душанбе: Меъроҷ-граф, 2023, С.47-55
106. Раҷабӣ, М. Замини шеър барӯманд аст. Маҷмуи мақолаҳо .Чароғи андеша [Матн] / С.Р. Маъруф. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.11-17.

107. Раҳимӣ, М. Ниёзи замон ва шеъри имрӯз [Матн]  / М. Раҳимӣ // Адаб. – 2015. – №2.  – С. 46-51.
108. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн]  / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 424 .
109. Раҳмонов, А. Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ [Матн]  / А. Раҳмонов. – Душанбе: 1999. – 196 с.
110. Раҳмонов, Ш. Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ [Матн]  / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 1988. – 144 с.
111. Ризо, Бароҳанӣ. Тилло дар мис дар шеъру шоирӣ [Матн]  / Бароҳанӣ Ризо. – Теҳрон: Ковиён, 1347. – 664 с.
112. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-Муъҷам (Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп: У. Тоиров) [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
113. Розӣ, Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайс. Алмуъҷам фӣ маойири ашъор ул Аҷам.- Теҳрон, 1314.
114. Раҳмонзода, А. Рӯ ба дарки дунёи маънавии инсон. (Фарёди ёдҳо – М. Ғоиб) [Матн] /А. Раҳмонзода // Садои Шарқ. – Душанбе: –2018. №6. С.141-149.
115. Раҳимов, Х. Шириниҳои «Ғами ширин». Маҷмуи мақолаҳо. (ароғи андеша [Матн] / Х. Раҳимов. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.88-93.
116. Салим, М. Васфи диёр //Маҷмуи мақолаҳо .Чароғи андеша [Матн] / М. Салим. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.77-80.
117. Салим, М. Гумгаштапайдо//Маҷмуи мақолаҳо .Чароғи андеша [Матн] / М. Салим. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.81-84.
118. Салим, М. Хати роҳ// Маҷмуи мақолаҳо.Чароғи андеша [Матн] /М. Салим. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.84-87.
119. Саидаҳтам, З. Зиндагиномаи Муҳаммад Ғоиб [Матн] /З. Саидаҳтам // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. №6. – С.216-220.

120. Саидов, С. Шеъри шоири асил ва рисолати он [Матн] / Саидраҳмон Саидов. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 80 с.
121. Саидзода, Ҷ. Сувари хаёл дар шеъри Рӯдакӣ [Матн] / Ҷ. Саидзода. – Душанбе: 2009. –100 с.
122. Саид, Н. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ. Дар ду ҷилд — Теҳрон, 1344, – 1166 с.
123. Саидҷаъфаров, Ш. Фатҳи қуллаҳо / Ш. Саидҷаъфаров. – Кӯлоб: Сада, 1993. – 65 с.
124. Сайфуллоев, А. Ҷанбаҳои ҳунарии шеъри М. Турсунзода [Матн] / А. Сайфуллоев // Ифтихори миллат. – Душанбе: 2002. – С. 78-97.
125. Сайфуллоев, А. Ойинаи барқади сухан.-Душанбе, Адиб.- 2013, 320 с.
126. Натторзода, А. Куҳна ва нав [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 254 с.
127. Сафар, У. Аз розҳои пинҳоннишин [Матн] / У. Сафар // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 1 июн.
128. Сафар, У. Сиёвуши Касроӣ ва “шеъри нав”-и форсӣ [Матн] / Умар Сафар. – Душанбе: 1996. –144 с.
129. Сафар, У. Нимо ва шеъри форсӣ [Матн] / Умар Сафар. – Душанбе: Шарқи озод, 2005. –168 с.
130. Сафар, У. Бигӯ тарона бимонад [Матн] / Умар Сафар // Нақде бар сурудаҳои Салими Хатлонӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 192 с.
131. Табаров, С. Гуфтугӯи якка бо шоир// Маҷмуи мақолаҳо .Чароғи андеша [Матн] / С.Табаров. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.4-10.
132. Табаров, С. Меҳнат ва ҷустуҷӯ асоси самари эҷодист [Матн] / С. Табаров // Ҳаёт, адабиёт, реализм. – Ҷ. 3. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 208 с.
133. Табаров, С. Гуфтугӯи якка бо шоир [Матн] / С. Табаров // китоби Девон. – Душанбе: Пайванд, 2009 – С.16.
134. Тоиров, У. Шеър сохтан ҷон гудохтан аст. Меъёр ва андозаҳои шеър [Матн] / У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 2013. – С. 21-32.

135. Тағоймуродов, Р.Шеър ва ваҷҳи доноӣ дар он // Паём ДДБ ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ).- Бохтар: Матбаа, 2019.-№1/1 (59).- С.5-12
136. Хатлонӣ, С. Каломи меҳр аз "Боми Сипеҳр" [Матн] / Хатлонӣ С. // Маҷмуаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ. – Душанбе: 2023. – С. 39-46.
137. Ҳакимов, А. Шеър ва замон [Матн] / Аскар Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 252 с.
138. Ҳусайнӣ, А. М. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] / М. А. Ҳусайнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 272 с.
139. Ҳусейнзода, Ш. Баҳс ва андеша [Матн] / Ш. Ҳусайнзода. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 264 с.
140. Ҳасанзод, С. Саҷдаи шоир ба халқ// Маҷмуи мақолаҳо. Чароғи андеша [Матн] / С.Ҳасанзод. – Душанбе: Ямини содиқ, 2007. – С.70-76.
141. Чалишев, С. Шохаи пургули умраш сухан аст [Матн] / С. Чалишев // С. Ҳакимзода. Куллиёт. – Душанбе: Адиб. – С. 5-17.
142. Чароғи андеша [Матн] // Андешаҳо перомуни шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб. – Душанбе: Ямини Содиқ, 2007. – 97 с
143. Ҷалилов, Ғ. Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Муҳаммад Ғоиб [Матн] / Ғ. Ҷалилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – №4. – С. 222.
144. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти асри бистуми тоҷик [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: 2006. – 455 с.
145. Шарифзода, Х., Нарзиқул, М. Таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Х. Шарифзода, М. Нарзиқул. – Душанбе: ТоРус, 2017. – 415 с.
146. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. –276 с.
147. Шарифов, Х., Тоиров, У. Назмшиносӣ [Матн] / Худоӣ Шарифов, Урватулло Тоиров. – Душанбе: ҳоҷӣ ҳасан, 2015. – 386 с.

148. Шералӣ, Л. Азми дурусту саъйи комил [Матн] / Л. Шералӣ // китоби Роҳи деҳа. – Душанбе,1981.
149. Шеърдӯст, А. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон [Матн] / А. Шеърдӯст. – Теҳрон: 1390. – 758 с.
150. Шеърдӯст А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик. - Душанбе: Адиб, 1997. - 227 с.

### III. Фарҳангу луғатҳо:

151. Атахонов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Т. Атахонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2002. – 454 с.
152. ирзозода,Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ.-Душанбе: Маориф, 1992,240 с.
153. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн] / Ҷ. 1. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
154. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн] / Ҷ. 2. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 947 с.
155. Ҳодизода, Р., Шукуров, М., Абдуҷабборов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.
156. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [Матн] Ҷилди 2. – Душанбе, 1989. – 559 С.

### IV. Диссертатсия ва автореферат

157. Абдуллаев, А. Проблемы жанрамавзуъҳоистиля в персидско-таджикской лирике первой половины XI в. Автореферат докт.филол.наук: 10.01.03 [Текст] / А. Абдуллаев. – Душанбе, 1983. – 48 с. 196.
158. Бабаева, С.Ю. Особенности повествовательной структуры в современной таджикской прозе /К проблеме позиции авторамавзуъҳоигероя в художественном произведении [Текст] /Авторев… канд.филол.наук: 10.01.03 / С.Ю. Бабаева. – М., 1983. – 22 с. 197.
159. Забеҳулло, Б.С.Таҳаввули шеър дар адабиёти тоҷики замони Шуравӣ

(ибтидои садаи бист то солҳои 80). Диссертатсия:10.01.01 – Адабиёти тоҷик –Душанбе,178с.

160. Каримов Ш. Поэтикаи ашъори ғиноии Муҳаммад Ғоиб. диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401–Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) - Душанбе: - 178 с.

161. Сатторов, А. Из истории персидско-таджикской литературной мысли (X-XVвв) [Текст] / Автореф. канд.филол.наук: 10.01.03 / Абдунаби Сатторов – Душанбе, 1972. – 20 с.

## V. САРЧАШМАҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

162. Неъматзода М.Сеҳри сухан (мақоми рубоӣ ва дубайтӣ дар назми шоир (Аскар Ҳаким). https://www.askar-hakim.tj

163. Ҳаким, А. Аз ғазал то шеъри озод.web- сомона:www.askar-hakim.tj

164. Нодирова А. Мавзуи ватандӯстӣ дар шеъри Муҳаммад Ғоиб. https://new.kgu.tj/tj/news/826

165. Раҳим, А. Муҳаммад Ғоиб. Дунёи нотакрори зебоӣ. https://jumhuriyat.tj.

## VI. НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### А) Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М.] Салими Хатлонӣ, Раҷабалиева, Ш. Р. **Тавсифи чеҳраҳои мондагор ва номҳои таърихӣ дар шеъри Муҳаммад Ғоиб** [Матн] / Хатлонӣ С., Р. Ш. Раҷабалаиева // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – № 3 (55). – С. 219-226.

[2-М.] Раҷабалиева Ш. Р. **Доираи мавзуъоти ашъори Муҳаммад Ғоиб** [Матн] / Ш.Р. Раҷабалиева // Паёми Донишгоҳи Бохтар. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – № 1/1 (131). – С. 55-59

[3-М.] Раҷабалиева Ш.Р. **Ҷойгоҳи ғазал дар шеъри Муҳаммад Ғоиб** [Матн] / Ш.Р. Раҷабалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 8- С. 204-211.

[4-М.] Раҷабалиева Ш. Р. **Бадеият ва хусусиятҳои забонӣ дар ашъори Муҳаммад Ғоиб** [Матн] // Ш. Р. Раҷабалиева // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. – № 1 (57). – С. 280-286.

[5-М.] Раҷабалиева Ш. Р. **Ошкор намудани ҳунари шоирии Муҳаммад Ғоиб** / Ш. Р. Раҷабалиева // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. – № 2 (58). – С. 324-329.

**Б) Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М.] Раҷабалиева Ш. Р. **Тарзи истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Муҳаммад Ғоиб** / Ш.Р. Раҷабалиева // Маводи конференсияи байналмилалии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Актуальные проблемы языкознаниямавзуъҳоилитературоведения в современном времени». – Душанбе, 2022. – С. 323-330.

[7-М.] Раҷабалиева Ш. Р. **Ҳунари дубайтиофарии Муҳаммад Ғоиб** / Ш.Р. Раҷабалиева // Маводи конференсияи байналмилалии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: Назария ва методҳои таҳқиқи тарҷуманопазирӣ». –Душанбе, 2024. – С. 573-579.

[8-М.]Раҷабалиева Ш. Р. **Мавқеи шеъри озод дар ашъори Муҳаммад Ғоиб /** Ш.Р. Раҷабалиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир». –Душанбе, 2023. – С. 265-271.